Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ш. УБАЙДУЛЛОЕВ, Б. ҒАФУРОВ,
Д. УБАЙДУЛЛОЕВА**

# ТАЙЁРИИ ИБТИДОИИ ТОДАЪВАТӢ

*Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои
11-уми муассисаҳои таълими миёна*

Нашри 1-ум

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон*

Тошканд – «ИЛМ ЗИЁ» – 2018

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**УДК: 355.253.2(075.3)=222.8**
**ББК 68.49 (5О‘)3**

*Тақризчиён:* **А. ШУМАН** — сардори садорати тайёркунии кадрҳои ҳарбии вазорати мудофиаи Республикаи Ӯзбекистон, полковник;
**М. ТИНИБЕКОВ** — муаллими калони институти ҳифзи шаҳрванд;
**И. МАМАТОВ** — муаллими факултети тиббиёти ҳарбии назди Академияи тиббиёти Тошканд, полковник;
**А. СОТБОЛДИЕВ** — дотсенти кафедраи ҳарбии Донишгоҳи давлатии педагогии Тошканд ба номи Низомӣ;
**Ҳ. АТАЖАНОВ** — муаллими ҳарбии “ТИТД”-и мактаби таълими умумии миёнаи 102 ноҳияи Шайҳонтохур;
**Т. КАРИМОВ** — муаллими ҳарбии “ТИТД”-и мактаби 5 ноҳияи Юнусобод;
**М. РАҲМАНОВ** — раҳбари ҳарбии Литсейи академии

**Т 20** **Убайдуллоев Ш. ва диг.**
**Тайёрии ибтидоии тодаъватӣ. Китоби дарсӣ барои синфи** 11 / Ш. Убайдуллоев, Б. Ғафуров, Д. Убайдуллоева. – Тошканд: «ИЛМ ЗИЁ», 2018. — 200 саҳ.

ISBN 978-9943-16-433-8

Дар ин китоби дарсӣ дар бораи ҳифзи шаҳрванд, асосҳои бехатарии ҳаёт, ҳифзи инсон дар вазъиятҳои хатарнок ва фавқулодда, асосҳои ҳуқуқии хизмати ҳарбӣ, асосҳои кори ҳарбӣ, тайёрии тирпарронӣ, тайёрии саф, ҳарбии амалӣ, тайёрии ҷисмонӣ ва асосҳои донишҳои тиббӣ маълумот дода шудааст. Хонандагон мавзӯъҳои дар китоб додашударо азхуд намуда, соҳиби малакаи амал кардан дар ҳоли содир шудани вазъияти фавқулодда мешаванд.

Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11 ва муаллимоне, ки аз ин фан дарс медиҳанд, пешбинӣ шудааст.

**УДК: 355.253.2(075.3)=222.8**
**ББК 68.49 (5О‘)3**

**Аз ҳисоби маблағҳои бунёди мақсадноки китоби Республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-16-433-8

© Ш. Убайдуллаев ва диг., соли 2018.
© Хонаи нашриёти «ИЛМ ЗИЁ», соли 2018.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

Ислоҳотҳоеро, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон пеш бурда мешавад, давом дода, раҳбари давлати мо Ш.Мирзиёев таъкид намуд,

ҳаёт татбиқ намудани онҳо, тарбия намудани кадрҳои ҳарбии аз ҳар ҷиҳат пухта тайёршуда, ба Ватани худ содиқ, баландихтисос, аз тарафи давлат кафолат додани ҳимояи иҷтимоии онҳо омили ҳалкунанда ва асосӣ мебошад. Аз ҳамин боис, дар ҳамаи муассисаҳои таълимии республика корҳои амалӣ оид ба татбиқ намудан ва баланд бардоштани савияи фанҳои доир ба тарбияи ватанпарварӣ оғоз шудааст».

Китоби мазкур, ки дар даст доред, давоми китоби дарсии «Тайёрии ибтидоии тодаъватӣ» барои синфи 10 буда, дар асоси барномаи барои синфи 11 пешбинишуда, офарида шуд. Китоб аз қисмҳои зерин иборат: қисми 1: Ҳифзи шарҳрванд. Асосҳои бехатарии ҳаёт. Ҳифзи инсон дар вазъиятҳои хавфнок ва фавқулодда; қисми 2: Тайёрии саф; қисми 3: Асосҳои ҳуқуқии хизмати ҳарбӣ; қисми 4: Асосҳои кори ҳарбӣ; қисми 5: Тайёрии тирпарронӣ; қисми 6: Тайёрии ҷисмонии ҳарбии амалӣ; қисми 7: Асосҳои дониши тиббӣ.

Дар китоб аз фармон, қарор, низом, васоити таълим ва дигар адабиётҳо доир ба соҳаи ҳарбӣ васеъ истифода бурда шудааст.

Барои ба хонандагон осон шудани азхудкунии мавзӯъҳои китоби дарсӣ аз маълумотҳои расм ва нақшаҳо истифода истифода бурда шуд. Дар хотимаи ҳар як боб ба мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии мавзӯъ саволҳои назоратӣ дода шудааст.

Фанни «Тайёрии ибтидоии тодаъватӣ» бо фанҳои аз қабили химия, физика, тарбияи ҷисмонӣ узван вобаста буда, он ба ҷавонон дар оянда ҳангоми ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон ба хизмат даъват шудан ва иҷро кардани қарзи конститутсионии худ кӯмак мерасонад.

Дар таълими ҳарбии ҷавонон, ба онҳо машқҳо, ҳаракатҳо ва амалҳоеро, ки дар фаъолияти омӯзишӣ-ҷанговарии қӯшунҳо иҷро мешаванд, то қадри

назар дошта мешавад. Дар натиҷаи бисёр такрор кардани ин машқҳо дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *ҚИСМИ I.* ҲИФЗИ ШАҲРВАНД. АСОСҲОИ БЕХАТАРИИ ҲАЁТ. ҲИФЗИ ИНСОН ДАР ВАЗЪИЯТҲОИ ХАВФНОК ВА ФАВҚУЛОДДА

## *Боби 1.* ТАШКИЛ НАМУДАНИ НИЗОМИ ЯГОНАИ ПЕШГИРӢ ВА ҲАРАКАТ ДАР ВАЗЪИЯТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

### *1.1. Низоми давлатии пешгирӣ ва ҳаракат дар вазъиятҳои фавқулодда (НДВФ)*

Баъди ноил шудан ба истиқлолият, дар асоси қонунҳое, ки барои ҳаёти осоишта ва фаровони халқ қабул карда шуданд, дар ҳамаи идораҳо, муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои зарурӣ гузаронида мешаванд. Дар доираи ин корҳо ба масъалаҳои ҳифзи шаҳрванд аҳамияти хос дода мешавад.

Ба мақсади ба ҳаёт татбиқ намудани ин вазифаи муҳим Фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи ташкил кардани Вазорати вазъиятҳои фавқулодда» эълон карда шуд ва мувофиқан ба ҳамин Вазорати вазъиятҳои фавқулодда ташкил ёфт.

Ба вазифаҳои асосии Вазорат ташкил намудани низоми самараноки ҳифзи аҳолӣ ва объектҳои хоҷагии халқ аз офатҳои табиӣ, пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои вазъиятҳои табиӣ ва техноген дар республика, инчунин, ташкил кардани пешгирии вазъиятҳои фавқулодда ва низоми ягонаи ҳаракат дохил мешавад. Ба ҳамин мақсад, қарори Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи боз ҳам такмил додани низоми давлатии пешгирӣ ва ҳаракат дар вазъиятҳои фавқулодда» қабул карда шудааст.

Вазъияте, ки дар натиҷаи авария, ҳалокат, ҳодисаи хавфноки табиӣ, офатҳои табиӣ ва ҳоказо дар ҳудуди муайян ба вуҷуд омадааст ва мумкин ба қурбон шудани одамон, расидани зарар ба саломатии онҳо ё худ ба муҳити атроф, ба сар задани талафоти ҷиддии моддӣ ва аз роҳ баровардани шароити фаъолияти ҳаёти одамон оварда расонад ё оварда расонидааст; маҷмӯи чораҳо, усулҳо, низоми воситаҳо ва саъйу ҳаракатҳо оид ба пешгирӣ кардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

пешакӣ гузаронида шуда, барои то қадри имкон кам кардани хавфи рӯй додани вазъиятҳои фавқулодда, дар ҳоли рӯй додани чунин вазъиятҳо бошад ба нигоҳ доштани саломатии одамон, кам кардани зарар ба муҳити атрофи табиӣ ва миқдори талафоти моддӣ нигаронида шудааст; маҷмӯи корҳои авария-халоскунӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир, ки ҳангоми рӯй додани вазъиятҳои фавқулодда гузаронида шуда, ба нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатии одамон, кам кардани зарар ба муҳити атрофи табиӣ ва миқдори талафоти моддӣ, инчунин, зонаҳои вазъиятҳои фавқулоддаро ба ҳалқа гирифта, ба барҳам додани таъсири омилҳои хавфнок нигаронида шудаанд.

Вазифаҳо, сохтор, дараҷаҳо, идора ва органҳои мувофиқсозии НДВФ.

Органҳои идораи НДВФ, органҳои давлатӣ ва идораи хоҷагӣ, органҳои ҳокимияти маҳаллии давлатӣ қувва ва воситаҳои дигар ташкилотҳоеро, ки дар вазъиятҳои фавқулодда ҳал кардани масъалаҳои ҳимояи аҳолӣ ва ҳудуд ба ваколати онҳо дохил мешавад, муттаҳид мекунанд ва ташкил намудану ба амал баровардани тадбирҳои пешгирӣ ва бартараф намудани вазъиятҳои фавқулодда, дар ҳоли сар задани вазъиятҳои фавқулодда ташкил кардани ҳифзи бехатарии аҳолӣ ва муҳити атрофи табиӣ, инчунин, дар замони осоишта ва ҳарбӣ кам кардани зарарро ба иқтисодиёти давлат таъмин месозанд.

Ба амал баровардани сиёсати давлат дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо дар замони осоишта ва ҳарбӣ, кор карда баромадани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва татбиқ намудани онҳо; прогноз кардани вазъиятҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ дар ҳудуди республика, арзёбӣ кардани оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо; коркард ва ба амал баровардани барномаҳои илмӣ-техникии мақсаднок ва маҷмӯавӣ оид ба пешгирии вазъиятҳои фавқулодда, таъмини бехатарии одамон, паст кардани таваккали технологияҳои хавфнок ва истеҳсолот, афзудани барқарорӣ дар фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёт ва дигар ташкилотҳо; таъмин намудани тайёрии ҳамешагии органҳои идора, қувва ва воситаҳое, ки ба пешгирии вазъиятҳои фавқулодда ва бартарф намудани онҳо пешбинӣ шудаанд; ҷамъоварӣ, коркард, табдил ва додани ахборот оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо дар вазъиятҳои фавқулодда; тайёр кардани аҳолӣ, шахсони мансабдори органҳои идора, қувва ва воситаҳои НДВФ ба роҳу усулҳои ҳаракат дар вазъиятҳои фавқулодда; офаридани захираи ресурсҳои молиявӣ ва моддӣ барои бартараф кардани вазъиятҳои фавқулодда; ба амал баровардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар вазъиятҳои фавқулодда; бартараф намудани вазъиятҳои фавқулодда; ба амал баровардани тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии аз вазъиятҳои фавқулодда ба амал баровардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон, аз он ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулодда ба роҳ мондани ҳамкории байналхалқӣ; таъмини низоми мақбули суғурта аз вазъиятҳои эҳтимолии фавқулодда вазифаи асосии НДВФ ба ҳисоб меравад.

НДВФ соҳиби се дараҷаи иборат аз низомҳои ҳудудӣ ва поёнии функсионалӣ дар миқёси республика, маҳаллӣ ва объектҳо мебошад, ки дар таркибашон сохтори ахборот-идоравӣ фаъолият дорад.

– ҳар як дараҷаи НДВФ аз инҳо иборатанд:

– органҳои раҳбарии НДВФ;

– органҳои ҳаррӯза идоракунандаи НДВФ;

– қувва ва воситаҳои бартараф намудани вазъиятҳои фавқулодда;

– захираҳои молиявӣ ва моддӣ барои бартараф кардани вазъиятҳои фавқулодда;

– низоми автоматикунонидашудаи хабар додан, низоми алоқа, таъмин намудан бо идоракунӣ ва ахборот.

Сохторҳои поёнии ҳудудии НДВФ дар доираи ҳудуди маъмурии худ, барои пешгирии вазъиятҳои фавқулодда ва бартараф намудани онҳо, дар Республикаи Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд таъсис дода мешавад, ҳамчунин онҳо аз шӯъбаҳои ба миқёси ноҳия, шаҳр, шаҳрчаҳо, қишлоқҳо ва овулҳо тааллуқдошта иборат мебошанд.

Сохторҳои поёнии функсионалии НДВФ барои ба амал баровардани мушоҳида ва назорати ҳолати муҳити атроф ва объектҳои хавфноки дараҷаи баланд дар органҳои идораи давлат ва хоҷагӣ, дигар ташкилотҳо ва объектҳо, инчунин барои пешгирӣ ва бартараф намудани вазъиятҳои фавқулодда дар объектҳои мансуби идоравӣ ташкил карда мешаванд ва онҳо аз хизматҳои НДВФ, органҳои назорати давлатии сохторҳои поёнӣ, қувва ва воситаҳо иборат мебошанд.

Хизматҳои НДВФ, органҳои назорати давлатӣ, инчунин дигар ташкилотҳои мушоҳида ва назорат, вазифаҳои қувва ва воситаҳои бартараф



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ташкил кардан, инчунин таркиби онҳо дар органҳои идораи давлат ва хоҷагӣ, ҳамчунин функсияҳои дигар ташкилотҳо дар соҳаи мушоҳида ва назорати ҳолати муҳити атроф, дар ҳоли ба ҳисоб гирифтани хусусияти технологияҳои истеҳсолот дар объектҳои хавфноки дараҷаи баланди мансуби идоравӣ бо низомҳо дар бораи сохторҳои поёнӣ муқаррар карда мешаванд ва дар ҳоли мувофиқат бо Вазорати вазъиятҳои фавқулоддаи Республикаи Ӯзбекистон (минбаъд ВВФ) аз тарафи раҳбарҳои органҳои идораи давлатӣ ва хоҷагӣ, дигар ташкилотҳо тасдиқ карда мешавад.

– сохтори ахборотӣ-идоравии НДВФ инҳоро дар бар мегирад:

– маркази идораи вазъиятҳои бӯҳронии ВВФ;

– марказҳои ахборот-таҳлилии сохторҳои поёнии ҳудудӣ ва функсионалии НДВФ;

– марказҳои ахбороти органҳои мушоҳида ва назорати ҳолати муҳити атрофи табиат ва объектҳои хавфноки дараҷаи баланд;

– пунктҳои идораи муқим;

– пунктҳои сайёри идораи қувва ва воситаҳои бартараф намудани вазъиятҳои фавқулодда;

– хизматҳои навбатдорӣ-диспетчерии сохторҳои поёнии ҳудудӣ ва функсионалии НДВФ;

– низоми автоматикунонидаи таъмин намудан бо воситаҳои алоқа ва расонидани ахборот, аз он ҷумла, таъмин намудани идоракунӣ бо ахборот.

Сохтори ахборотӣ-идоракунӣ бояд инҳоро таъмин намояд:

– ҷамъоварӣ ва азнав коркарди маълумотҳо дар бораи ҳолати сейсмологӣ, геологӣ, ҳодисаҳои хавфноки гидрометеорологӣ, авария ва ҳалокатҳо дар саноат ва нақлиёт, эпидемияҳо, эпизоотияҳо, эпифитотияҳо, радиоактивӣ, кимёвӣ ва биологӣ (бактериологӣ), ки аз сохторҳои поёнии ҳудудӣ ва функсионалии НДВФ гирифта шудаанд;

– ба органҳои раҳбарикунанда, ба органҳои ҳаррӯза идоракунандаи НДВФ, қувва ва воситаҳои бартараф кардани вазъиятҳои фавқулодда инчунин ба аҳолӣ дар бораи ҳолатҳо, хусусиятҳо, миқёси паҳншавӣ ва давомнокии содир шудани вазъиятҳои фавқулодда, оқибаҳои эҳтимолӣ, тартиби ҳаракат дар вазъиятҳои фавқулодда хабар додан;

– мубодилаи ахборот байни сохторҳои поёнӣ ва шохаҳо, органҳои идоракунандаи НДВФ, пунктҳои идоракунанда, қувва ва воситаҳои ба поён



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мезон, мазмун ва шакли ахборот дар бораи вазъиятҳои фавқулодда, муддат ва тартиби тақдими онҳо ба сохторҳои поёнӣ ва шохаҳои НДВФ, инчунин ба аҳолӣ бо раҳнамо дар бораи ҳамкорӣ ва хабаррасонӣ ҳаррӯза байни органҳои давлат ва хоҷагӣ, органҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба вазъиятҳои фавқулодда, ки аз тарафи сардори ҳифзи шаҳрванди Республикаи Ўзбекистон тасдиқ карда мешавад, муқаррар карда мешавад.

Органҳои раҳбарикунанда НДВФ – ин, органҳои идоракунандаи давлатӣ ва хоҷагӣ, органҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва дигар ташкилотҳо ва объектҳое мебошанд, ки ба ваколати онҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулодда, ҳалли масъалаҳои зерин дохил мешавад:

дар сатҳи республика – аппарати марказии ВВФ, органҳои идоракунандаи давлатӣ ва хоҷагӣ, инчунин ташкилотҳое, ки дар сатҳи баланд барои назорат ва мушоҳидаи ҳолати объектҳои хавфнок масъуланд, ҳамчунин ташкилотҳое, ки дар объектҳояшон моддаҳои кимёвӣ, тарканда ва эҳтимоли сӯхторбароранда доранд;

— дар сатҳи маҳаллӣ — органҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ;

— дар сатҳи объектҳо — маъмурияти ташкилотҳо ва объектҳо.

НДВФ, ҷавобгарии пурра барои ташкили фаъолияти сохтор ва шӯъбаҳои поёнии он, таъмин кардани тайёрии он барои иҷрои вазифаҳои муҳофиза кардани аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулодда ба зиммаи роҳбари органи додашуда монда мешавад.

Қувва ва воситаҳои НДВФ аз зеринҳо иборат аст:

— қӯшунҳои муҳофизаи шаҳрвандӣ;

— сохторҳои бевосита ба ВВФ тобеъи ихтисосгардонидашудаи республика, сохторҳои наҷотдиҳанда;

— шӯъбаҳо ва сохторҳои аз ҷиҳати касбӣ ихтисосгардонидашудаи вазорат ва идораҳо, шӯъбаҳои халоскунӣ ва сохторҳои халоскунии сохтори поёнии функсионалӣ ва ҳудудии НДВФ дар сатҳи республика, маҳаллӣ ва объектҳо;

— Отрядҳои ихтиёриёни Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Ўзбекистон (командаҳо, гурӯҳҳо), ташкилоти «Ватанпарвар»–и кӯмакгар ба мудофиа.

Аз ҳолат ва миқёси вазъиятҳои фавқулоддаи прогнозшудаистода ё ба вуҷуд омада баромада бо қарори Сарвазири Республикаи Ўзбекистон —



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шӯрои Вазирони Республикаи Қароқалпоқистон, ҳокими вилоятҳо ва шаҳри Тошканд дар доираи ҳудуди муайян яке аз режимҳои зерини фаъолияти НДВФ ҷорӣ карда мешавад:

—режими фаъолияти ҳаррӯза— дар вазъияти ҳаррӯзаи дар меъёрбудаи истеҳсолӣ-саноатӣ, радиатсионӣ, кимёвӣ, биологӣ (бактериологӣ), сейсмикӣ ва гидрометеорологӣ, набудани эпидемияҳо, эпизоотияҳо ва эпифитотияҳо;

— режими тайёрии баланд — ҳангоми бад шудани вазъияти истеҳсолӣ-саноатӣ, радиатсионӣ, кимёвӣ, биологӣ (бактериологӣ), сейсмикӣ ва гидрометеорологӣ, гирифтани прогноз оид ба эҳтимоли ба вуҷуд омадани вазъи фавқулодда;

Асосӣ ҳисобида мешаванд:

а) дар режими фаъолияти ҳаррӯза:

— ба амал баровардани мушоҳида ва назорати ҳолати муҳити атроф, вазъи объектҳои дараҷаи хавфашон баланд ва ҳудудҳои атрофи он;

— пешгирии вазъиятҳои фавқулодда, таъмин намудани амнияти аҳолӣ ва ҳифзи он, кам намудани зарар ва зиёни эҳтимолӣ, ҳамчунин сохтани нақшаи мақсаднок ва дастуруламали илмӣ–техникӣ ва иҷрои чора–тадбирҳо оид ба баланд намудани барқарории соҳаҳои иқтисодиёт ва сохторҳои таъминоти ҳаёт, биноҳои зист ва объектҳои саноатӣ дар шароити вазъиятҳои фавқулодда;

— такмил додани тайёрии ҳаракати органҳои идора оид ба вазъиятҳои фавқулодда ва қувваҳои НДВФ ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда, ташкил намудани омӯзиши аҳолӣ ба усулҳои муҳофиза ва ҳаракат ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда;

— офаридани захираҳои молиявӣ ва моддӣ ва пур кардани онҳо барои бартараф кардани вазъиятҳои фавқулодда;

— ба амал баровардани навъҳои мақсадноки суғурта;

б) дар режими тайёргарии баланд:

— дар бораи хавфи пеш омадани вазъиятҳои фавқулодда органҳои роҳбарии давлат ва хоҷагӣ, органҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва ташкилотҳои дигар, ҳамчунин аҳолиро хабардор кардан;

— аз тарафи органҳои роҳбарии давлат ва хоҷагӣ, органҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва ташкилотҳои дигар ба зиммаи худ гирифтани роҳбарии бевосита аз болои фаъолияти сохторҳо ва шӯъбаҳои поёнии НДВФ, ҳангоми



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

минтақаҳои офат ташкил кардани гурӯҳи фаврӣ, барои ба эътидол овардани вазъият таклифҳо кор карда баромадан;

— дар пунктҳои доимии ҷойгирӣ ҷорӣ кардани навбатдории шабонарӯзии роҳбарони НДВФ;

— ташкил кардани навбатдории гурӯҳҳои фаврии раёсатҳои (шӯъбаҳои) ҳудудии оид ба вазъиятҳои фавқулодда ва органҳои идораи давлатӣ ва хоҷагӣ, объектҳо ва ташкилотҳои дигар;

— пурзӯр намудани мушоҳида ва назорати ҳолати муҳити атроф, вазъияти объектҳои хавфнок ва ҳудудҳои атрофи он, прогноз кардани эҳтимоли ба миён омадани вазъиятҳои фавқулодда, микёс ва оқибатҳои он;

— дар шароити вазъиятҳои фавқулодда муҳофиза кардани аҳолӣ ва муҳити атроф, ҳамчунин, амалӣ кардани тадбирҳо барои барқарор фаъолият кардани биноҳои зист, сохторҳои таъминоти ҳаёт, объектҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт;

— ба ҳолати тайёрӣ овардани қувваҳо ва воситаҳо, муайян кардани нақшаи ҳаракати онҳо, ҳамчунин ҳангоми зарурат ба ҳудуди тахминии вазъияти фавқулодда кӯчонидан;

д) дар режими фавқулодда:

— хабардор кардани органҳои роҳбарии давлат ва хоҷагӣ, органҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дар бораи ба миён омадани вазъиятҳои фавқулодда, хабардор кардани аҳолӣ;

— ба ҳудуди вазъиятҳои фавқулодда кӯчонидани гурӯҳҳои фаврӣ;

— ташкил кардани ҳифзи аҳолӣ;

— ташкил кардани бартараф намудани вазъиятҳои фавқулодда;

— муайян намудани сарҳади минтақаи вазъиятҳои фавқулодда;

— таъмин намудани устувор фаъолият кардани объектҳои иқтисодиёт, ташкил кардани таъмини шароити ҳаёти аҳолии зарардида;

— бурдани мониторинги ҳолати муҳити атрофи ҳудуди вазъиятҳои фавқулодда, объектҳои аварияшуда ва ҳудудҳои ба онҳо ҳамшафат.

### *1.2. Дар мактаб сохта шудани нақшаи пешгирӣ кардани вазъиятҳои фавқулодда ва ҳаракатҳои бартараф кардани он*

Сарфи назар аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар ҳар мактаб нақшаи ҳаракатҳо оид ба пешгирӣ ва бартараф кардани вазъиятҳои фавқулоддаи хусусити



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар ҳар шароит ҳаддалимкон кам намудани ҳолати қурбон шудани инсонон ва ба бойигариҳои моддӣ расидани зарар равона бояд карда шавад.

Нақшасозӣ бояд ба муайян кардани дараҷаи хавфи дар объект содир шудани вазъиятҳои фавқулодда, башорат кардани вазъиятҳои дар натиҷаи содир шудани фалокатҳо ва офатҳои табиӣ ба миён меомада, ҳаматарафа омӯхтани захираи моддӣ ва инсонҳои мавҷуд асос ёфта бошад.

Дар ҳолати вазъиятҳои фавқулодда огоҳ намудани аҳолӣ, миқдори шудани онҳо, муддати, тартиби ташкилкунӣ ва иҷро, дидани чораҳои фаврӣ оид ба аз садама, ҳалокатҳо ҳифз кардани (аҳолӣ) ходимони мактаб ва донишомӯзон, ҳамчунин ташкили корҳои халоскунӣ ва бурдани онро муайян мекунад.

Нақшаи ҳаракатҳо оид ба пешгирӣ ва бартараф кардани вазъиятҳои фавқулодда аз ду қисм иборат аст:

— *хавфу хатарҳои потенсиалӣ дар мактаб (обект) ва ҳудудҳои ба он ҳамсоя.*

Дар ин қисм аварияҳои калон, корхонаи, моддаҳои кимёвии ба обект хавфандозандаи эҳтимоли содир шудани ҳалокатҳои истеҳсолӣ буда ва аз роҳҳои оҳани борҳои хавфнок гузаранда ва боршаванда, стансияҳо (истгоҳҳо), ҳудудҳои аз нуқтаи назари эпидемикӣ, эпизоотикӣ ноқулай нишон дода мешавад;

— *чораҳои иҷрошаванда (дар режими тайёрии баланд) ҳангоми пайдошавии хавфи содир шудани аварияҳои калон, ҳалокат ва офатҳои табиӣ, ҳаракатҳои террористӣ.*

Ин қисм:

а) тартиби хабаркунии органҳои идора, роҳбарон, коргарон ва аҳолӣ дар бораи хавфи содир шудани вазъиятҳои фавқулодда;

б) миқдор, муддати чораҳои оид ба огоҳкунӣ ва кам намудани вазъиятҳои фавқулодда гузаронидашуда, қувва ва воситаҳои ҷалбшуда;

в) восита ва қувваи мавҷуд, иншооти ҳимоя, заминканҳои ғайр, бино ва иншооти рӯйи заминро маҳкам карда, барои пинҳон намудани ходимони мактаб, донишомӯзон ва аҳолӣ тайёр кардан;

г) тайёр намудани воситаҳои шахсии ҳимоя ва ба ходимони мактаб ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

д) иштирок кардан дар тайёр намудани нақлиёти барои эвакуатсияи ходимони мактаб ва донишомӯзон ҷудошуда ва минтақаҳои аз шаҳр берун;

е) гузаронидани чораҳои ҳимоявии тиббӣ ва муқобили эпидемияҳо;

ё) чораҳои зиддисӯхтор ва тайёрӣ ба бесадама бозистонидани истеҳсолотро фаро мегирад.

Ҳар як донишомӯз бояд: донад, ки ҳангоми содир шудани вазъиятҳои фавқулодда чӣ бояд кард, дар ҳаёти ҳамарӯза дар ҳудуди мактаб ва берун аз мактаб қоидаҳои ҳаракати дурустро азхуд намояд, чораҳои бехавфии зидди сӯхторро иҷро кунад, донад, ки воситаҳои ҳимоя дар куҷо нигоҳ дошта мешаванд, чӣ тавр истифода мешаванд, қоидаҳои ба атрофиён расонидани ёрии аввалро донад, ҳангоми эвакуатсия фармонҳои роҳбаронро тез ва дуруст иҷро кунад.

### *Саволҳои назоратӣ*

1. Вазъиятҳои фавқулодда гуфта чиро мефаҳмед?
2. Вазорати вазъиятҳои фавқулодда кай ва бо кадом мақсад ташкил карда шудааст?
3. Органҳои роҳбарии НДВФ кадоманд?
4. Ба доираи қувва ва воситаҳои назорати вазъиятҳои фавқулодда кадомҳо медароянд?
5. Ҳангоми содир шудани вазъияти фавқулодда маҷбуриятҳои донишомӯзон аз чӣ иборат аст?

## *Боби 2.* ҲИФЗИ САЛОМАТӢ АЗ ТАЪСИРИ МАНФИИ МУҲИТИ АТРОФ, БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ ВА НОСИРОЯТӢ

### *2.1. Таъсири манфии муҳити атроф ба организми инсон*

Ба организми инсон муҳити атрофамон таъсири калон мерасонад. Обу ҳавои тоза, заминҳои серҳосил барои хуб ва солим зистани инсон шартҳои зарууртарин аст. Агар ҳавои атрофамон ифлос бошад, он метавонад ба организми инсон бо роҳҳои нафас дарояд.

Дар оби ифлос микроорганизмҳои патогенӣ буда метавонанд. Ҳар гуна омехтаҳои токсикӣ бо об ба узвҳои дарунии инсон дароянд, ба саломатии он зарари калон мерасонад. Агар обҳои равон ва заминҳои атрофамон заҳрнок шавад, ба ҳосилдории он зарар мерасад. Дар табиат ҳазорҳо микроорганизмҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мекунанд.Ин мавҷудоти зинда аз ҳаво, об ва замин истофода мебаранд. Дар байни онҳо мавҷудоти фоидаовар ва зараровар ҳастанд.

Одам ҳангоми баҳодиҳии замин тарафҳои фоиданоки онро мекобад. Зеро дар рӯйи замин ва зери он боигариҳо хеле зиёданд. Ба замин чизҳои зиёдро коридан мумкин аст. Афсуски дар вақтҳои охир инсоният ба табиат зарари калон расонида истодааст, чун мисол ба замин ва об партофта шудани ҳар гуна партовҳоро овардан мумкин аст. Дар оқибат об ва замин ифлос мешавад ва организмҳои зиндаи дар он мавҷуд буда ҳалок мешаванд. Дуде, ки аз завод ва фабрикаҳо мебарояд, зарари калон оварда, ба сабзиши растаниҳо роҳ намедиҳад ва ба заминҳои атроф зарари калон мерасонад.

Хавфти аз ҳама калонро ба замин металлҳо меоранд. Дар байни онҳо симоб, кадмий, мис, хром, ванадий ҳаст, ки эҳтимоли баланди аз заводу фабрикаҳо ба замин партофташавиашон ҳаст.

Якҷоя бу дуди аз автомобилҳо бароянда ҳарсола ҳазорҳо тонна моддаҳои заҳрнок ба ҳаво мебарояд. Бар болои ин, моддаҳои заҳрнок якҷоя бо металлҳои вазнин дар шакли газ ба ҳаво боло мешаванд. Дар байни онҳо карбонат, нитроген ва гидрокарбонатҳоро алоҳида нишон додан мумкин аст.

Омехтаҳои аз ҳама зиёд дучоршаванда хокистар ва чанг аст. Хокистар дар натиҷаи сӯхтани нефт, ангишт, сӯзишворӣ ва маҳсулотҳои дигар пайдо мешавад.

Асбест, ки дар сохтмон бисёр истифода мешавад, дар органҳои нафаси инсон (шуш) монда, ба бемориҳои вазнин оварданаш мумкин аст. Он тавассути нафас ба организм даромада, инсонро ба беморӣ дучор мекунад.

Барои инсон зарари калонтаринро пеститсидҳо мебиёрад. Онҳо дар хоҷагии қишлоқ ба таври васеъ истифода мешавад. Қоидаҳои истифода аз онҳо мавҷуд аст. Аммо агар ин қоидаҳо вайрон карда шавад, ба системаи асаб, чашми инсон, органҳои нафаскашӣ ва пӯсти ӯ зарари калон мерасонад.

Партовҳои радиоактивии дар муҳити атроф буда барои инсон хеле хавфнок аст. Онҳо аз заводҳо ба дарё ва кӯлҳо афтоданашон мумкин аст. Ин, нурҳои ултрабунафш ва ҳар гуна омехтаҳои кимёвӣ ҳам ба инсон зарари калон мерасонанд.

Вақтҳои охир ба табиат воситаҳои синтетикии ҷомашӯӣ зарари ниҳоят калон расонида истодаанд. Ин маҳсулотҳо ҳоло дар тамоми сайёраамон мавҷуд аст.

Одамон ба кӯл ва дигар ҷойҳои оббозӣ, ки бо воситаҳои синтетикии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

истодаанд. Тавассути табиати ифлосшуда дар инсон тағйиротҳои генӣ (мутатсия) пайдо мешавад. Ин тағйиротҳо мутагенез номида мешавад.

Ифлосшавии муҳити атроф ба фонди генетикии одамзод ҳам таъсир мекунад. Моддаи вайронкунандаи генҳои одам *мутаген аст*. Мутагенҳо баъди ба организми одам даромадан сабаби пайдошавии бемориҳои гуногун мешаванд. Дар байни онҳо бемориҳои рагҳои хунгард ва саратон бисёр вомехӯрад. Баъди ба организм афтодани мутагенҳо организм бо онҳо мубориза мебарад. Барои муқобилат кардан ба мутагенҳо инсон бояд маҳсулоти аз витамин бойро истеъмол кунад.

### *2.2. Омилҳои асосии хавфноки ба бемориҳои сироятӣ ва носироятӣ сабабшаванда*

*Бемориҳои сироятӣ (инфексион)* — ин барангезандаҳои махсуси беморист: гурӯҳи бемориҳои бактерияҳо, вирусҳо, замбурӯғҳои якҳуҷайрадор барангезанда мебошад.

Сабаби бевоситаи дар организми инсон пайдо шудани бемории сироятӣ ба организми инсон афтидани барангезандаи беморӣ, ба бофта ва ҳуҷайраҳо таъсир кардани он аст.

Вазнинии беморӣ, хусусиятҳои клиникӣ ва оқибати беморӣ асосан ба ҳолати организми инсон, хусусан имкони физиологии инсон ва системаи иммуни он вобаста аст.

Баъзе бемориҳо ҳастанд, ки сироят намекунанд, яъне ба организми инсон барангезандааш наафтад, ҳам беморӣ пайдо мешавад. Ба ин гурӯҳ инфаркт (сактаи дил), инсулт, захми меъда, варами кӯррӯда медароянд. Гарчи ин бемориҳо сироятӣ нест, аммо ба инсон хатар меандозад. Дар организми инсон мавҷуд будани микробҳои махсуси ба вуҷудоварандаи беморӣ ва мумкин будани аз одам ба одами дигар сироят кардани беморӣ аз аломатҳои асосии бемориҳои сироятист.

Сабабҳои аслии бемориҳои сироятӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар корҳои илмии Л. Пастер, Р. Кох, И. И. Мечников ва олимони дигар нишон дода шудаанд.

Баъзе бемориҳо (вабо, домана, паратиф, дизентерия ва инфексияҳои дигари рӯда) ба воситаҳои роҳҳои ҳазм (об ва озуқаи ба он наҷосати бемор афтида ё дастҳои нашустаи ба он зарраи наҷосат расида) сироят мекунад. Ба гурӯҳи бемориҳое, ки сабаби пайдошавиаш ҳангоми сурфа



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ва ба роҳҳои нафас (инфексияҳои қатрагӣ)даромадани онҳо аст, грипп, кабудсулфа, паротит, дифтерия, сурхча ва дигарҳо медароянд.

Баъзе бемориҳо ба воситаи ҳашароти хунхор (шабушк, хомӯшак, кайк, кана ва ҳоказо) сироят мекунад (варача, домана, арақаи муқаррар, энсефалитҳои тавассути кана ва хомӯшак сирояткунанда, табларзаи хомӯшак ва ҳоказо). Бемориҳое, ки ҳангоми ба бемор наздик шудан, истифодаи зарф ё чизҳои ӯ сироят мекунанд (бемориҳои таносулӣ, сӯхтанӣ, қӯтур ва дигар), гурӯҳи алоҳидаро ташкил мекунад.

Бемориҳои инфексионӣ якчанд рӯз (грипп, сурхча, табларзаи хомӯшак) ё якчанд ҳафта (варача, домана) ё моҳҳо, солҳо давом карда метавонад (сил, махав, захм).

Пайдошавии бемориҳои инфексионӣ ба миқдори микробҳои патогении ба организм даромада, вирулентӣ (хусусияти сирояткунӣ, паҳнкунӣ), ҷойи даромадааш,синни бемор, моилӣ ба инфексия, ҳамчунин, муҳити берунаи дар атрофи микроб буда (дар шароити номусоид вирулентии микроб кам мешавад) вобаста аст.

Дар пайдошавии бемориҳои инфексионӣ шароити иҷтимоӣ (хонадон, тарзи хӯрокхӯрӣ, савияи маданӣ, ёрии тиббӣ) нақши ҳалкунанда мебозад. Вобаста ба таъсири ҳамин шароитҳо шаклҳои гуногуни бемориҳо намоён мешавад. Дар ҷараёни бемориҳои инфексионӣ даври инкубатсионӣ, пайдошавии аломатҳои беморӣ ва зиёдшавии онҳо, ба авҷ баромадани беморӣ, сабукшавии беморӣ ва даври беҳшавӣ ҳаст. Дар ҳар яки бемориҳои инфексионӣ хусусиятҳои хоси ҳамин даврҳо ҳаст. Дар баъзе бемориҳо чун домана микроб дар организм боқӣ мемонад ва ба атроф баромадан мегирад.

Баъди аксари бемориҳои инфексионӣ ба муқобили он иммунитет ҳосил мешавад. Дар муайян кардани бемориҳои инфексионӣ аломатҳои клникии беморӣ, натиҷаҳои таҳлили лабораторӣ ва маълумотҳои эпидемиологӣ асос карда гирифта мешавад. Беморҳо дар беморхонаҳои махсус муҷаҳҳаз кардашуда табобат карда мешавад. Дар мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ чораҳои профилактикӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Профилактика–ин маҷмӯи чораҳоест, ки ба таъмин кардани солимии одамон, фаъолияти дарозмуддати онҳо, несткунии сабабҳои беморӣ, беҳгардонии шароити зист, меҳнат ва дамгирии инсон, ҳифзи муҳити атроф нигаронида шудааст.

Барои боз ҳам паҳн нашудани бемориҳои сироятӣ одамони ба ҳамин бемориҳо дучор шуда ё гумоншаванда дар беморхона ё хона ҷудо карда мешаванд.

Шахсоне ки дар онҳо бемории вабо, домана, доманаи рӯда (доманаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ёфта шудааст ё гумонбар карда мешаад, бояд дар нақлиёти махсуси санитарӣ ба беморхона бурда шаванд.

Беморони ба грипп, сурхча, кабудсулфа ва баъзе бемориҳои дигар дучор шударо дар хонаи алоҳида хобонида, ба таври зарурӣ парвариш намуда, муттасил дезинфексия карда дар хона нигоҳубин кардан ҳам мумкин аст.

Дар санаторийҳо, хонаҳои истироҳат, муассисаҳои солимгардони кӯдакон, боғчаҳои бачагона ва яслиҳо, ҳамчунин дар шӯъбаҳои терапия, жарроҳӣ, педиатрия ва дигар (ба ғайр аз шӯъбаи инфексионӣ) изолятор муҷаҳҳаз карда мешавад.

Хусусан, одамони бо инсонҳои бемориаш хавфнок (эпизоотия, вабо) наздик бударо ба муддати ба даври инкубатсионии ҳамон беморӣ баробар

муддатҳои гуногун ҷудо карда мешаванд.Барои пешгирии бемориҳои сироятӣ дар мактабҳо чораҳои эмкунӣ гузаронида мешаванд,

*2.3. Омилҳои хавфноки вобаста ба маҳсулоти озуқаворӣ ва об*

Ҳар як инсон бояд ба дуруст истеъмол кардани хӯрок аҳамияти калон диҳад. Агар оби тоза ва таъми босифат истеъмолкарда шавад, саломатии инсон ҳар доим хуб мешавад ва ӯ асло бемор намешавад. Лекин одамзод барои гирифтани ҳосили мӯл таҷрибаҳои гуногун гузаронида, ҳолати табиии маҳсулотро тағйир дода истодааст. Дар натиҷа, доруҳои кимёвӣ ба замин даромада, ба озуқа таъсир карда истодааст.

Дар оқибати аз ҳад зиёд истифода бурдани воситаҳои кимёвӣ гени мева ва сабзавотҳо дигар шуда, ҳосилнокиаш меафзояд, аммо маза ва сифаташ паст мешавад. Якҷоя бо ин, моддаҳо намуди мева ва сабзавотҳоро ҳам тағйир дода, ба организм ба ҷойи фоида, зарар меоварад. Мева ва сабзавотҳои сифаташ тағйирёфта дар организми инсон бемориҳои гуногунро пайдо мекунонад. Агар маҳсулотҳои генаш тағйирёфта истеъмол карда шавад, он ба организм даромада, ба системаи хун зарари калон мерасонад ва ин дар навбати худ барои пайдошавии бемориҳо замина меофарад.

Ватани офтобиамон ба меваҳову сабзавотҳои босифат ва табиӣ бой буда, онро дар фасли дилхоҳи сол дарёфт карда метавонем. Дар мамлакатамон мева ва сабзавотҳо тамоми сол месабзанд ва пештахтаҳои бозорҳоямонро пур карда меистанд. Агар ба табиат зарар нарасонем, ба он ёрӣ расонем, заминҳоямонро обод кунем, дастурхонамон боз ҳам пурфайз мешавад.

Ин ёрӣ аз чӣ иборат аст? Ҳар як инсон бояд ба қадри ҳудуде, ки дар он



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

саломатиамон пеш аз ҳама ба сифати заминамон, табиӣ мондани обҳои ҳамин ам ба ифлосшавии об набояд асло роҳ диҳем. Эҳтиёт кардани ҷӯйҳои оби равондор вазифаи ҳар як инсон аст.

Организми инсон асосан аз об иборат, аз ҳамин сабаб об барои инсон ниҳоят зарур аст. Одам бе об зиста наметавонад. Оби тоза нафақат ба инсон, балки ба хоҷагии қишлоқ ҳам зарур буда, бе он ҳосил гирифта намешавад. Пас, обро, ки инъоми табиат аст, бояд эҳтиёт кунем. Аммо вақтҳои охир миқёси зараре, ки инсон ба табиат, хусусан ба об мерасонад, тағйирёбии иқлим, ба соли 2050 расида, дараҷаи ифлосӣ ва кислотанокии обҳои уқёнуси дунё ба 150 % меафзояд. Ин дар экосистемаи баҳр ба тағйироти бебозгашт оварда мерасонад. Сабаби асосии ифлосшавии обҳои уқёнуси дунё аз тарафи инсон ба ҳавзҳои сунъӣ ва табиӣ ҳар рӯз партофта шудани 2 миллион тонна партовҳо мебошад. Ҳар сол 260 миллион тонна баҳр ба соҳил мебарорад. Ба сабаби ифлосшавии об ҳар рӯз вафот кардани 14 ҳазор нафар нишондиҳандаи ақл бовар накунанда аст.

Оби ифлосшуда ба организми инсон зарари калон мерасонад. Об ба қобилияти биниши инсон, тоза ва маҳин будани пӯсти ӯ, расидани мӯяш ва кор кардани майнааш таъсири мусбӣ мерасонад.

Оби тоза бо хун ба организм дохил шуда, онро аз витаминҳо бой мекунад. Агар майдонҳои корам бо оби ифлос об дода шавад, чизи корида хушк ва заҳрнок мегардад. 70—80% обе, ки инсон истеъмол мекунад, ба хоҷагии қишлоқ сарф мешавад. Гарчи ҳамин хел бошад ҳам, исроф кардани об давом меёбад. Агар фақат системаи ирригатсия такмил дода шавад, 30% оби ба хоҷагии қишлоқ сарфшавандаро сарфа кардан мумкин аст. Хулоса, ташхисҳои тиббӣ ҳам имрӯз исбот мекунанд, ки намудҳои бемории ба сабаби ифлосшавии об пайдошуда истода рӯз ба рӯз меафзоянд. Агар обро эҳтиёт накунем, он аз саломатии мо «товон» гирифтан мегирад, дар оқибат мо бемор шудан мегирем.

### *Саволҳои назоратӣ*

1. Хавфҳои дар натиҷаи бо металлҳои вазнин заҳрнокшавии замин ба вуҷудоянда аз чӣ иборат аст?
2. Мутагенез чист? Чораҳои мубориза бар зидди онро нақл кунед.
3. Оид ба тарзи табобат кардани беморҳои ба бемории сироятӣ дучор шуда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *Боби 3.* ВОСИТАҲОИ ЗАМОНАВИИ ҶАНГИИ ШИКАСТДИҲАНДА

## *3.1. Силоҳи ядроӣ*

Таъсири силоҳи ядроӣ ба истифода аз реаксияи ядро, яъне энергияи порчашавӣ –синтез ё натиҷаи дар як вақт рӯйдиҳии ин ҳарду асос ёфтааст.

Қуввати силоҳи ядроӣ ба эквиваленти тротилӣ, яъне вазни заряди тротил ифода мешавад. Энергияи таркиши заряди тротил ба энергияи таркиши силоҳи ядроӣ баробар аст.

Дар вобастагӣ аз сатҳи замин (об) ҷой гирифтани маркази таркиш таркиш дар ҳаво, таркиш дар замин, таркиш дар зери замин, таркиш дар болои замин ва зери об фарқ мекунанд. (расми 1). Ҳар яки ин намудҳои таркишҳо ба объектҳо ба таври мувофиқ таъсири шикастдиҳанда мерасонад.

*Таркиши силоҳи ядроӣ дар ҳаво* — таркиш дар ҳаво содир мешавад, соҳаи рушноӣ ба замин намерасад.Таркиш дар ҳаво дар боло ё поён шуданаш мумкин аст.Ҳангоми таркиши ядроӣ дар поён сутуни чанги болошаванда бо абри таркиш ҳамроҳ мешавад ва дар натиҷа абри замбурӯғмонанд ҳосил мешавад.Ҳангоми таркиш дар ҳаво дар боло сутуни чанг бо абри таркиш ҳамроҳ намешавад.

Таркиши ядроӣ дар ҳаво муддати кӯтоҳ, бо паҳншавии рӯшноии баланд содир мешавад. Баъди ин соҳаи равшаншудаи шакли кура пайдо мешавад. Ҳарорат дар он ба якчанд миллион дараҷа мерасад.Соҳаи равшаншуда манбаи нурафканӣ шуда хизмат мекунад.



*а* *б* *с*

*Расми 1.* Намудҳои таркиши заряди ядроӣ: *а* — дар ҳаво; *б* — дар сатҳи замин; *с* — дар зери замин; — таркиш дар зери об ва болои об.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Таркиши ядрой бо овози ба садои раъд монанд содир мешавад. Абри таркиш ба самти шамол ҳаракат намуда, шакли хоси худро гум мекунад ва пароканда мешавад. Дар ни таркишҳои ядрой соҳаи равшаншудаи ба кура монанд ҳосил мешавад. Андозаи он аз андозаи таркиши ядроии аз

соҳаи равшаншуда хунук шуданаш, ба абри курамонанди чангӣ мубаддал мешавад. Дар таркиши болой абр ва сутуни чанг ҳосил намешавад.

*Таркиши ядрой дар сатҳи замин* гуфта, таркиши дар ҳаво, дар баландии на он қадар зиёд аз сатҳи замин содиршударо мегӯянд, дар ин ҳол, соҳаи равшаншуда бо сатҳи замин бурида шуда, шакли

мешавад. Андозаҳои чуқурӣ ба қуввати таркиш вобаста буда, ба якчанд сад метр расиданаш мумкин аст.

*Тарикши зеризаминӣ* гуфта, таркиши ядроии дар зери замин содиршударо мегӯянд. Дар ин намуди таркиш соҳаи равшаншуда мушоҳида нашуданаш мумкин аст. Ба замин фишори калон мехобад, мавҷи зарбаи ҳосилшуда

таркиш чуқурии калон ҳосил мешавад, андозаҳои он ба қуввати таркиш ва навъи замин вобаста аст. Қабати калони замин аз чуқурӣ бо оддаҳои радиоактивӣ омехта шуда, ба атроф мерезад. Сутуни таркиш ба якчанд сад метр мерасад.

*Таркиши ядроии дар болои об содиршаванда* аз рӯйи намуди берунааш ба таркиши рӯйизаминӣ монанд аст.

*Таркиши ядроии зериобӣ* дар зери об содир мешавад, соҳаи равшаншуда наменамояд. Дар болои об абри замбурӯғмонанди баландиаш ба якчанд километр расанда ҳосил мешавад. Дар натиҷаи аз нав ба замин фаромадани об тумани радиоактивӣ ҳосил мешавад.Баъдтар абри обдор ҳосил шуда, аз он бороні радиоактивӣ меборад.

Омилҳои шикастдиҳандаи силоҳи ядрой аз: мавҷи таркиш ё мавҷи зарба, нурафкании равшанӣ, радиатсияи гузаранда, аз моддаҳои захрнок зарарнок шудани ҷойҳо, импулси электромагнитӣ иборат аст.

*Мавҷи зарба (таркиш)* аз минтақаи ҳавои аз маркази таркиш бо суръати аз суръати садо тезтар паҳншаванда, тахти фишори калон тазъиқшуда иборат аст.

Мавҷи зарба 1000 метри аввалро дар 2 сония, 2000 метрро дар 5 сония, 3000 метрро дар 8 сония тай мекунад, дар ҳамин вақт дар осмон шӯъларо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Нурафкании рушноӣ*— аз селаи нури шӯълаи дар натиҷаи таркиши ядроӣ ҳосил шуда ва аз кураи оташӣ бароянда ва паҳнкунандаи энергияи гармии ниҳоят зиёди сӯзанда иборат аст. Тахминан 35 % тамоми энергияи таркиши

сония давом мекунад, ин нур фақат дар самти рост ҳаракат мекунад. Ҳар кадом монеи шаффоф набуда аз таъсири нурафкании рушноӣ ҳимоя мекунад.

Нурафкании рушноӣ ба масофаҳои калон дар як лаҳза паҳн шуда, ба хусусияти обкунии маводҳои гуногун, сӯхтани одамон ва ҳайвоноти ҳимоянашуда ва зарарнок кадрани чашмони онҳо, пайдо кардани сӯхтор дар ҷойҳои аҳолинишин ва ҷангалзор соҳиб аст.

Аз нурафкании рушноӣ захрнок шудани моддаҳо ба дараҷаи тафсиши онҳо вобаста аст. Тафсиши моддаҳо бошад, дар навбати худ ба омилҳои зерин:қуваи импулси рушноӣ, хусусиятҳои моддаҳо, коэффисиенти фурӯбарии гармии моддаҳо, намӣ, хусусияти сӯхтан вобаста аст.

Ранги сиёҳ аз ранги сафед дида нури рӯшноиро бештар фурӯ мебарад. Масалан, газвори сиёҳ 99 %, газвори хокистарранг 60 %, газвори сафед бошад, 25 % энергияи рӯшноиро фурӯ мебарад.

Ба нурафкании рӯшноӣ чашм афтад (хусусан шабона, чунки гавҳараки чашм васеъ мешавад) чашми инсон сиёҳӣ мезанад. Хирашавии чашм муддати кӯтоҳ давом мекунад. Сабаби ин дар чашм камшавии пигменти родопсин (ранги сурхи баланд) аст. Агар нур аз масофаи наздик ба чашм таъсир кунад, пардаи шабакаи чашм месӯзад ва ҳолати кӯрӣ ба вуҷуд меояд. Барои ҳамин дар осмон дурахш ба вуҷуд ояд, ба он нигоҳ кардан мумкин нест.

*Радиатсияи гузаранда аз селаи* гамма-нурҳо ва нейтронҳои ҳангоми

ин тахминан 5% энергияи таркиши ядроӣ сарф мешавад. Баъди 15---20 сонияи таркиши ядроӣ дар натиҷаи реаксияи ядроӣ ва термоядроӣ селаи пурзӯри гамма-нурҳо, нейтронҳо, алфа ва бета-заррачаҳо паҳн мешавад.

Барои ҳимоя аз радиатсияи гузаранда аз ҷойҳои панаҳ ва иншоотҳо истифода мешавад. Зичии воситаҳои ҳимоя чӣ қадар баланд бошад, он гамма–нурҳоро ҳамон қадар зиёд дар худаш нигоҳ медорад.

Радиатсияи гузаранда молекулаҳои бофтаи зиндаро ионӣ гардонида, фаъолияти ҳаётии организмро вайрон мекунад ва инсонро ба бемориҳои гуногуни шуоъ дучор мекунад, баъзан ҳалок мекунад. Агар ба одам радиатсияи кам дар тӯли муддати кӯтоҳ таъсир кунад, дар организм қариб ягон тағйирот намешавад.Ҳоло аз рӯйи гузаштанаш касалии шуоъ ба сабук,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Аз моддаҳои радиоактивӣ зарар дидани ҷойҳо* дар натиҷаи таркиши ядроӣ ҳосил мешавад, ин вақт тахминан 10 % энергияи таркиши ядроӣ сарф мешавад. Миқдори зиёди дар натиҷаи таркиши ядроӣ ҳосил шуда ба селаи ҳаво ҳамроҳ шуда, аз маркази таркиш ба масофаи даҳҳо, садҳо километр паҳн мешавад. Ин ҳаво ба ҷойҳои зист, манбаҳои об, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва чизҳои дигар зарар мекунад. Моддаҳои радиоактивии дар ҷойҳои зарардида буда ба одамон ва ҳайвонот билвосита таъсир мекунад. Моддаҳои мазкур тавассути хӯрок, об ба организм афтода, аз дарун таъсир мекунад, дар оқибат дар одамон ва ҳайвонот касалии шуоъи дараҷааш гуногун пайдо мешавад.

Заряди ядроӣ дар замин тарконида шавад, аз сабаби ба замин расидани кураи оташин қабати болоии замин об мешавад ва хоки бо боқимондаҳои таркиш омехташуда таҳти таъсири мавҷи зарба ба ҷойҳои дур пош мехӯрад. Ҳавои ба боло ҳаракаткунандаи дар ҷойи таркиш ҳосил шуда чун гирдоб давр зада, чангу реги заминро ба боло мебарорад. Он ба боқимондаҳои таркиш омехта шуда, абри ба замбурӯғ монандро ҳосил мекунад. Абри ҳосилшуда ба самти шамол оҳиста ҳаракат намуда, ба масофаҳои дур паҳн мешавад. Дар натиҷаи ин ба ҷойҳои зиёд моддаҳои радиоактивӣ меафтад ва зарар ҳосил мешавад. Дар ҷойҳои аз болояш абри бо моддаҳои радиоактивӣ омехта гузашта изи эллипсшакли дароз мемонад (расми 2). Изи абри радиоактивӣ монда аз изи меҳвари моддаҳои радиоактивӣ чӣ қадар ақиб монад, дараҷаи радиатсия ҳамон қадар кам мешавад ва ба организми одам ҳамон қадар кам таъсир мерасонад.

*Импулси электрмагнитӣ ва омилҳои дубораи зараркунанда.* Дар натиҷаи таркиши зарядҳои ядроӣ ионишавии ҳаво мушоҳида мешавад, ба туфайли




*Расми 2.* Изи радиоактивии дар натиҷаи таркиши заряди ядроӣ ҳосил шуда.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳаракати босуръати электронҳои ҳосилшуда майдони электромагнитӣ пайдо мешавад.

Дар натиҷаи ин разряди электромагнитӣ ва ҷараёни электрикӣ пайдо мешавад. Импулси электромагнитии дар атмосфера пайдо шуда чун барқ паҳн шуда, дар антеннаҳо, симҳо, шабакаҳои электрикӣ ҷараёни электрикӣ ҳосил мекунад. Заряди ядро дар сатҳи замин ва қисмҳои поёнии ҳаво тарконида шавад, таъсири шикастдиҳандаи импулси электрикӣ аз маркази таркиш дар масофаи якчанд километр мушоҳида мешавад.

Дар натиҷаи аз сатҳи замин хеле боло ва дар ҳаво тарконидани заряди ядроӣ майдони импулси электромагнитӣ, дар маркази таркиш ва аз сатҳи замин дар баландии 20–40 километр ҳам ҳосил шудани майдони импулси электромагнитӣ мушоҳида мешавад. Майдони ҷараён омили шикастдиҳандаи ҷараён ба қуввати заряди ядроии таркондашуда, баландии таркиш, дурӣ аз маркази таркиш ва хусусиятҳои атрофу муҳит вобаста мешавад. Ҷараёни ҳосилшуда асбобҳои автоматии хомушкунии электрикиро аз кор мебарорад, сабаби вайроншавии радиоаппаратҳо, асбобҳои электрикӣ мегардад, дар натиҷаи ин одамони бо ҳамин асбобҳо кор кардаистода аз ҷараёни электрикӣ шикаст гирифтанашон мумкин аст.

Барои ҳимоя аз импулсҳои электромагнитии дар натиҷаи таркиши заряди ядроӣ ҳосилшуда ба асбобҳо бояд экран монд. Тамоми шабакаҳои берунаи электрикӣ бояд аз сими дуқабата иборат ва хуб изолятсия шуда бошад.

Барои пешгирии вайроншавӣ дар ҷойҳо ва корхонаҳое, ки қисмҳои ҳарбӣҷойгир шудаанд, бояд корҳои ҳимоявӣ–муҳандисӣ ба амал бароварда шуда бошад (расми 3).




*Расми 3. Хусусияти*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳангоми таркиши заряди ядроӣ ҳаракатҳои аҳолӣ аз зерин иборат аст:

1) аз мавҷи зарба (таркиш) дар шароити даштӣ аз ҷойҳои чуқури ҳимояшуда бояд истифода намуд;

2) ҳар як монеаи ношаффоф аз таъсири афканиши рушноӣ ҳимоя карданаш мумкин аст;

3) барои эҳтиёт шудан аз радиатсияи гузаранда аз ҷойҳои паноҳшуда ва иншоотҳо истифода мешавад;

4) аз воситаҳои ҳимояи шахсӣ истифода кардан зарур аст.

### *3.2. Аслиҳаи кимёвӣ*

## Таснифи умумии моддаҳои заҳролудкунанда

Сир нест, ки ҳоло дар якчанд мамлакатҳои дунё силоҳи кимёвӣ ҳаст. Лекин ин силоҳҳо мувофиқи талабҳои конвенсияҳои халқӣ дар истифода манъ аст. Дар ин мавзӯъ мафҳумҳо оид ба силоҳи кимёвӣ ва таъсири он ба инсон дода мешаванд.

Силоҳи кимёвӣ ҳам аз ҷумлаи воситаҳои зиёди шикастдиҳӣ мебошад. Таъсири силоҳи кимёвӣ ба истифодаи хусусиятҳои ҷангии моддаҳои заҳролудкунанда асос ёфтааст, моддаҳои заҳролудкунанда бошад, одамон, ҳайвонотро иллатнок мекунад, ҷойҳо, ҳавзҳои об ва растаниҳоро заҳрнок мекунад.Моддаҳои заҳролудкунанда бо ёрии ракета, авиатсия, артиллерия, асбобҳои махсуси кимёвӣ истифода шуданашон мумкин аст.

Моддаҳои заҳролудкунанда барои заҳролудкунии ҷой дар шакли қатрагӣ, барои заҳролудкунии ҳаво дар шакли буғ (туман, дуд) мешавад. Аз ҳамин сабаб ҳангоми аз ҳавои заҳролуд нафас гирифтани инсон, ба пӯст, чашм, либосаш афтидани моддаҳои заҳролудкунанда, ҳамчунин хӯрдани хӯроки заҳролуд ва нӯшидани об заҳролуд шуданаш мумкин аст.

Таъсири шикастдиҳандаи моддаҳои заҳролудкунанда дар вобастагӣ аз консентратсияи он, зичии заҳрнокӣ ва устувории он баҳо дода мешавад. Миқдори вазни моддаҳои заҳролудкунанда дар воҳиди ҳаҷми ҳавои заҳролудшуда *консентратсияи он* номида мешавад. Консентратсия, аксаран ба миқдори моддаҳои заҳролудкунанадаи дар 1 литр ҳаво буда мг/*л* ифода мешавад.

Зичии заҳрнокӣ миқдори моддаҳои заҳролудкунанда дар воҳиди ҷой ё сатҳи дигар мебошад. Зичии заҳрнокиро бо г/м$^2$ ифода мекунанд. Устувории моддаҳои заҳролудкунанда гуфта дар ҳаво ё ҷой муддати муайян нигоҳ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Моддаҳои заҳролудкунандаи хусусияти шикастдиҳиашон аз якчанд соат то якчанд рӯз давом мекарда ба ҷумлаи моддаҳои заҳролудкунандаи устувор (В газҳо, иприт) дохил мешавад. Моддаҳои заҳролудкунандаи ноустувор (кислотаи сианид, фосген, хлорсиан) хосияти шикастдиҳиашро ҳамагӣ якчанд дақиқа нигоҳ дошта метавонад.

Аз рӯйи тавсифи таъсири шикастдиҳӣ моддаҳои заҳролудкунандаро ба гурӯҳи моддаҳои шикастдиҳандаи асаб, захми пӯсткунанда, буғикунанда, умуман заҳролудкунанда, психокимёвӣ, муассиркунанда тақсим мекунанд. Ба ҷумлаи моддаҳои умуман заҳролудкунанда кислотаи сианид, хлорсиан медароянд.

Ба гурӯҳи моддаҳои шикастдиҳандаи асаб зарин ва В газҳо медароянд. Ин заҳрҳои пурзӯр ва тез таъсиркунанда аст. Ин моддаҳои заҳролудкунанда ба организми инсон ба воситаи органҳои нафаскашӣ,пӯст ва роҳҳои ҳозима даромада, системаи асабро иллатнок мекунад.

*Зарин* — моеъи беранг ё рангаш зард, бӯй надорад, хеле заҳрнок аст. Дар зимистон ях намекунад, ба таъсири об тобовар аст. Дар равғанҳо хуб об мешавад. Дар шароити одатии обу ҳаво зери таъсири ишқорҳо ва маҳлулҳои аммиак тез таҷзия мешавад. Аломатҳои аз зарин заҳролудшавӣ дарҳол намоён мешавад: гавҳараки чашм танг мешавад, оби даҳон мерезад,

ҳамин дасту пойҳои шахс ба ларзидан меафтад, марказҳои нафасгирии шахсони заҳролудшуда фалаҷ шуда, онҳо аз ҳаёт чаш пӯшиданашон мумкин аст. Ҳамзамон бо пай бурдани аломатҳои аввалини заҳролудшавӣ бояд ниқоби аз газ ҳимоякунандаро пӯшид ва ба организм моддаи зидди заҳрро(антидот) фиристод, антидот бошад дар шприс-тюбик ё пакетҳо мешавад.

*Кислотаи сианид* — моеъи беранг, тез буғшаванда буда, аз он таъми бодоми талх меояд.Заҳри пурзӯр ва тез таъсиркунанда ба организми инсон тавассути ҳавои заҳролуд бо роҳи нафасгирӣ медароянд. Дар даҳони инсоне, ки аз кислотаи сианид заҳролуд шудааст, таъми ба металл хос пайдо мешавад, гулӯяшро мехарошад, сараш чарх мезанад, мушакҳояш заиф мегардад ва ваҳм зер мекунад.

Ҳамзамон бо пай бурда шудани аломатҳои аввалини заҳролудшавӣ бояд ниқоби аз газ ҳимоякунандаро пӯшид.Агар ампулаи зидди заҳр бошад, ампуларо шикаста, бояд ба дохили ниқоб даровард.

*Хлорсиан* — моеъи беранг, осон бухоршаванда буда, бӯйи тез дорад. Таъсираш чун кислотаи сианид аз заҳролудкунии умумӣ иборат аст. Чашм ва роҳҳои нафасгирии шахси аз хлорсиан заҳролудшуда сахт шикаст мехӯранд.

Ба моддаҳои захмкунандаи пӯст иприт медароянд. *Иприт* (иприти тақтиршуда) — моеъи ба равған монанд, беранг буда, аз он бӯйи пиёз ё хантал меояд. Иприт ба ҷумлаи заҳрҳои сӯзанда медароянд, агар ба пӯст



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

якум) обила мекунад. Баъди гузаштани 2–3 обилаҳо мекафанд ва дар ҷойҳои он захмҳои муддати зиёд сиҳатнашаванда пайдо мешаванд.

Аломатҳои аз иприт заҳролудшавии роҳҳои нафас – дарди бинӣ ва гулӯ, атса задан ва аз бинӣ омадани об аст. Агар инсон зиёд заҳролуд шаад, бронхит ва варами шуш шуданаш ҳам мумкин аст. Иприт хусусан ба чашмон тез таъсир мекунад.Агар буғи иприт таъсир кунад, пардаи луобии чашм сурх мешавад, сих мезанад, яъне инсон худ аз худ дилашш бухс мекунад, оби дидааш мерезад. Хусусияти иллатноккунии иприт аз он иборат аст, ки он таъсири кумулятивӣ дорад, яъне дар организми инсон иллат ҷамъ шуда меравад.

Ба гурӯҳи моддаҳои заҳрноки руҳан таъсиркунанда Би-Зет (БЗ) медароянд. БЗ бо хусусияти хоси худ ба системаи марказии асаб таъсир карда, инсонро руҳан саргаранг мекунад, ваҳм пайдо мекунонад ва ё ҷисмонан аз из бароварда, кӯру кар месозад.

Фосген ба ҷумлаи моддаҳои заҳрноки буғикунанда медароянд. *Фосген* — гази беранг буда, аз он бӯйи хоси сусти бедаи туршшуда меояд. Ишқорҳо, спирти навшодир, маҳлули обии сода фосгенро тез таҷзия мекунад. Фосген

мешавад, инсон андак сурфа мекунад, сараш чарх мезанад, инсон худашро умуман бедармон ҳис мекунад. Аз сабаби он, ки фосген даври ниҳонии таъсир дорад, аломатҳои аввалинаш баъди 4–6 соат, баъзан баъди 12 соат ҳис мешавад.

Ба моддаҳои заҳролуди таъсиркунанда хлоратсетофенол, адамсит, дибензиксазепин медароянд. Ин моддаҳо чашм ва роҳҳои нафасро иллатнок мекунад.

*Манбаъи заҳролудшавии кимёвӣ*— ин ҳудуди зери таъсири моддаҳои заҳролуд буда. Дар ин навъ ҳудудҳо одам ва ҳайвонот шикаст мебинад

кимёвӣ аввало ба навъ ва тарзи истифодаи моддаҳои заҳролуди аз тарафи душман истифодашуда, шароити метеорологӣ ва релефи ҷой вобаста аст.

Дар минтақаи бевосита аслиҳаи кимёвӣ истифода шуда буғи моддаҳои

заҳролуд иборат) метавонад ба самти шамол то якчанд даҳ километр паҳн шавад, ин бошад, хавфи заҳрнок шудани одамон ва ҳайвонот, ҳар гуна объект

**Академияи Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон**
*(*Омӯзишгоҳи қумондонии олии умумқушӯни Тошканд*)*

Омӯзишгоҳи қумондонии олии умумқӯшуни Тошканд 12 июли соли 1918 ташкил ёфтааст.

Аз соли 1993 дар асоси қарори ҳукумати Республикаи Ӯзбекистон сохтори омӯзишгоҳ такмил дода шуд ва дар асоси бисёрсоҳавӣ корҳои тайёр намудани офитсерҳо сар шуд. Дар омӯзишгоҳ тайёр кардани офитсерҳо барои қисмҳои мототирандозӣ, разведка ва сарҳад, ҳамчунин ҷонишинҳои командирҳо оид ба корҳои тарбиявӣ оғоз шуд.

Тайёр намудани офитсерҳои қодир ба қумондонӣ, соҳиби малакаи идоракунӣ ва ташкилотчигӣ, содиқ ба ғояҳои истиқлоли давлат, донишу



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чаҳонбинии васеъ, ҳисси ғурур аз Ватан ва Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаи асосии омӯзишгоҳ мебошад.

Соли 2004-ум дар асоси омӯзишгоҳ факултети такмили ихтисос ва азнавтайёркунии офитсерҳои органҳои идоракунандаи ҳарбии звенои тактикӣ ва маҳаллӣ ташкил карда шуд.Аз соли 2007 дар асоси ОҚОУТ маркази услубӣ оид ба такмили дарчаи педагогии муаллимони муассисаҳои таълимии мактабҳои олии Вазорати мудофиа фаъолият мебарад.Дар омӯзишгоҳи ҳарбии дар Осиёи Миёна кӯҳнатарин ва машҳуртарин аз рӯйи ихтисосҳои зерин офитсерҳо тайёр карда мешаванд:

— командирҳои қисмҳои кушӯнҳои мототирандозӣ ва сарҳадӣ;

— командирҳои қисмҳои разведкавӣ;

— чонишинҳои командирҳои қисмҳои қӯшунҳои мототирандозӣ ва сарҳадӣ оид ба корҳои тарбиявӣ.

Мувофиқи қарори Президенти Республикаи Ӯбекистон аз 25 апрели соли 2017 Омӯзишгоҳи қумондонии олии умумқӯшунҳои Тошканд бо Академияи Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон муттаҳид шуда, номи Академияи Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистонро гирифтааст.

Дар Академия таълим дар се факултет бурда мешавад:

— барои шунавандагони академия— дар факултети қӯмондонӣ-штабӣ дар асоси дастури таълими дусола;

— барои курсантҳо — дар факултети тайёрии умумқӯшунӣ дар асоси дастури таълими чорсола;

— барои офитсерҳо — дар факултети такмили ихтисос аз рӯйи дастурҳои гуногуни аз се моҳ то нӯҳ моҳа.

Дар факултети тайёрии умумқӯшунӣ Академияи ҳарбӣ аз рӯйи ихтисосҳои зерин офитсерҳо тайёр карда мешаванд:

— командирҳои қисмҳои қӯшунҳои мототирандозӣ ва сарҳадӣ;

— командирҳои қисмҳои разведка ва мубориизаи радиоэлектронӣ;

— қӯшунҳои қӯмондонӣ-тактикии кимёвӣ;

— қӯшунҳои қӯмондонӣ-тактикии муҳандисӣ;

— таъминоти қӯмондонии тактикии ақибгоҳӣ (таъминоти либос, таъминоти хӯрокворӣ, таъминоти маводи сӯзишворӣ–равғанкунӣ);

— чонишинҳои командирҳои қисмҳои кушӯнҳо оид ба корҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Омӯзишгоҳи олии танки қумондонӣ-муҳандисии Чирчиқ

Омӯзишгоҳи Чирчиқ 16 ноябри соли 1918 ташкил шудааст. Қарор аз 14 январи соли 1992 дар бораи «Ба тахти юрисдиксияи Республикаи Ӯзбекистон гирифтани тамоми қисм ва ташкилотҳои ҳарбии дар ҳудуди мамлакат ҷойгир шуда» дар ташкил кардани Армияи Миллӣ қадами муҳим гашт.

Соли 1993 омӯзишгоҳ номи омӯзишгоҳи олии танки қумондонӣ-муҳандисии Чирчиқро гирифт. Тайёр кардани кадрҳои баландихтисос вазифаи асосии омӯзишгоҳи олии танки қумондонӣ-муҳандисии Чирчиқ гашт. Он ба базаи замонавии таълимӣ– моддӣ, техника ва аслиҳа, полигонҳо, танкодромҳо соҳиб аст.

25 апрели соли 1995 вазири мудофиаи Республикаи Ӯзбекистон аз номи Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ ба омӯзишгоҳ Байрақи ҷанговарро супорид. Ин воқеа ба баландии рӯҳияти ҳарбӣ–маънавии ҷамоа, ғурури он хизмат намуд. 25-уми апрел ҳар сол дар омӯзишгоҳ чун ид нишон гирифта

кадрҳои офитсерӣ дар асоси бисёрсоҳавӣ гашт. Дар омӯзишгоҳ ҳоло 14 кафедра ҳаст, ки дар онҳо профессор–устодони пурмаҳорат фаъолият нишон медиҳанд. Омӯзишгоҳ дар самтҳои зерин мутахассисҳои ҳарбӣ тайёр мекунад:

— командири қӯшунҳои танкӣ;

— офитсер-мутахассисҳои корҳои муҳандисии қӯшунҳои танкӣ;

— командири қӯшунҳои ҳавоӣ-десантӣ;

— командири қӯшунҳои мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ;

— офитсер-мутахассисҳои корҳои муҳандисии қӯшунҳои мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ;

— мутахассисони қӯмондонӣ-тактикии муҳандисӣ барои қисмҳои автомобилӣ;

—артиллерияи қӯмондонӣ-тактикӣ;

— тиру дору ва силоҳи ракетавӣ-артиллериявӣ ва тактикӣ муҳандисӣ.

## Омӯзишгоҳи олии авиатсионии ҳарбии Ҷиззах

Омӯзишгоҳи олии авиатсионии ҳарбии Ҷиззах бо ташаббуси Президенти якуми Республикаи Ӯзбекистон И.Каримов ва қарори Девони Вазирон, ҳамчунин фармони вазири мудофиа аз 9 июли соли 1994 ташкил шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рӯйи ихтисосҳои зерин тайёр карда шуда буд: «лётчик − муҳандиси авитасияи қӯмондонӣ-тактикии вертолёт»; «Офитсери ҷанговари идоракунанда»; «Штурман»; «Муҳандис − техник барои самолётҳо ва муҳаррикҳо»; «Муҳандис−техник аз рӯйи таҷҳизоти авиатсионӣ»; «Муҳандис − техник аз рӯйи таҷҳизоти радиотехникӣ».

Муддати таҳсил дар факултети лётчикӣ 4 солро ташкил мекард, тар факултети техника бошад, 3 сол буд. Ба туфайли ислоҳоти Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон ва сохтори таълими ҳарбӣ тайёркунии мутахассисон то миқдори мақбул ихтисор карда шуд. Ба сабаби дар сохтори Вазорати мудофиа гузошта шудани талабҳо дар нисбати кадрҳои маълумоташон олӣ, соҳиби дониши чуқур ва ҷаҳонбиниашон васеъ муддати таҳсил аввал ба 4 сол, баъд ба 5 сол дароз карда шуд.

Соли 1995 ба омӯзишгоҳ ба таври тантанавӣ Байраҳи ҷанговар, ки рамзи шуҳрат, қатъиятнокӣ ва ҷасорат аст, супорида шуд. Ин воқеа дар таърихи омӯзишгоҳ санаи фаромӯшнашаванда гашт.

Моҳи октябри соли 1997 омӯзишгоҳро парастуҳои аввалин — 97 тамомкунандаи соҳаи лётчикӣ ва муҳандис-техникӣ ба итмом расонид.

Дар мамлакатҳои Осиёи Миёна омӯзишгоҳи ягонаи ин самт мебошад. Ҳоло дар омӯзишгоҳ аз рӯйи самтҳои зерин мутахассисон тайёр карда мешаванд:

— лётчики авиатсияи вертолётӣ;
— муҳандиси таҷҳизоти авиатсионӣ;
— муҳандиси силоҳи авиатсионӣ;
— муҳандиси таҷҳизоти радиоэлектронии авиатсионӣ;
— муҳандиси муҳаррикҳои аппаратҳои парвозкунанда.

## Факултети махсуси тайёркунандаи офитсерҳои алоқачии Вазорати мудофиа дар назди Университети технологияҳои ахборотии Тошканд

Факултети махсуси тайёркунандаи офитсерҳои алоқачии Вазорати мудофиа дар назди Университети технологияҳои ахборотии Тошканд (УТАТ) дар асоси қарори Девони Вазирон 13 майи соли 1993 ташкил шудааст.

Факултети махсуси назди УТАТ мактаби олии ба Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон кадрҳои ҳарбиро тайёркунанда маҳсуб



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мувофиқи «Низом дар бораи факултети махсус» шунавандагони курси 1- ва 2-юм доншҷӯёни факултет ҳисобида мешаванд, баъди ба курси 3-ум гузаштан, қамсамёд қабул мекунанд, мақоми курсанти омӯзишгоҳи олии ҳарбиро мегиранд ва ба таъминоти давлат гузаронида мешаванд.

Ҷараёни дарс дар факултет мувофиқи «Низоми Вазорати мудофиаи Республикаи Ӯзбекистон дар бораи муассисаҳои таълимии олии ҳарбӣ» аз рӯйи самтҳои «Телекоммуникатсия» ва «Радиотехника» мувофиқи дастурҳои ба Стандартҳои таълимии давлатӣ мувофиқ ташкил карда шудааст.

Дар ҷараёни тайёркунии кадрҳои баландихтисоси офитсерӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон таркиби профессор–

гуманитарӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва фанҳои махсус, информатика, физика дониш медиҳанд.

Ба тамомкунандаи факултет мувофиқи самти таълим малакаи

асоси унвони ҳарбии «лейтенант» дар самтҳои «Телекоммуникатсия» ва «Радиотехника» ихтисосҳои зерини ба номенклатураи ихтисосҳои ҳарбӣ ростоянда дода мешавад:

— муҳандиси алоқаи радио ва коинот;

— муҳандиси алоқаи симдори радиореле ва тропосфера;

— муҳандисҳои воситаҳои симии электрикӣ ва сохтори автоматикунонидашудаи идоракунӣ;

— муҳандисҳои разведкачиҳои радио ва радиотехника ва муборизаи радиоэлектронӣ;

— офитсерҳои қисмҳои қӯшунҳои зенитӣ-ракетавӣ;

— офитсерҳои қисмҳои қӯшунҳои радиотехникӣ;

— офитсерҳои хизмати амнияти ахборотӣ.

## Факултети ҳарбӣ – тиббии назди Академияи тиббии Тошканд

Факултети ҳарбӣ–тиббии назди Академияи тиббии Тошканд мувофиқи қарори Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи дар назди Академияи тиббии Тошканд ташкил намудани факултети ҳарбӣ–тиббӣ» 10 июли соли 2012 дар назди яке аз мактабҳои олии тиббии мамлакатамон, яъне академияи тиббии Тошканд, дар ҳудуди госпитали ҳарбии клиникии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мақсад аз ташкил намудани факултети ҳарбӣ–тиббӣ:

— тайёр намудани офитсерҳои хизмати тиббии баландихтисосе, ки соҳиби дониши чуқур буда, дар рӯҳияти садоқат ба Ватан тарбия ёфта, ватанпарвари ҳақиқианд;

— аз ҳисоби донишҷӯёни факултетҳои фарматсевтика, стоматология, профилактикаи тиббӣ ва табобати умумии мактабҳои олии тиббии республикаамон тайёр намудани офитсерҳои хизмати тиббии резерв ва захиравӣ;

— такмил додани ихтисоси таркиби мутахассисҳое, ки дар қисмҳои ҳарбӣ ва шӯъбаҳои тиббии Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунанд;

— бурдани тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи ҳарбӣ-тиббӣ мебошад.

Ба факултети ҳарбӣ-тиббӣ донишҷӯёни солим дар факултети табобати умумии мактабҳои олии тиббии республикаамон дар давоми 4 сол бо баҳои аъло ва хуб таҳсил намуда, дар асоси озмуни ҳарбӣ–ихтисосӣ, аз рӯйи натиҷаҳои санҷиши тестӣ ва имтиҳонҳои махсус қабул карда мешаванд. Донишҷӯёни ба факултет қабулшуда ба мақоми «курсант» ва як қатор имтиёзҳои дигари бо қонунҳо муайяншуда соҳиб мешаванд.

Курсантҳои факултети ҳарбӣ-тиббӣ дар базаҳои таълимии дар марказҳои илмӣ–тиббии республикаамон, клиникаи Академияи тиббии Тошканд ташкилшуда дониш мегиранд. Дар факултет ҷараёни таҳсил 2 сола буда, яъне дар курсҳои 5–6–уми таълими тиббӣ давом дода мешавад.

Ба курсантҳои факултети ҳарбӣ-тиббиро тамомкарда бо фармони вазири мудофиа уновни аввалини офитсерӣ — «Лейтенанти хизмати тиббӣ» дода мешавад. Лейтенантҳои хизмати тиббӣ дар қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар вазифаҳои «Сардори пункти тиббӣ» ва «Сардори хизмати тиббӣ» фаъолияти худро давом медиҳанд.

## Университети ҳарбӣ–техникии Гвардияи миллии Республикаи Ӯзбекистон

Университети ҳарбӣ–техникии Гвардияи миллии Республикаи Ӯзбекистон моҳи октябри соли 2017 дар асоси Омӯзишгоҳи олии ҳарбӣ-техникии Тошканд ташкил карда шудааст.

Университет айни ҳол барои таркиби Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон ва идораҳои ҳифзи ҳуқуқ кадрҳои соҳаи амниятро тайёр



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *1.2. Тартиб ва қоидаҳои қабул ба мактабҳои олии ҳарбӣ*

Ҳарбиёне, ки дар оянда офитсер шудан мехоҳанд, дар давоми хизмати ҳарбии муддатнок аз санҷишҳо бомувафаққият гузаранд, таҳсилро давом медиҳанд ва даври таҳсил ҳам ба муддати хизмати ҳарбӣ медароянд.

Ба мактаби олии ҳарбӣ шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон, ки малумоти пурраи миёна доранд ва ба шартҳои қабулу тамоми талабҳои лаёқати касбӣ ҷавоб дода, ахлоқи баланд ва сифатҳои корӣ доранд, қабул карда мешаванд.

Ба омӯзишгоҳ сарфи назар аз ихтисоси касбӣ ва муддати хизмат, хизматчиёни ҳарбии дар хизмат буда ва ба хизмат маҷбуриятноку ба захира гузаштагон то 23 солагӣ, тамомкунандагони масканҳои таълимии самтӣ ҳарбдошта, ки соли ба хондан даромадан то 1 сентябр 17 сола мешаванд, ва тамомкунандагоҳи масканҳои таълимии дигар то 21 солагӣ қабул карда мешаванд.

Хизматчии ҳарбӣ дар хизмати муддатнок буда то 1 апрели соли ба хондан даромадан мувофиқи қоида ба номи командир рапорт менависад. Шаҳрвандон бошанд, то 1 майи соли ба хондан даромадан ба шӯъбаҳои ҳифзи мудофиаи ноҳия ё шаҳр ариза медиҳанд.

Ба мактабҳои олии ҳарбии вазорати мудофиа ҳуҷҷатҳо то 10 июни соли

сардори мактаби олӣ тавассути раёсатҳои корҳои мудофиа ва командирҳои қисм вақт ва ҷойи омадани номзадҳоро хабар мекунад. Онҳо бошанд, дар навбати худ номзадҳоро бо ҳуҷҷатҳои роҳкирои бепул таъмин мекунанд. Абитуриентҳои ба мактаби олӣ омада, бо хӯрок ва хобгоҳи бепул таъмин карда мешавад.

То саршавии имтиҳоноти дохилшавӣ номзадҳо аз муоинаи тиббӣ

роҳ дода намешаванд. Тамоми абитуриентҳо аз рӯйи тайёрии умумҷисмонӣ яъне пурқувватӣ, бардоштдорӣ ва чаққонӣ (дар турник кашидан, кросс ба масофаи 3 км ва давидан ба масофаи 100 м ) ҳамчунин усули махсуси озмуни касбӣ-руҳӣ имтиҳонҳои малакавӣ месупоранд. Абитуриентҳои ба талаби касбиояндаашон ҷавоб намедода ба имтиҳонот аз фанҳои умумӣ роҳ дода намешавад ва аз рӯйхати номзадҳо берун карда мешавад.

Чун тамоми абитуриентҳои мактабҳои олӣ номзадҳо ба курсантӣ ҳам имтиҳонҳои дохилшавиро ба таври тест аз фанҳои математика, физика, забони модарӣ ва адабиёт месупоранд. Санҷишҳои тестӣ дар се забон —



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мувофиқи Қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 4 апрели соли 2017, ба шаҳрвандони ба муассисаи таълими ҳарбии олӣ дароянда, ки ҳангоми гузаштани хизмати ҳарбӣ аз тайёрии ҷангии иҷтимоӣ-сиёсӣ ба натиҷаҳои баланд соҳиб шудаанд ва баъди итмоми хизмати ҳарбӣ соҳиби тавсияномаи шакли муайяншуда гаштаанд, имтиёз дар миқдори 50% балли умумии ҷамъкардаашон тақдим мешавад.

Мувофиқи қарори Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи мақоми сержантҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон» аз 12 апрели соли 2004 ба хизматчии ҳарбии дар таркиби сержантҳо аз сидқи дил 5 сол хизмат намуда имтиёз дар миқдори 20% балли максималии аз тест гирифтан мумкин буда имтиёз дода мешавад ва ҳамчунин ғолибҳои озмуни республикавии «Сержанти беҳтарин» ба ҳуқуқи аз озмун берун қабулшавӣ ба муассисаҳои таълимии ҳарбиро ба даст меоранд. Ба тамомкунандагони литсейҳои самти касбии ҳарбӣ дар миқдори 20% балли максималии аз тест гирифтан мумкин буда имтиёз дода мешавад.

Ба мактабҳои олӣ қабулшудагон дар хизмати ҳарбии пурра дар таъминоти давлат буда мешаванд. Аз рӯйи натиҷаҳои сессияҳои таълимӣ, ба аълочиҳо пули иловагӣ дар миқдори 50% маоши ҳармоҳа, ба баҳои хуб азхудкардагон бошад, ба миқдори 25 % маоши ҳармоҳа дода мешавад.

Дар мобайни таҳсил ба курсантон дар зимистон таътили дуҳафтаина, баъди ба итмом расидани соли хониш бошад, таътили якмоҳа ва ҳуҷҷати роҳкирои ройгон то манзил дода мешавад. Муддати таҳсил дар мактаби ҳарбӣ

Мусаллаҳ даровардa мешавад. Ба тамомкунандагони мактабҳои ҳарбӣ унвони ҳарбии «лейтенант» дода мешавад ва мувофиқи соҳааш, дипломи намунаи давлатӣ ва нишони сарисинагӣ супорида мешавад.

### *Саволҳои назоратӣ*

1. Дар Ӯзбекистон кадом мактабҳои олии ҳарбӣ ҳаст?

2. Санаи ташкил ёфтан ва таърихи мактабҳои олии ҳарбии Ӯзбекистонро нақл карда диҳед.

3. Дар бораи тартиби ба мактабҳои олии ҳарбӣ қабул карда шудани ҷавонони маълумоти миёнадор нақл карда диҳед.

4. Ба хизматчиёни ҳарбии муддатнок ва хизмати ҳарбиро тамомкарда кадом



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *Боби 2.* МАВҚЕИ АНЪАНАҲОИ ҶАНГОВАРӢ ВА ТАРБИЯВӢ ДАР ҚӮШУНҲОИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

## *2.1. Командирҳо, сардорҳо ва мавқеи онҳо дар тарбияи таркиби шахсӣ*

Командир нафақат раҳбари ҳарбӣ, балки тарбиятгари зердастони худ аст. Ин хусусияти сардор дар низомҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, аввало дар Низоми дохилӣ муҷассам шудааст. Командирҳо ва сардорҳо мураббӣ ва тарбиятгари аз ҷиҳати ҳарбӣ- сиёсӣ ҳартарафа тайёршуда, сиру асрорҳои ҷанги замонавӣ, силоҳ ва техникаи нави ҳарбиро чуқур азхудкарда, ба муваффақиятҳои замонавии илми ҳарбӣ, педагогика ва психология такякунанда мебошанд.

Командирҳо ва сардорҳо ба сифати тарбиячӣ барои тарбия намудани сифатҳои аз қабили эътимоди қатъӣ ба истиқлол, маданияти баланди маънавӣ ва ҳуқуқӣ, содиқӣ ба Ватан, халқ ва Президент дар байни зердастон корҳои тарбиявиро фаъол мебаранд. Ба таркиби шахсӣ тамоми илмҳои худ, эътимод, сифатҳои баланди ахлоқӣ, рафтори намунавӣ ва ибрати шахсиро намоён мекунанд, корҳоро бо назардошти менталитети халқамон, урфу одат ва анъанаҳо, эътиқоди динӣ, содиқӣ ба анъанаи аҷдодонамон, таҷрибаи таърихии аҷдодҳо ташкил кардаанд менталитети халқамон, урфу одат ва анъанаҳо, эътиқоди динӣ, содиқӣ ба анъанаи аҷдодонамон, таҷрибаи таърихии аҷдодҳо ташкил кардаанд.

Тайёрии ҷанговарӣ вазифаи аваллиндараҷаи ҳар як армия буд ва ҳамин хел аст. Дар Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон ҳам тайёрии ҷанговарӣ аз вазифаҳои асосӣ ҳисоб мешавад. Он хислати мавсумӣ ва муваққатӣ дошта, дар як ҷой намеистад. Давлатамон ва роҳбарияти Қувваҳои Мусаллаҳ ба такомули доимии тайёрии ҷанговарӣ ва аз ҷиҳати сифат ривоҷи он аҳамияти ҳаматарафа медиҳанд.Барои иҷрои ин талабҳо армия аз ҷиҳати моддӣ-техникӣ ба таври доимӣ таъмин карда мешавад, қисм ва шӯъбаҳо бо таркиби шахсии соҳиби дониши пухта ташкил дода шуда, ба тарбияи сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, рӯҳӣ, ватанпарварии он эътибори калон дода мешавад.

Ташкил кардани тайёрии ҷанговарӣ вазифаи аваллиндараҷаи тамоми



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мешавад ва мувофиқи нишондодҳои Президенти Республикаи Ӯзбекистон — Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ ва фармонҳои вазири мудофиа дар асоси нақша ба амал баровардa мешавад.

Тайёрии ҷанговарӣ дар қисм ва шӯъбаҳо бевосита таҳти роҳбарии командир ташкил карда мешавад, ӯ бояд ҳар як машғулотро дар дараҷаи баланд гузарониданро донад ва тавонад. Маҳорати командири тоифаи дилхоҳ на бо моҳирона истифода бурдани фақат аслиҳаи он, балки бо ба зердастонаш омӯхта тавонистанаш ҳам андоза гирифта мешавад.

Тайёрии ҷанговарӣ тамоми ҷабҳаҳои армияро дарбар гирифтааст. Онҳо бо якдигар ба таври узван вобастаанд. Таъмин кардани шайъии ҷанговарӣ ба тамоми самтҳои тайёрии ҷанговарӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, ташкил кардани хизмат, хизмати қаровулии дохилӣ ва гарнизонӣ, навбатдории ҷанговарӣ равона шудааст. Яке аз ҷузъҳои асосии тайёрии ҷанговарӣ ҳушёрист. Ҳушёрӣ доимо дар баргардонидани таҷовузи душман нақши асосӣ бозидааст.

Аз барои ҳамин ҳар як аскари ҷавон ҳангоми дохилшавӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ аввало ба ҷанговари ҳушёр шудан ба таври тантанавӣ қасамёд мекунад. Мураккабии вазъияти ҳарбӣ – сиёсии минтақаамон дар назди командирҳо оид ба тайёркунии хизматчиёни ҳарбӣ масъулияти алоҳида мегузорад. Ба аз ҷиҳати ғоявӣ обутобёфта, халқ ва Президенташ содиқ будан, аскари ҳушёр шудани онҳо доимо дар эътибор аст.

### *2.2. Анаъанаҳои ҷанговарии Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон*

*Анъанаҳои ҷанговарӣ* — қоидаи ахлоқу одоби дар армия ва флоти ҳарбӣ аз таърих ба авлоди наврас гузарандаи ҷанг кардан ва иҷро кардани хизмати ҳарбист. Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ўзбекистон дар вақти эҳёи тарзи ҳаёти миллии халқамон, анъанаҳо, урф-одатҳо ва арзишҳои умумбашарӣ, ба олами анъанаҳои ҷанговарии Қувваҳои Мусаллаҳамон — мардӣ ва шердилӣ майл мекунонад. Ба мафҳуми чун Модар, нон азизи Ватан ошно мекунад, чӣ қадар шарафнок будани посбони он шуданро талқин менамояд. Мафҳумҳои муқаддаси чун анъанаҳои ҷанговарӣ, Республикаи Ӯзбекистон, Ватан, Истиқлол, Ҳуррият, Байрақи давлатӣ, Мадҳия, Президенти Республика— Сарфармондеҳ, Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон, Қасамёди



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Анъанаҳои ҷанговарӣ — мардро барои бо тамоми ҷаҳд ҳимоя кардани сарҳадҳои Ватан, нигоҳ доштани оромии падару модар, тинҷ будани макон, дар майдонҳои бепоён гирифтани ҳосил, аз нон пур шудани танӯрҳо, ёр–ёр гуфтани ҷавонписарону ҷавондухтарон, гаҳвора ҷунбонидани момоҳо даъват мекунад.

Анъанаҳои ғояи миллии Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон тамоилҳои мафкуравии тараққиёти ҷамъиятамонро ифода мекунад.

Ин ғоя таълимоти пурра ва ягонаест, ки ба мустаҳкамкунии истиқлоли мамлакатамон, дар ватанамон ҳаёти озод ва обод ва фаровон хизмат мекунад. Он айнан ба сифати ифодаи воқеияти назарии иҷтимоӣ намоён шуда, ҳодисаи умумиллӣ ҳисобида мешавад, ки қонуният ва хусусиятҳои хоси худро дорад. Ғояи истиқлоли миллӣ барои ҳар як миллат, гурӯҳи иҷтимоӣ, партия ё вакили қабати дар мамлакатамон истиқоматкунанда мезони умумист. Он ғояи умумии халқи Ӯзбекистон, ҷамъияти аз роҳи мустаҳкамкунии истиқлол рафтаистода мебошад.

Эҳтиёткунии анъанаҳои давлатдории миллӣ, таъмини дахлнопазирии сарҳадҳо ва амнияти онҳо, иммунитети мафкуравии шаҳрвандонамонро нисбати ғояҳои бегона ташаккул додан, онҳоро дар роҳи барпо кардани ҷамъияти шаҳрвандӣ муттаҳид намудан, сафарбар намудан ба кори равнақи Ватан, тинҷии макон ва фаровонии халқ – мақсади асосии ин ғоя мебошад.

*Қасамёди ҳарбӣ.* Таърихи қасамёд ба гузаштаи дур рафта мерасад.

Масалан, дар қӯшунҳои Амир Темур ҳамин гуна одат буд: фармондеҳи ҳарбии ҳар як қӯшун, аз рӯйи қоида пеш аз намоиши қӯшунҳо ба ҳукмдор қисми худро шинос мекард ва ба садоқат қасам хӯрдааст. Дар қӯшунҳои Ҷалолиддин Мангубердӣ, Бобур ҳам айнан ба ҳамин гуна қасамхӯрӣ амал карда шудааст. Дар ҳар як давр аскар: «Агар қасамамро шиканам, ба ҷазои дар қонунҳо таъиншуда ва нафрати халқ мубтало шавам», гуфта қасам хӯрдааст ва ба он содиқ мондааст.

Қасами ҳарбӣ — қонуни ор–номуси ҳар як ҷанговари Қувваҳои Мусаллаҳи мост. Шикастани қасамёд — ҷинояти вазнин дар пеши Ватан аст. Қасамёд қабулкунанда ба тамоми халқи Ӯзбекистон муроҷиат карда, «Агар ман ин қасамёди тантанаворамро шиканам, ба ҷазои дар қонунҳо таъиншуда ва нафрати халқ мубтало шавам», гуфта қасам мехӯрад. Матни қасамёд 3 июли соли 1992 бо қарори Олий Кенгаши Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ шудааст



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *Матни қасамёди ҳарбӣ*

*Ман (насаб,ном,номи падар),ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон даромада, ба содиқ шудан ба халқам, Президентам қасамёд мекунам.*

*Ман Конситутсияи Республикаи Ӯзбекистон ва қонунҳои онро муқаддас дониста, ба риоя кардани онҳо, бечунучаро иҷро намудани низомҳои ҳарбӣ, фармонҳои фармондеҳ ва сардорҳо, қатъӣ риоя кардани интизоми ҳарбӣ, ҷанговари ҳалол, ҷасур ва ҳушёр шудан қасамёд мекунам.*

*Дар назди рӯҳи аҷдодҳоям ба то нафаси охирин чун фарзанди содиқи Модар–ватанам мондан, ба тамоми машаққат ва душвориҳои хизмати ҳарбӣ сабр намудан, мустаҳкам нигоҳ доштани сирҳои давлатӣ ва ҳарбӣ қасамёд мекунам.*

*Барои истиқболи нурафшони Ӯзбекистони ҷонаҷон ҳимоятгари манфиатҳои давлат ва истиқлоли он шудан қасамёд мекунам. Агар ман ин қасамёди тантанаворамро шиканам, ба ҷазои дар қонунҳо таъиншуда ва нафрати халқ мубтало шавам.*

Он шаҳрванди Республикаи Ӯзбекистон, ки бори нахустин ба хизмати ҳарбӣ даъват шудааст ё хизмати ҳарбиро нагузашта бори нахустин ба ҷамъомади ҳарбӣ даъват шудааст дар назди байраќи ҷанговари ќисми ҳарбӣ қасамёд қабул мекунад.

Қасамёди ҳарбиро:

— аскар ва матросони ба мадад омада, ба резерви даъвати сафарбарӣ омадагон баъди гузаштани дастурҳои мос, баъди аз худ кардани маҷбуриятҳои асосии аскару матросҳо, баъди аз худ кардани қасамёди ҳарбӣ ва аҳамияти байраќи ҷановарӣ ва интизоми ҳарбӣ баъди ба қисми ҳарбӣ расида омадан, на дертар аз ду моҳ;

— курсант ва шунавандагони мактабҳои олии ҳарбии пештар қасамёдро қабул накарда айнан дар ҳамин муддат қасамёдро қабул мекунанд.

Бо онҳое, ки қасамёди ҳарбиро қабул мекунанд, дар бораи ҳамияти қасамёди ҳарбӣ ва талабҳо оид ба ҳимояи Ватан дар қисмҳо сӯҳбатҳо гузаронида мешаванд. Қабули қасамёди ҳарбиро дар ҷойҳои таърихӣ, шӯҳрати меҳнатӣ ва ҷанговарӣ, ҳамчунин дар қабристонҳои бародарии ҷанговарони дар роҳи озодӣ ва истиқлоли Ватан шаҳид шудагон гузаронидан мумкин аст. Рӯзи қабул кардани қасамёди ҳарбӣ барои ин қисми ҳарбӣ рӯзи корӣ ҳисоб намешавад ва чун ид нишон карда мешавад (расми 51).

Қасамёди ҳарбӣ аз нуқтаи назари давлат акти ҳуқуқиест, ки дар худ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Расми 51.*

Он ифодаи ҷамъи меъёрҳои хулқу атвори ҷанговар аст, ки ҳаракатҳои ҷангӣ ва дар оромӣ машқҳои ҷангии ӯро дар худ мегирад.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ–сиёсӣ он ҷанговаронро ба хизмати фидокоронаи Ватан, садоқат ба қарзи ҳарбӣ ёд медиҳад ва дар худ

васиятҳои аҷдодони бузургамон муҷассам мекунад. Имрӯзҳо ҷанговарони Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ўзбекистон ба ҷасорати аҷдодҳоямон содиқ мемонанд ва давомгари онҳоанд. Солҳои 1999—2000, 2005-ум ба ҳудудҳои мамлакатамон як гурӯҳ қувваҳои таҷовузгар зер карда даромаданд ва ҷанговаронамон ба қасамёди ҳарбии худ содиқ монда, Ватанамонро аз душман ҳимоя карданд.

... Рӯзи 5-уми август саҳарии барвақт аз рӯйи маълумоти разведкачиҳо дода макони душман ҷойгирифта аз тарафи қисми авиатсионӣ аз назар гузаронида шуда, ба нуқтаҳои нишондодашуда зарба доданд. Аз тарафи гурӯҳи алоҳида корҳои тозакунии майдони ҷанг сар шуд. Душмани дар талвосаи ҷон буда, ки пинҳон шуда буд, ногаҳон ба тирпарронӣ сар кард. Гурӯҳ бо зудӣ ба мавқеи қулай гузашта, ба ҷанг даромад. Аз сабаби он, ки миқдори душманон зиёд буд, гурӯҳ дар иҳота монд. Хусусан ҷанг бо душмане, ки дар ғор пинҳон шуда, ба зарба додан ҳаракат мекард, душвор буд.

Сержанти калон Маъруфҷон Раҷабов мавқеи қулайро соҳиб шуда, ба

дод. Фелдшери қисм Қаҳрамон Мадолимов ба ёрдами ӯ расид. Ҷони худашро зери хатар монда бошад ҳам, ба наҷот додани ӯ ҳаракат кард. Қаҳрамон, ки зери борони тири душман монда буд, дар муддати кӯтоҳ ба назди ҷанговари



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

захмин омада расид ва ҷароҳати ӯро баст. Аммо тири душман ба ӯ ҳам расида буд. Қаҳрамон дар фикри наҷот додани ҳамсафаш буд. Ӯ тамоми қувваашро ҷамъ намуда, ярадорро бардошта, ба ҳаракат афтид. Сержант Улуғбек Барноев, ки аз рӯйи шартнома хизмати ҳарбиро мегузашт, беист ба истеҳкоми душман зарба дода истода, аз сукунати муваққатӣ истифода бурда, барои ба Қаҳрамон Мадолимов ва Маъруфҷон Раҷабов ёрӣ расонидан худро ба майдони ҷанг андохт. Ин ҷанг барои хизматчиёни ҳарбии шартномавӣ — Қаҳрамон Мадолимов, Маъруфҷон Раҷабов ва Улуғбек Барноевҳо ҷанги охирин буд. Ҷанговарони марду ҷасур то дами вопасин ба қарз, дӯстии ҳарбӣ, мардӣ, инсонгарӣ ва қасамёди ҳарбии худ содиқ монданд.

13 майи соли 2005 дар шаҳри Андиҷон воқеиа фоҷивие содир шуд. Як гурӯҳ террористҳо чандин объектҳои шаҳрро ишғол карда, ба содир намудани ҳаракатҳои ғоратгарӣ даромаданд. Лекин ба ин мақсадҳои бади худ нарасиданд. Ба туфайли сари вақт андешидани чораҳои фаврии қӯшунҳои махсус терррористҳо дастгир шуда, дар доираи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Аммо дар байни ин ҳаракатҳо, ҳангоми иҷрои вазифаи ҳарбӣ капитан Баҳром Ҷӯраев қаҳрамонона ҳалок шуд. Ин нишон медиҳад, ки хизматчиёни Ватан барои ҳимояи ин замини муқаддас ва талабҳои савганди ҳарбӣ доимо тайёранд.

— Шерак, Томирис, Спитамен, Муқаннаъ, Маҳмуд Торобӣ, Ҷалолиддин Мангубердӣ, Амир Темур, Заҳириддин Муҳаммад Бобур, қурбонҳои озодии бар зидди сиёсати мустамликавии давр мардонавор мубориза бурда, дар солҳои 20–30 юми асри XX фарзандҳои асил барои истиқлоламон ҷон фидо карда, ҳамватанони дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон барои аз асорати фашизм халос кардан ҷонашонро нисор карда; дар солҳои 1999—2000, 2005-ум Баҳром Ҷӯраев, Сайёр Садинов, Алишер Салимов, Бобурҷон Ғаниев, Юнусҷон Охунов, Маҳмудҷон Ҷалилов ва дигар ҷанговарон, ки дар ҳаракатҳои зидди терррористҳои ба Ватанамон даромада ҷонашонро фидо кардаанд, қасамёд карда мешавад.Аз ҳамин сабаб ҳам Қасамёд барои хизматчии ҳарбӣ муқаддас ҳисоб мешавад.

*Байрақи ҷанговари қисми ҳарбӣ.* Байрақи ҷанговари Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон — рамзи шараф, матонат ва шону-шӯҳрати ҳарбист. Он ба ҳар як хизматчии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кардан ба Ватан, онро бо матонат ва маҳорат ҳифз намудан, то қатраи хуни охирин ва ҷонашро ҳам дареғ надошта ҳар як ваҷаби замини ҷонаҷонро мудофиа кардан ҳисобида мешавад. Байрақи ҷанговарӣ ба қисми ҳарбӣ баъди ташкил шудани он аз номи Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз тарафи вакилони Вазорати мудофиа супорида мешавад. Сарфи назар аз тағйирёбии рақам ва номи қисми ҳарбӣ, дар ихтиёри қисми ҳарбӣ нигоҳ дошта мешавад. Тағйирот дар ном ва рақами қисми ҳарбӣ дар грамотаи аз номи Президенти Республикаи Ӯзбекистон супоридашаванда оварда шудааст.

Байрақи ҷанговарӣ ҳар доим бо қисми ҳарбӣ, дар майдони ҷанг бошад, дар ҳудуди ҳаракатҳои ҷангӣ мешавад. Тамоми таркиби шахсии қисм барои бо ҷидду ҷаҳд ҳимоя намудани Байрақи ҷанговарӣ, роҳ надодан ба дасти душман афтидани он маҷбур аст. Ҳоло ҷанговарони Қувваҳои Мусаллаҳамон дар замони сулҳ Байрақҳои ҷанговарии қисмҳои худро бо эътимод посбонӣ намуда, барои зафарҳо дар тайёрии ҷангӣ барояшон рағбатнок мекунанд. Барои посбонии Байрақи ҷанговарӣ пости посбонӣ монда мешавад, он яке аз пурмасъултарин постҳо буда, ба аскарони аълочӣ супорида мешавад. Дар зери Байрақи ҷанговарии кушода аскар-матросҳо, сержант-старшинаҳо барои рағбатноккунӣ ба расм гирифта мешаванд.

### *Саволҳои назоратӣ*

1. Дар бораи мавқеи командирҳо, сардорҳо ва ва мақоми онҳо дар тарбияи таркиби шахсӣ нақл кунед.
2. Анъанаҳои ҷанговарии Қувваҳои Мусаллаҳро гуфта диҳед.
3. Тартиби қабул кардани қасамёди ҳарбӣ чӣ гуна аст?
4. Дар бораи ҳамзамононамон, ки ба қасамёди ҳарбӣ содиқ монда, ҳалок шудаанд, нақл карда диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *ҚИСМИ IV.* АСОСҲОИ КОРИ ҲАРБӢ

## *Боби 1.* АСОСҲОИ ҶАНГИ УМУМҚӮШУНӢ

### *1.1. Усулҳои ба ҳуҷум гузаштан ва якбора ба ҳуҷум гузаштан дар ҳолати рӯбарӯ шудан бо душмани эҳтимолӣ*

Бо душман рӯбарӯ шудан — чунин ҳолати қӯшунҳост, ки қисмҳои тарафи муқобил дар мудофиа меистанд. Ин ҳолат даар ҳоли аз тарафи душман ишғол шудани ягон марра, дар дифоъи вазнин нигоҳ доштани он, роҳ надодан ба вайрон кардани тартиби ҷангии он, тарафи ҳуҷумкунандаро барои ба мудофиа гузаштан маҷбур кардан пайдо шуданаш мумкин.

Аз ҳолати рӯбарӯ бо душман буда ба ҳуҷум гузаштан аз ҳолати ибтидоӣ сар мешавад.

Ҳолати ибтидоӣ— хандақ (окоп) ҳисобида шуда, онро аскар дар вазъияти

ибтидоии ҳуҷум доимо ба баргардонидани ҳуҷуми эҳтимолии душман бояд тайёр бошад.

Ҳангоми ба ҳуҷум тайёршавӣ аскар вазифаи худ ва гурӯҳро: тартиби гузаштан аз монеаҳои мина–таркандаро аниқ мекунад; соз будани аслиҳа ва тайёрии он ба ҷангро, дар доираи меъёр будани миқдори тирро, мавҷуд будани воситаҳои ҳимояи шахсӣ ва дуруст будани онҳоро месанҷад; пӯшок ва ашёи ба он овезоншударо дида рост мекунад ва сигналҳоро момӯзад. Ҳангоми ба позитсияи гурӯҳ наздик шудани танкҳо мувофиқи командаи **«Гурӯх , ба ҳамла тайёр шав»** – и командир аскар маҷбур аст, ки ба силоҳ тир андозад, онро аз ҳимоякунанда гирад, гранатаҳои дастиро ба ҳаракат тайёр кунад (запал монда мешавад) ва найза–кордро монад. Ҳамин ки танкҳо ба позитсияи гурӯҳ омаданд, мувофиқи командаи **«Гурӯх , ба ҳамла»** аскар бо зудӣ аз хандақ ҷаҳида мебарояд ва якҷоя бо аскарони дигар аз ақиби танки дар ҳамин самт ба ҳамла гузашта давида ё қадами зуд монда ба пеш ҳаракат мекунад.

Мошини ҷанговари пиёда (бронетранспортёр — БТР) ин вақт ба душман оташ кушода, аз монеаҳои мина – таркanda гузаштани гурӯҳ ва дар тартиби



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳангоми ҳамла аскар ҷой ва қанотҳои самти ҳамлаи гурӯҳро ба назорат гирифта, ҳолати ҷой, ба прредметҳои он пинҳон шуда ба душмани дар хандақ ва берун аз роҳҳои алоқабуда бо истифода аз воситаҳои ҷанги наздик ва гранатаҳо душманро саривақт меёбад ва нест мекунад. Пеши истода мондани танкҳо ва аз он ҷудо шуда мондани аскарҳои гурӯҳи дар ҳамла бударо мегирад. Барои ҳамин ҳар як аскар ҳаракати душманро тез баҳо дода, барои нест кардани нуқтаи оташфишони душман, аввало, нобуд кардани воситаҳои зиддитанкӣ ва қувваҳои зиндаи он оташ мекушояд.

*Якбора ба ҳуҷум гузаштан.* Пеш аз якбора ба ҳуҷум гузаштан аскар дар таркиби гурӯҳи худ ба ҷойи командир нишондода пинҳон мешавад, дар он ҷо



*Расми 52.* Аз ақиби танк монеаҳоро зер



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

силоҳ ва техникаи ҷангиро тайёр мекунад ва барои гардонидани ҳуҷумҳои ҳавоӣ, заминии душман тайёр меистад.

Дар вобастагӣ аз вазифаи иҷрошаванда, хислати ҷой ва шартҳои дигари вазъият аскари мототирандоз дар мошини ҷанговар (дар бронетранспортёр), пиёда ё дар танк дар ҳолати десант ҳаракат карданаш мумкин.

Агар ба ҳуҷум дар мошини ҷанговари пиёда (бронетранспортёр) гузашта шавад, аскар пешакӣ барои ба он шиштан тайёр мешавад. Ин вақт ӯ диққати асосиро ба экипировкаи шахсии худ, соз будани силоҳ, меъёри тир, ба ғайр аз ин, тир надоштани силоҳ эътибор медиҳад. Агар командаи **«Ба силоҳ тир пур карда шавад»** дода шуда бошад, ба муҳофиз монда шудани автоматро месанҷад, найза–корд бароварда гирифта мешавад.

Барои ба мошинҳои ҷанговар шинонидани аскарҳои таркиби сексия ба ҷойи дар назди мошин муайншуда аз рӯйи командаи(сигнали) **«Ба мошин»** саф кашида мешавад. Командаи (сигнали) **«Ба ҷойҳо»** дода шавад, аскарҳо аз чархҳо, занҷирҳо, поймонакҳо истифода карда, ҷойҳои дар мошини ҷанговар будаpо ишғол мекунанд.

Ҳангоми нишастан силоҳ қулай карда гирифта мешавад ( ба ғайр аз пулемёти ПК). Ҳангоми ҷойгиркунии пулемёт, ба хизматчии ҳарбӣ ё дар ақиб истода дароз карда мешавад.

## *1.2. Дар тартиби пиёда ба ҳамла гузаштан*

Ҳангоми аз тарафи механик–ронанда гирифта шудани командаи **«Сексия, ба тартиби пиёда тайёр шав»**, ки барои дар тартиби пиёда ба ҳамла гузаштан аз тарафи командири сексия дода мешавд, суръати мошини ҷанговарро суст мекунад, аскар аз шинак силоҳро бароварда онро ба муҳофиз мемонад ва ба тартиби пиёда ҳозир мешавад.

Аз мошин фаромадани аскар (ба ҳолати пиёда гузаштанаш) — аз дари ақиб; аз бронетранспортёр аз тариқи люк ба амал бароварда мешавад. Механик–ронандаи (ронандаи ) мошини ҷанговари ҳангоми марраи ба ҳолати пиёда гузаштан аз рӯйи командаи **«Ба мошинҳо»** ҳаракаташро суст мекунад ё дар ҷойи шароиташ мавҷуд ё панох ба муддати кӯтоҳ меистад.

Бо командаи командири сексия аскар аз мошини ҷанговар ҷаҳида мефароияд. Бо саршавии ҳамла аскар объекти ҳамлашаванда ва тартиби аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз изи танк рафта, ӯ бо оташи худ воситаҳои оташфишони душманро нест мекунад, дар навбати аввал воситаҳои зиддитанкӣ, нишонҳои хавфноктарини ба ҳаракати сексия халалдиҳандаро ба танк нишон медиҳад.

Шиддатнок шудани ҳамла — шарти муваффақият аст. Ҳангоми наздикшавӣ ба майдони миназор бо командаи **«Гурӯҳ , аз ақиби ман як (ду) колонна шуда, ба роҳрави дар миназор кушодашуда, бидав»** –и командири гурӯҳ пулемётчи якум шуда ба роҳрав наздик мешавад, ҳаракати гурӯҳи оташфишонро панаҳ мекунад. Аскарҳои боқимонда бошад, ба як колонна саф кашида, аз изи танк ё роҳрави тайёршуда рафта, аскарҳои пиёда таҳти оташи мошини ҷанговар (бронетранспортёр) миназорро мегузаранд. Аз миназор гузашта, аскар аз рӯйи командаи командири гурӯҳ **«Гурӯҳ , ба ҷанг, ба пеш»** боз дар занҷири гурӯҳ ҷойи худро ишғол карда, роҳравон тир парронида, бо таври шиддатнок ба сӯйи объекти ҳамла ҳаракат мекунад.

Аскари ба хандак ба масофаи 30—35 м наздикшуда бо командаи **«Бо граната оташ фишон»**–и командир, гранатаро ба хандак ҳаво медиҳад ва бо таври бошиддат, хам шуда ба марраи пеши мудофиа давида мебарояд, душманро аз масофаи наздик тир паронида нобуд мекунад ва ба самти нишондодашуда ҳамлаи беистро давом мекунад.

Агар аскар дар хандак ё роҳи алоқа ба бурдани ҷанг маҷбур шавад, он гоҳ бояд тез ҳаракат кунад. Пеш аз ба хандак ё роҳи алоқа даромадан аскар гранатаро ҳаво медиҳад ва аз автомат як–ду бор тир мепаронад.

Монеаҳои симини дар хандак ё роҳҳои алоқа аз тарафи душман мондаи намуди “хорпушт” ё “сепоя” ва ҳоказо бо найза-кордҳо ба боло партофта мешавад ё бо граната тарконида мешавад. Агар имкони иҷрои он набошад, аз ин участка давр зада гузашта мешавад.

Ҳангоми ҳаракат аз хандаки душман, бояд бодиққат дар хандак набудани мина ё чизи дигари таркандаро санҷид. Агар ғовҳои мина-тарканда ёфта шавад, онҳоро бояд безарар намояд, имконаш набошад, бояд аломати намудор монад.

Дар ин шароит нест кардани душман душвор аст, аскар, асосан, ба маҳорати бурдани ҷанги дастӣ, силоҳ ва қувваташ бовар карда, ба найзазанӣ, қӯндоқ (магазин) ё белчаи пиёда задан, граната ҳаво додан ва аз масофаи наздик тир паронидан эътибор медиҳад.

Гурӯҳи мототирпаррон дар взвод дар таркиби резерви батальён, гурӯҳи штурмчӣ ва ҷанговар, ба ғайр аз ин, гурӯҳи пеши десанти тактикӣ ҳаракат



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз рӯйи қоида, гурӯҳи мототирпаррон дар 200 м фронт ба ҳуҷум мегузарад, сексияи мототирпарронӣ бошад, бо тартиби пиёда дар 50 м фронт ҳаракат мекунад. Ба гурӯҳи мототирпаррон объекти ҳамла барои ҳуҷум ва самти баъдинаи он нишон дода мешавад. Вазифаи ҷанговар тавассути радио монда шавад, ба гурӯҳ самти баъдинаи ҳуҷум нишон дода шуданаш мумкин аст.

Гурӯҳи мототирпаррон объекти ҳамла дошта, он одатан душмани дар иншоотҳои истеҳкомии дар пункти такягоҳӣ ҷойгирифта ё дар окопбуда, ҳамчунин танкҳо, тӯп ва занбаракҳо, пулемётҳо ва воситаҳои дигари оташфишони дар самти ҳуҷумбуда мебошад. Ҳамла дар тез оташ кушодан ва ҳаракати шиддатнок ва беисти қисмҳои мототирпарронӣ, танкҳо, мошинҳои ҷанговари пиёдаҳо(бронетранспортёрҳо), ҳангоми наздикшавӣ ба душман бошад,бо мақсади нест кардани он аз воситаҳои дигар тир кушодан ифода мешавад.

Таркиби шахсии гурӯҳи мототирпаррон ба ҳолати пиёда гузарад, дар мошинҳои ҷанговари пиёда (бронетранспортёрҳо) нишонгир - операторҳо (пулемётчиҳои бронетранспортёр) ва механик-ронандаҳо (ронандаҳо) мемонанд, онҳо аз силоҳи мошинҳои ҷанговар оташ кушода, дар ҷараёни ҷанг қисмҳои худро дастгирӣ мекунанд.

Ҳангоми ҳуҷум дар шароити вазнини кӯҳӣ гурӯҳи мототирпаррон аз взвод ҷудо шуда, мустақилона ҳаракат мекунад, сексия бошад, мувофиқи қоида, дар таркиби гурӯҳ мешавад. Гурӯҳи мототирпаррон (сексия), одатан, пиёда ҳаракат мекунад.

Ҳангоми ҳуҷум дар шароити саҳро (дашт) гурӯҳ (сексия) ба байни хатти мудофиаи душман ва дохили қанотҳои кушода бо таври шиддатнок даромада, аз ақиб ба пунктҳои такягоҳӣ ҳамла мекунад.

## *Саволҳои назоратӣ*

1. Тарибиба ҳуҷум гузаштанро ҳангоми бо душман рӯбарӯ омадан фаҳмонида диҳед.

2. Тартиби якбора ба ҳуҷум гузаштанро эзоҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *Боби 2.* БЕ ХАРИТА ҶОЙИ ИСТИ ХУДРО МУАЙЯН КАРДАН

## *2.1. Хусусиятҳои хоси дар шароитҳои гуногун бе харита муайян кардани ҷойи ист*

Дар ҳудуд муайян кардани ҷойи ист ба аҳамияти калон молик буда, аз зеринҳо иборат аст:муайян кардани самтҳои тарафҳои уфуқ;муайян кардани ҷойи истихуд нисбати предметҳои атроф ва шаклҳои релефӣ;роҳ ё самти барои ҳаракат интихобшударо нигоҳ доштан. Дар вазъиятҳои ҷанговарӣ ҳангоми муайян кардани ҷойи ист боз ҳолат ва самти қушӯни худ ва душман аниқ карда мешавад.

Бо ёрии харитаҳои топографӣ, аэрофотосуратҳо, асбобҳои навигатсионии дар мошинҳои ҷангӣ ва штаб–қумондонӣ монда дар ҳудуд ҷойи истро муайян кардан мумкин аст. Муайян кардани ҷойи ист дар вазъиятҳои ҷанговарӣ ба усулҳои соддаи зерин асос меёбад:аз рӯйи компас, ҷисмҳои мунири осмон ва ишонаҳои предметҳои маҳаллӣ. Бо ин усулҳои содда ҷойи ист аниқ карда шавад, барои аниқ кардани тарафҳои уфуқ ва самти ҳаракат ёрӣ мерасонад. Дар шароитҳои гуногун бе харита муайян кардани ҷойи ист хусусиятҳои




*Расми 53.* Ҷойгиршавии тарафҳои уфуқ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хоси худро дорад.Бо мақсади боз ҳам зиёд кардани дониш дар бораи муайян кардани ҷойи ист гузаронидани машқҳои амалӣ тавсия карда мешавад.

Ба таври иловагӣ ба маълумотҳои дар синфи 10-ум омӯхташуда ба яке аз усулҳои зерин истода мегузарем.

Усули дар шароити саҳро муайян кардани тарафҳоиуфуқ. Барои ин аз қутбнамо (компас) истифода карда мешавад. Дар расми 53 дар шароити саҳро ҷойгиршавии тарафҳои уфуқ нишон дода шудааст.

Барои бо ёрии компас муайян кардани тарафҳои уфуқ (расми 54) он дар ҳолати горизонталӣ дошта мешавад, тормози мил сар дода шуда, компас чунон дошта мешавад, ки қисми сифри шкалаи компас (Ш) дар рӯбарӯйи нӯги шимолии мил бошад.Дар ин ҳолат қисми Ш шкала самти шимолро (0°), ШҚ (90°) — шарқ, Ҷ (180°) — ҷануб, Ғ (270°) — ғарбро нишон медиҳад.

Дар ҳудуд муайян кардани ҷойи ист умумӣ ё пурра шуданаш мумкин аст.

Муайян кардани самти ҳаракати дар ҷойи ист буда ва вақти тахминии барои то пункти охирин рафтан сарфшаванда ба таври умумӣ муайян кардани ҷойи ист номида мешавад.

Пурра ҷойи истро муайян кардан пурра аниқ кардани ҷойи исти худ ва ҷойҳои ҷойгиршудаи объектҳо ва самти ҳаракат аст.Пурра ҷойи истро муайян кардан бо ёрии харита, аэрофотосуратҳо ва асобобҳои навигатсионӣ ба амал бароварда мешавад.




*Расми 54.* Бо ёрии компас муайян кардани тарафҳои уфуқ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Интихоби аломатҳо (ориентирҳо) ва истифода аз онҳо. Предметҳои маҳаллӣ ва шаклҳои релефӣ, ки барои нисбатан аниқкунии ҷойи ист, ҷойҳои ҷойгиршавии объектҳо ва нишонҳо ва самти ҳаракат истифода

шакл, рангашон фарқ мекунанд ва ҳангоми азназаргузаронии муҳит осон ба назар меафтанд.

Намудҳои майдондор, хаттӣ ва нуқтавии аломатҳо мавҷуд.

Ба аломатҳои майдондор пунктҳои аҳолӣ, қисмҳои алоҳида ҷангалзор, кӯлҳо, ботқоқҳо ва дигар объектҳои калони майдондор медароянд. Ин навъ аломатҳо ҳангоми омӯхтани ҳудуд осон интихоб мешаванд ва дар хотир мемонанд.

Ба аломатҳои хаттӣ предметҳои маҳаллӣ ва шаклҳои релефӣ, ки на он қадар майдони калон доранд, даромада, аз ҷумла роҳҳо, дарёҳо, каналҳо, сими электрикӣ, пастхамиҳои кӯҳ ва дигарҳоро номбар кардан мумкин. Аз рӯйи қоида, аз онҳо барои нигоҳ доштани самти ҳаракат истифода мешавад.

Ба аломатҳои нуқтавӣ сохтмонҳои гуногун, қубурҳои завод ва фабрикаҳо, ретрансляторҳо, пулҳо, чорраҳаҳо, карерҳо, чуқуриҳо ва предметҳои маҳаллии на он қадар калон ва релефҳо медароянд.

Дар ҳудуд интихоб намудани аломати боэътимод аз бисёр ҷиҳат

ҳаракати рӯзона аломатҳои аз дур осон интихобшаванда гирифта мешавад, маслан ҷангалзорҳои алоҳидаи хурд, иншоотҳои манорашакл, дарахтҳо ваа амсоли ин. Дар давоми ҳаракат аломатҳои нав ҷамъ шуда рафтан мегирад. Дар шароити маҳдудии биниш барои нигоҳдории самти ҳаракат аломати хаттӣ интихоб мешавад.

Дар мавсими зимистон бояд предметҳои алоҳидаи рангаш торикро ба сифати аломат интихоб намуд, зеро ба сабаби барф нишонаҳои шаклҳои релеф дида нашуданаш мумкин.

Ҳангоми интихоби аломатҳо аз ҳар нуқта нигоҳ карда, бояд тағйиорт ва нисбати ҳамдигар ҷойгиршавии онҳоро ба ҳисоб гирифт.Ин ҳолат асосан ба ҳудудҳои кӯҳӣ хос аст. Предмет ва шаклҳои релефии ҳамчун аломат интихобшуда баъзан ҳангоми ҳаракат аз назар пинҳон шуданаш мумкин аст.

Аломат ҳаддалимкон аз тарафи пеш, дар як хел масофа интихоб карда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

медиҳад. Аломатҳо аз тарафи рост ба чап, аз рӯйи марраҳо бошад, аз ҷойи исти худ то душман рақамгузорӣ карда мешавад. Ба ҳар аломат номи шартии оддӣ ва дар хотир дошташаванда дода мешавад, масалан, баландӣ – “Паҳн”, “Ҷарии зард”, ҷангали хурд –“Кӯтоҳ”. Рақам ва номҳои аломатҳои аз тарафи сардор мондашуда тағйир дода намешаванд.

### *2.2. Муайян кардани тарафҳои уфуқ мувофиқи дар нисбати Офтоб ҷойгиршавии предметҳо*

Предметҳо дар нисбати Офтоб ба таври зер ҷойгир мешавад:

— пӯсти аксари дарахтон дар тарафи шимол ғафстар, дар тарафи ҷануб тунук ва эластик (дар тӯси сафед сафедтар)мешавад;

— дар дарахти санавбар пӯсти қабати дуюмаш дар тарафи шимол кафида буда(ҷигарранг)буда, дар танааш то боло дароз мекашад;

— дар тарафи шимоли дарахтҳо, сангҳо, шиферҳои чӯбин ва черепитсадор барвақттар гулсанг ва замбурӯғҳо пайдо мешавад;

— дар дарахтҳои сӯзанбарг шилм бисёртар дар тарафи шимол ҷамъ мешавад;

— мӯрчахонаҳо дар тарафи ҷануби дарахт, кунда ҷойгир мешавад, ба ғайр аз ин, тарафи ҷануби мӯрчахонаҳо ҳамвортар мешавад;

— резамеваҳо (қулфинай, қот ва монанди ҳамин) ва дарахтҳои мевадор дар тарафи ҷануб тезтар мепазад;

— тобистон замин дар назди санг, иншоотҳо, дарахтҳо ва буттаҳо дар тарафи ҷануб хушктар мешавад (инро бо даст дида аниқ кардан мумкин аст), барф дар тарафи ҷануб тезтар об мешавад, дар кӯҳҳо дарахти булут дар тарафи ҷануб тезтар мебароянд.

Бо ёрии предметҳои маҳаллӣ аниқ кардани тарафҳои уфуқ тахминист, аз ҳамин сабаб, дар ҳоли пайдо шудани имконияти аввалин бояд аз усули дурусти аниқ кардани тарафҳо истифода намуд.

Дар қисмҳои ҳарбӣ баъди бе харита ҷойи истро муайян кардан боз ба хизматчиёни ҳарбӣ ба тарзи топографӣ ва тактикӣ муайян кардани ҷой ёд дода мешавад. Муайянкунии топографӣ аниқ кардани вақти муайянкунӣ, тарафҳои уфуқ, нуқтаи ҷойи ист, ҳолати объектҳои иҳота кардаро дарбар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муайянкунии топографӣ, аввало, самти шимолро дар нисбати ягон предмет ва ҳолати ҷойро дар нисбати ягон нишонаи наздик ва намудортаринро муайян мекунад.

Ҳамчунин, дар муайянкунии топографӣ аломатҳои зарурии ҷой ва объектҳои дигар, масофаи тахминӣ то онҳо ва самти онҳо нишон дода мешавад. Ҳамчун самти аломат тарафҳои зарурии уфуқ (рост, чап)нишон дода мешавад. Номи объектҳо ва масофа то онҳо тавассути харита аниқ карда мешавад.

Муайянкунии тактикӣ аз аниқкунии қӯшунҳои душман, ҷойгиршавии қисмҳои худӣ ва тавсифи ҳаракат иборат аст. Пеш аз муайянкунии тактикӣ бояд нишондиҳандаҳои ибтидоиро тайёр намуд.

Разведкачӣ дар пости назорат муайянкуниро чӣ қадар пухта тайёр кунад, ҳангоми иҷрои вазифаи ҷанговарӣ нишон додани нишон ҳамон қадар тез ва осон ба амал бароварда мешавад.

### *Саволҳо назоратӣ*

1. Дар ҳудуд бе харита ҷойи исти худро муайян кардан аз чӣ иборат?
2. Кадом намудҳои муайян кардани ҷойи ист ҳаст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## АЗ ҶОЙ ИСТОДА БА НИШОНҲОИ БЕҲАРАКАТ ВА ПАЙДОШАВАНДА ОТАШ КУШОДАН

Дар дарсҳои тайёргарии оташфишонӣ, аввало, имкониятҳои силоҳ омӯхта мешавад. Қоидаҳои ба нишон гирифтан ва тирпарронӣ азхуд карда мешавад. Нишонҳо, дар навбати худ, беҳаракат ва пайдошаванда мешаванд.

Нишонҳои беҳаракат — нишонҳои дар як мавқеъ ҷойгирифта ва дар майдони ҷанг ҷойивазнакунанда, нишонҳои доиравӣ дар вақти машқ, тирҳо ва тренажерҳо ҷудо мешаванд. Нишонҳои пайдошаванда бештар дар дарсҳои тайёргарии оташфишонӣ истифода мешавад.

*Рӯзона аз ҷой истода ба нишонҳои беҳаракат тир паронидан. Машқи нахустини оташфишониро дар автомат (силоҳи пневматикӣ, тренажёри тирпарронӣ ё шароити саҳро) иҷро намудан.*

**Нишонҳо:** нишонҳои баданшакл бо доираҳо (4-нишон дар тахтаи 0,75×0,75 ҷойгир карда мешавад) — беҳаракат; тахта дар сатҳи замин рост




*Расми 55.* Хатти оташфишонӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

карда мешавад (бемасофа); пиёдаи ҳуҷумкунанда (ба ҳуҷум гузаранда) — шакли суробдор (8-нишон), ба вақти номуайян пайдо мешавад.

**Масофа то нишонҳо:** то нишони баданшакл — 100 м;

То пиёдаи (ба ҳуҷум гузаранда) ҳуҷумкунанда — 200 м.

**Миқдори патронҳо:**

— барои автомат — 9 дона; карабин, барои милтиқи намунаи с.1891/30— 5 дона, аз инҳо сетоаш барои ба суроби синашакли доирадор паронидан.

**Вақт барои паронидан:** маҳдуд нест.

**Ҳолати паронидан:** дар ҳолати хобида бо такягоҳ.

**Баҳо:** дуто нишонро нест кардан: «аъло» — 25 хол; «хуб» — 20 хуб; «қаноатбахш» — 15 хол.

*Аз милтиқи пневматикӣ дар тир иҷро кардани машқ*

**Нишон:** доирадор (Расми 56)
**Масофа то нишон:** 10 м
**Миқдори тирҳо:** 5 то
**Вақт барои паронидан:** маҳдуд нест.
**Ҳолати паронидан:** дар ҳолати хобида бо такягоҳ.
**Баҳо:** «аъло» — 45 хол; «хуб» — 40 хол;
«қаноатбахш» — 30 хол.



*Расми 56.*

## *Саволҳои назоратӣ*

1. Нишонҳо ба кадом навъҳо ҷудо мешавад?

2. Барои рӯзона аз ҷой истода ба нишонҳои беҳаракат тир паронидан ва бо милтиқи пневматикӣ машқро иҷро кардан чандто патрон ҷудо карда мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

## ИҶРО КАРДАНИ КОМАНДАИ “БА ҶАНГ” БО АВТОМАТ МИЛТИҚИ МЕРГАНӢ

**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати истода иҷро намудан** (намуд аз тарафи рост)





**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати дар зонӯ иҷро намудан**(намуд аз тарафи рост)



**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати хобида иҷро намудан**(намуд аз тарафи рост)



**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати хобида иҷро намудан**(намуд аз тарафи рост)

## ИҶРО КАРДАНИ КОМАНДАИ “БА ҶАНГ” БО ПИСТОЛЕТ, ГРАНАТОМЁТ ВА ПУЛЕМЁТИ КАЛАШНИКОВ



**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати хобида иҷро намудан**(намуд аз тарафи чап)



**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати хобида иҷро намудан**(намуд аз тарафи рост)



**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати рост истодан иҷро намудан**(намуд аз тарафи рост)



**Командаи «Ба чанг»–ро дар ҳолати рост истодан иҷро намудан**(намуд аз тарафи рост)

Расми 57.



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *ҚИСМИ VI.* ТАЙЁРГАРИИ АМАЛИИ ҲАРБӢ –ҶИСМОНӢ

## *Боби 1.* ТАЙЁРГАРИИ УМУМИҶИСМОНӢ

### *1.1. Маҷмӯи дуюми машқи озод*

*Маҷмӯи дуюми машқи озод* бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти тамоми гурӯҳҳои мушакҳои инсон дар шонздаҳ ҳисоб иҷро карда мешавад:



**Ҳолати ибтидоӣ** — қад рост карда истодан



**Як** — дастҳо рост, оринҷҳо қат нашуда ба тарафи ақиб, кафтҳо кушода, ангуштҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Ду** — дастҳо боло карда шуда, кафтҳо кушода ба ҳамдигар нигаронида мешавад, ангуштҳо якҷоя, баданро ба боло мекашанд.



**Чор**— ба тарафи чап қадами васеъ монда, пойи чап дар зону қат карда мешавад ва вазни бадан ба пойи чап меафтад, дастон ба ду тараф дар сатҳи китф параллел ба замин кушода шуда, кафтҳо дар ҳолати кушод ба тарафи замин нигаронида мешавад, сарро ба чап гардонида, нигоҳ ба нӯги дасти чап андохта мешавад.



**Се**— оринҷи дастҳо қат карда шуда, нӯги дастон ба китф монда мешавад, оринҷҳо ба бадан наздик карда мешавад, қафаси сина паҳн дошта мешавад.



**Панҷ**— оринҷи дастҳо қат карда шуда, нӯги дастон ба китф монда мешавад, оринҷҳо ба бадан наздик карда мешавад,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Шаш** — ба тарафи рост қадами васеъ монда, пойи рост дар зону қат карда мешавад ва вазни бадан ба пойи чап меафтад, дастон ба ду тараф дар сатҳи китф параллел ба замин кушода шуда, кафтҳо дар ҳолати кушод ба тарафи замин нигаронида мешавад, сарро ба рост гардонида, нигоҳ ба нӯги дасти рост андохта мешавад.



**Ҳафт** — оринҷи дастҳо қат карда шуда, нӯги дастон ба китф монда мешавад, оринҷҳо ба бадан наздик карда мешавад, қафаси сина паҳн дошта мешавад.



**Ҳашт** — ҷаҳида, пойҳо васеъ карда шуда, кафтҳо дар болои сар ба ҳам баста мешаванд.



**Нӯҳ** — бадан дар миён хам шуда, дастони баста ба поён карда шуда, дастон ба байни пойҳо гузаронида мешавад, сар ба поён



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Дах** — баданро бардошта, ба тарафи чап мегардад, дастҳо ба ду тараф дар сатҳи китф боло шуда, кафтҳо ба ҳолати мушт оварда мешавад, сар якҷоя бо бадан ба тарафи чап мегардад.



**Ёздаҳ** — бадан дар миён хам шуда, дастони баста ба поён карда шуда, дастон ба байни пойҳо гузаронида мешавад, сар ба поён нигаронида мешавад.



**Дувоздаҳ** — баданро бардошта, ба тарафи рост мегардад, дастҳо ба ду тараф дар сатҳи китф боло шуда, кафтҳо ба ҳолати мушт оварда мешавад, сар якҷоя бо бадан ба тарафи рост мегардад.



**Сенздаҳ** — бадан дар миён хам шуда, дастони баста ба поён карда шуда, дастон ба байни пойҳо гузаронида мешавад, сар ба поён нигаронида



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Чордаҳ**— бадан рост карда шуда, пойҳо якҷоя карда мешаванд, зонуҳо нимқат мешаванд, дастҳоро ба пеш дар сатҳи китф бардошта, кафтҳо кушода ба ҳамдигар нигаронида мешавад. Сар рост карда мешавад.





**Понздаҳ**— аз ҳолати нимез ба боло чаҳида дастҳо ба ду тараф кушода мешаванд, кафтҳо кушода, ангуштон якҷоя карда шуда, пойҳо дар ҳаво ба васеъгии китф кушода шуда, бо миён андак ба ақиб хам мехӯранд, миён ҳам ба ақиб гирифта шуда, нигоҳ ба боло карда мешавад. Дар дами аз ҳаво ба замин фаромадан, бадан рост карда шавад, пойҳо якҷоя ва дар ҳолати нимхез зонуҳо нимқат карда мешаванд,дастон ба пеш ба баландии китф



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Шонздаҳ**— ба ҳолати ибтидоӣ бозгашта мешавад— қад рост карда мешавад.

*1.2. Маҷмӯи машқҳои зӯрталаб*



Даст гирифта



**Як** — бадан ба пеш хам мешавад, нӯгҳои даст ба нӯгҳои пойҳо расонида мешавад.
**Ду** — ҳолати пешина қабул карда





Ба дастҳо такя карда, як — дастҳо дар оринҷ қат мешаванд, ду — дастҳо рост карда мешаванд, бадан бояд рост бошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои иҷрои ин машқ як дақиқа дода мешавад: 30 сония — ба машқи ба пушт хобида баданро ба пеш хам намудан; 30 сония — ба машқи ба дастҳо такя намуда, дастҳоро аз оринҷ қат намуда, рост кардан. Миқдори машқҳои иҷрошуда ҷамъ карда, баҳо бароварда мешавад.

**Машқи якбора бардоштани санг** (Расми 58).

Вазни санг 16 кг. Ҳолати истодан — пойҳо алоҳида, бо як даст аз болои дастаи санг дошта, ба фарш нарасонида, паиҳам ба боло бардоштан

бардоштан. Дурустии ҳолати санг дар боло бо дуруст будани ҳолати даст муайян карда мешавад, ивазшавии дастҳо ҳангоми тела додан ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми фаровардани санг дам гирифтан, бо дасти холӣ ба қисмҳои бадан расидан манъ аст.



*Расми 58.*

## *1.3. Маҷмӯи машқҳои чолокӣ*

**Машқи ба пеш ғелидан** (Расми 59). Иҷрои ҳолати ба саф истодан, такя карда нишастан, сарро ба сина хам намуда, бо пойҳо тела додан ва ғун шуда, ба пеш ғелида, такя карда нишастан, хестан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Расми 59.* Машқи ба пеш ғелидан.

**Машқи ба ақиб ғелидан**(Расми 60). Иҷрои ҳолати ба саф истодан, такя карда нишастан, сарро ба сина хам намуда, бо пойҳо тела додан ва ғун шуда, ба ақиб ғелида, такя карда нишастан, хестан.



*Расми 60.* Машқи ба ақиб ғелидан.

**Машқи гардиш ба паҳлӯ** (Расми 61). Ҳолати саф, бо қадами пой танаро хам намуда, пойи чапро қат карда дасти чапро ба фарш мондан, бо пойи рост тела дода бо пойи чап ҷаҳидан, ба дастҳо бо навбат такя карда, ба дастҳо истодан, пойҳо кушода. Гардиш ба паҳлӯ ба ҳарду тараф иҷро мешавад.



*Расми 61.*

## *Саволҳои назоратӣ*

1. Дар амал иҷро кардани маҷмӯи машқи озоди дуюм.
2. Машқҳои тайёргарии умумҷисмониро дар асоси меъёрҳои дар амалбуда иҷро намоед.
3. Иҷро намудани маҷмӯи машқҳои чолокӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Боби 2.* **АЗ РОҲИ (ҚАТОРИ) МОНЕАҲОИ ЯГОНА ГУЗАШТАН**

### *2.1. Шиносшавӣ ба ҷузъҳои роҳи монеаҳо ва тартиби аз онҳо гузаштан. Машқи усулҳои гузаштан аз монеаҳои алоҳида. Омӯхтани аз маҷмӯи монеаҳои роҳи монеадор пурра гузаштан*



Машқ кардани ба хандак фаромада, граната ҳаво додан.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Машқи гузаштан аз девори хиштӣ.



Машқи гузаштан аз сӯрохии девор.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Машқи гузаштан аз пули вайрон.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Машқи ҷаҳида гузаштан аз хандақ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *2.2. Омӯхтани аз маҷмӯи монеаҳои роҳи монеаҳо пурра гузаштан .Такомул додани малакаҳои азхудшуда*

Дар қатори ягонаи монеаҳо машқи зерин иҷро мешавад: масофа 200 метр. Ҳолати ибтидоӣ — ҳолати хобидан дар пеши хатти монеаҳо.

Командаи «Ба пеш» дода шавад:

1. Ҷаҳида 20 метр давида мешавад ва аз болои чуқурии васеъгиаш 2,5 метрӣ ҷаҳида гузашта мешавад.

2. Аз роҳҳои лабиринт давида гузашта мешавад.

3. Бо усули дилхоҳ аз devори 2 метрӣ гузашта мешавад.

4. Тавассути нардбони вертикалӣ ба қисми дуюми пули вайрон баромада мешавад. Аз балка давида гузашта, дар охири он ба замин ҷаҳида мефароянд.

5. Аз зинаи сеюми вайрон гузашта, бо шарти ба замин расидани пойҳо, аз таги зинаи чорум гузашта мешавад.

6. Аз тирезаи девор гузашта мешавад.

7. Ба окоп (хандақ) давида меравад. Ба он ҷаҳида мефароянд ва тавасути роҳи алоқа то чоҳ меравад.

8. Аз замин гранатаро гирифта, ба яке аз тирезаҳои девор ё майдончаи 2,5 метрии паси девор ҳаво дода мешавад. Барои ин то 3–то граната гирифтан мумкин. Вазни гранатаҳо 600 г.

9. Аз чоҳ ҷаҳида баромада, аз девор мегузаранд.

10. Тавассути нардбони хамшуда ба зинаи вайрони чорум мебароянд ва аз зинаҳо давида мефароянд.

11. Тавассути нардбони вертикалӣ ба балкаи пули вайрон мебароянд. Аз он давида рафта, аз ҷойи канда шудааш ҷаҳида мегузаранд ва аз тариқи тахтаи моил ба поён мефароянд.

Аз чуқурии васеъгиаш 2,5 метрӣ ҷаҳида мегузаранд, то роҳрав гузашта, хатти сари монеаҳо бурида гузашта мешавад.

### ***Саволҳои назоратӣ***

1. Амали гузаштан аз роҳрави (қатори) ягонаи монеаҳоро иҷро намоед.

2. Ҳангоми гузаштан аз маҷмӯи роҳрави монеаҳо кадом машқҳо иҷро карда мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *ҚИСМИ VII.* АСОСҲОИ ДОНИШҲОИ ТИББӢ

## *Боби 1.* АСОСҲОИ ТАШКИЛ НАМУДАНИ ТАЪМИНОТИ ТИББИИ ҚЎШУНҲО ДАР ЗАМОНИ ОРОМӢ

### *1.1. Кори пунктҳои тиббии қисмҳои ҳарбӣ дар замони оромӣ*

Маҷмўи чора – тадбирҳо, ки ба ҳифз ва мустаҳкам кардани саломатии ба қобилияти ҷанговарӣ ва дараҷаи шайъии қўшунҳо таъсир мекунад, дар замони оромӣ мазмуни асосии таъминоти тиббии қўшунҳо ҳисобида мешавад. Қисмҳои асосии ин маҷмўи чора-тадбирҳо аз зеринҳо иборат:

— барои таъмин намудани тайёрии ҷанговарӣ ва ҷисмонии таркиби шахсӣ саривақт гузаронидани чора–тадбирҳои даво–профилактикӣ, назорати тиббии саломатии онҳо, аз рўйи тартиби муайяншуда ба хизматчиёни ҳарбӣ расонидани ёрии тиббӣ, муоина ва табобаткунӣ;

— бурдани назорати тиббӣ аз болои риоя шудани меъёрҳои гигиенӣ, қоидаҳои санитарӣ дар бобати маводи хўрокаи қушўнҳо, таъминоти онҳо бо оби нўшокӣ, меҳнати ҳарбӣ, тарзи ҳаёт ва нишон додани хизмати маишӣ;

— тадбирҳои оид ба пешгирии паҳншавӣ ва бартараф кардани касалиҳои сироятӣ дар байни таркиби шахсӣ;

— тайёрии ҳарбӣ-тиббӣ таркиби шахсӣ ва тарбияи гигиении он;

— бо анҷоми тиббӣ таъмин шудани қўшунҳо, такшил кардани баҳисобгирии тиббӣ ва ҳисоботи тиббӣ.

Пункти тиббии қисми ҳарбӣ ҳангоми гузаронидани корҳои даво–профилактикӣ марказ ҳисобида мешавад:

— ташкил намудан ва гузаронидани чора–тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи профилактикӣ, даво–ташхисе, ки ба ҳифз, мустаҳкамкунӣ ва барқарорнамоии саломатии таркиби шахсӣ равона шудаанд;

— ба хизматчии ҳарбӣ расонидани ёрии амбулаторӣ, статсионарии тиббӣ, дар гарнизонҳои алоҳида ва пўшида ба аъзоёни оилаҳои ҳарбиҳо,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

— ба тамоми мӯҳтоҷон расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ;

— аз тарафи таркиби шахсии пункти тиббӣ гузаронида шудани чора–тадбирҳои санитарӣ-гигиенавӣ ва зиддиэпидемиявӣ;

— баланд намудани дараҷаи ҷанговарии таркиби шахсӣ, дар таъминоти тиббии фаъолияти хоҷагӣ ва тадбирҳои дигари дар қисми ҳарбӣ гузаранда иштирок намудан;

— қисмҳои бригадаро бо анҷоми зарурии тиббӣ таъмин намудан;

— иштирок дар тайёрии тиббии таркиби шахсӣ, гузаронидани корҳои тарбиявии гигиенӣ.

Пункти тиббии қисми ҳарбӣ аз ҷиҳати ташкилӣ гуногун шуданаш мумкин аст. Дар пункти тиббӣ: сардори пункти тиббӣ, дуто шифокор, шифокор-стоматолог, дуто инструктори санитарӣ, сардори дорухона, ошпаз, ронандаи калони - радиотелефончӣ, ронанда-электромеханик ва ронанда - санитар мавҷуд.

Пункти тиббии қисми ҳарбӣ аз қисмҳои асосӣ буда, ба он амбулатория, дорухона ва лазарет медароянд.

*Амбулаторияи пункти тиббӣ*— барои қабул кардан, расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ва табобати амбулатории таркиби шахсии касалшуда, заҳролудшуда ва шикастёфта, аз муоинаи тиббӣ ва назорат гузаронидани он, эмкунии профилактикӣ ва бурдани корҳои санитарӣ– равшаннамоӣ муқаррар шудааст.

*Дар дорухонаи пункти тиббӣ* дуто хонаи ассистент, хонаи нигоҳдории маводи моддӣ, шустушӯкунӣ, стерилизатсиякунӣ, нигоҳдории воситаҳои дезинфексиякунанда таҷҳизонида мешавад.

*Лазарети пункти тиббӣ (статсионар)* — барои тафтиш ва табобати беморҳои мӯҳтоҷ, ки муддати табобаташон аз 14–15 рӯз зиёд нест; муваққатан ҷойгиркунии беморҳои ба госпитали ҳарбӣ барои табобат фиристодашаванда; муваққатан ҷойгиркунии беморҳои ба госпитали ҳарбӣ фиристодашаванда, ки ба бемории сироятӣ дучор шудаанд ё гумонбар карда мешаванд; гузаронидани табобати статсионарии бемороне, ки бо нақлиёт бурда шуда наметавонанд, то беҳтар шудани вазъи саломатии онҳо; муваққатан нигоҳ доштани хизматчиҳои ҳарбие, ки ба туфайли вазъи саломатиашон аз тарафи шӯъбаҳои корҳои оид ба мудофиа ба хизмати ҳарбӣ нолоиқ ёфта шудааст.

*Дар лазарет бояд* хонаи санитар (бо ваннахонааш), палатаҳо барои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ошхона, хонаи дамгирӣ барои касалҳо, ҳоҷатхона, хонаи шустушӯкунӣ, анбор барои нигоҳдории либосҳои касалҳо, хонаи ба таври алоҳида нигоҳдории ҷойпушҳои чиркин ва тоза, либосҳои госпитал, сачоқҳо, нигоҳдории молу мулки лазарет ва пункти тиббии амбулатория мавҷуд бошад.

Тартиби қабули беморон дар пункти тиббии қисми ҳарбӣ бо Низми тартиби дохилӣ муайян карда мешавад.

### *1.2. Асосҳои гигиенаи ҳарбӣ*

*Гигиена* — самти фанест, ки таъсири омилҳои гуногуни муҳити беруна ва фаъолияти истеҳсолиро ба организми инсон,тадбирҳои ба солимгардонии шароити меҳнату ҳаёти одам равонашударо меомӯзад.

Гигиена як қатор самтҳои мустақилро, яъне гигиенаи иҷтимоӣ, гигиенаи ҳарбӣ, гигиенаи меҳнат, гигиенаи хӯрок, гигиенаи таъмини оби нӯшокӣ ва дигарҳоро дарбар мегирад.

Вазифаи асосии *самти гигиенаи ҳарбӣ*— омӯхтани хусусиятҳои таъсири муҳити беруна ва меҳнати ҳарбӣ ба саломатии хизматчиёни ҳарбӣ ва коркарди тадбиҳои амалӣ оид ба бартараф кардани таъсири омилҳои зарарнок ё кам кардани онҳо мебошад. Вазифаи асосии гигиенаи ҳарбӣ нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани саломатии таркиби шахсӣ дар даври ҷанг ва оромӣ мебошад.

### Гигиенаи шахсӣ

*Гигиенаи шахсӣ*— маҷмӯи қоидаҳои гигиениест, ки ба нигоҳорӣ ва мустаҳкам намудани саломатии таркиби шахсӣ, дар дараҷаи баланд нигоҳ доштани фаъолияти ҷанговарӣ ва меҳнатии он равона шудааст. Гигиенаи шахсӣ интизоми бадан, даҳон, либос, пойафзол, меҳнат ва фаъолияти меҳнатӣ ва нест кардани одатҳои зарароварро дарбар мегирад.

*Парвариши бадан.* Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ: саҳарӣ шустани дасту рӯй ва дандонҳо, бо оби хунук пок кардани бадан то миён; пеш аз ҳар хӯрокхӯри шустани дастон; шустани дандон ва пойҳо то хобравӣ Сариваҷт гирифтани нохунҳо ва ришу мӯйлаб; мунтазам шустушукунӣ дар ҳаммом ва ивазкунии либоси тагу ҷойпӯш; шустани ҷуроб; озода нигоҳ доштани либос



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Парвариши пӯст.*Барои аз ифлос шудан, араққунӣ, зер кардани равған, афтидани ҳуҷайраҳои шохмонанд ва микроорганизмҳо ҳимоя кардани пӯст онро бояд мунтазам шуста истод. Барои дар таги нохун ҷамъ нашудани

майда химоя намуд, зеро онҳо ба организм афтидани микроорганизмҳоро осон мекунад. Барои ин аз либоси махсус, хамираҳои ҳимоякунанда ва воситаҳои махсуси шӯянда истифода намуд. Ҷароҳатҳои хурдро бо маҳлули 5% йод, сабзи бриллиантии 2% ё воситаҳои антисептикӣ тоза намуд.

Ҳавои тоза, нури Офтоб, оббозӣ ва машқҳои дигари ҷисмонӣ ба пӯст таъсири мусбӣ мерасонад.

*Парвариши мӯйҳо.* Барои таъмин кардани тозагии мӯйҳо онҳоро бояд камаш ҳафтае як бор бо воситаҳои шӯянда (шампун) шуст, мӯйҳои равғанӣ бошад, бояд бисёртар шуста шаванд. Баъди шустан мӯйҳо бо сачоқ хушк карда мешавад ва шона карда мешаванд.

Тамоми хизматчиёни ҳарбӣ бояд мӯйи сари кӯтоҳ дошта бошанд.Барои саривақт парвариш кардани пӯсти рӯй, бояд ҳаррӯза риш гирифт. Анҷоми ришгирӣ, устураи электирикиро бояд тоза нигоҳ дошт.

*Парвариши дандонҳо.* Мавҷуд будани данодони касал сабаби бемориҳои дохилӣ шуда метавонад. Дандонрод рӯзе 2 бор — пагоҳӣ

дар зарфи махсус нигоҳ дошта шавад. Бо дандон газидани чизҳои сахт (чормағз, донак, симҳо) барои дандон зарарнок аст. Ҳар дафъа баъди хӯрокхӯрӣ бояд даҳонро чайқонид, дар акси ҳол, боқимондаҳои хӯрок, ки дар байни дандонҳо мемонанд, ба вайроншавии сири дандон, пайдошавии санги дандон сабаб мешавад. Агар дандон табобат карда нашавад, касалӣ ба даруни дандон меравад.

*Парвариши пойҳо.*Дар игоҳдории солимии хизматчии ҳарбӣ ва хусусияти ҷанговарии он аҳамият додан ба тозагии пойҳо ва онҳоро дуруст парвариш намудан ба аҳмияти калон молик аст.

Пойафзоли нодуруст ва ҷуроби андозааш хато интихобшуда дар натиҷаи фишори механикӣ ба хӯрдашавии пӯсти пойҳо оварда мерасонад. Ин ҳолат табобати махсусро талаб мекунад.

Бемориҳои замбурӯғи пӯсти пой дар ҳаммомҳо, душхона, толори спортӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Касал шудани пӯсти пой оқибати риоя нашудани гигиенаи шахсист. Пеш аз хоб бояд пойҳоро шуст ва бо сачоқ нағзакак пок кард.Ҳангоми дамгирӣ бояд ботинка (мӯза)ро ба шиппак иваз намуд. Бояд бисёртар пойлуч гашт ва пӯтси пойро обутоб дод. Хусусан одамоне, ки пояшон бисёр арақ мекунад, бояд ба пӯсти пой аҳамият диҳанд. Онҳо бояд ҷуробҳоро (пайтобаҳоро) тез-тез шуста истанд.

## Гигиенаи ҷойи зисти ҳарбӣ

Барои ҷойгиркунии ҳар як взвод дар хобгоҳ (казарма) бояд хонаҳои зерин бошад: хонаи хоб, хонаи дамгирӣ, девонхонаи взвод, хонаи нигоҳдории силоҳ, хонаи тозакунии силоҳ, хонаи машғулоти варзишӣ, хонаи нигоҳдории чизҳои шахсии хизматчиёни ҳарбӣ ва взвод, хонаи тамокукашӣ ва тозакунии пойафзол, хонаи хушккунии либос ва пойафзол, хонаҳои шустушукунӣ, душ ва ҳоҷатхонаҳо.

Барои хизматчиёни ҳарбии ҷинсашон зан хобгоҳи алоҳида ё хона ҷудо карда мешавад. Барои ба машғулот тайёршавӣ, дамгирӣ ва гузаронидани маҷлисҳои онҳо ҳам душ ва ҳоҷатхонаҳо ҷудо карда мешавад.

Дар хобгоҳ ҷойгиркунии хизматчиёни ҳарбии муддатнок бо назардошти ба як аскар рост омадани камаш 12 $м^3$ ҳаво гузаронида мешавад. Асбобҳои вентилятсионии дар хонаҳо буда ба шамолдиҳии хонаҳо монеа намешавад.

Дар хонаи шустушукунӣ барои ҳар 5—7 нафар 1 то дастшӯяк монда мешавад. Барои шустани пойҳо 2 дастшӯяк ва ҷой барои тозакунии либос ҷудо карда мешавад.Барои ҳар як взвод 1 то душхонаи ба 15—20 нафар назардошташуда монда мешавад.

Ҳоҷатхонаҳо бояд тоза нигоҳ дошта шуда, ҳар рӯз дезинфексия карда шуда, вентилятсияи хуб ва асбобҳои равшанкунанда соҳиб бошад.

Ҳарорати хонаҳои хушккунии либос, кулоҳҳо 30—50°С шуда, ба ҳар як взвод хонаи 15—18 $м^2$ буда ҷудо бояд карда шавад.

*Шамолдиҳии хобгоҳ* аз тарафи навбатдорон иҷро карда мешавад. Хобгоҳро пеш аз хоб ё саҳарӣ, синфхонаҳоро пеш аз машғулот ё дар вақти танаффус шамол медиҳанд.

*Корҳои тозакунии хона.* Тозагии ҳаво аз микроб ва чангҳо ҳимоя



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо ҳамин  мақсад ҳар рӯз хонаро бо латтаи нам тоза мекунанд.Ҳафтае як маротиба корҳои тозакунии умумӣ  — шустани фарш, дару тирезаҳоро кушода шамол додан, дар ҳавои кушод ҳаво додани ҷойпӯш ва курпаҳо иҷро карда мешавд.Мувофиқи нишондоди тиббиёт  хонаро бо маҳлули хлордор тоза намудан тавсия карда мешавд.

## Гигиенаи хӯрокхӯрӣ

Хӯрокхӯрӣ яке аз омилҳои асосии нигоҳдории саломатӣ ва мустаҳкамкунии он, нигоҳдории қобилияти ҷанговарии онҳо мебошад.Дар армия хӯрокхӯрӣ эҳтиёҷи физиологии хизматчии ҳарбиро аз рӯйи ратсион таъмин мекунад, ин дар навбати худ, маҷмӯи моддаҳои ҳазмшавандаро аниқ карда медиҳад.Дар организми инсон ба таври доимӣ ҷараёнҳои оксидшавӣ ва барқароршавӣ бо иштироки моддаҳои гуногун мегузарад.Барои барқарор намудани қувваи аз тарафи организм сарфшуда ба организм моддаҳои гуногунро:сафедаҳо, карбогидратҳо, равғанҳо, витамин, намакҳои минералӣ ва обро  бояд расонид.

*Сафедаҳо*  манбайи ҳаёт ҳисоб мешаванд. Асоси сафедаҳо моддаҳои озуқавии ҳайвонот ва растанӣ: гӯшт, моҳӣ, тухм, шир, нон, дон  ва сабзавотҳо ҳисобида мешаванд. Талаби миёнаи инсон ба сафеда барои як рӯз 80—100 г аст.

*Карбогидратҳо* асоси қувват буда, нерӯмандии энергетикии хӯрокро (50—60%) ташкил  мекунад. Талаби рӯзона ба карбогидратҳо  400—500 г аст. Карбогидратҳо дар моддаҳои растанӣ дар шакли  шакарҳо  мешавад. Манбаи карбогидратҳо нон, картошка, сабзавот ва донҳо ҳисобида мешавад.

*Равғанҳо*— асоси манбаи қувват аст. Ҳар як грамми равған дар организм нисбати сафеда ё карбогидрат ду маротиба зиёдтар қувват медиҳад. Равғанҳо қобилият ҳаҷми хӯрокро зиёд накарда, баланд кардани қимати энергетикии онро доранд. Равғанҳо манбаи асосии  витаминҳои дар равған маҳлулшаванда (А, Д, Е)  мебошанд. Эҳтиёҷи ҳаррӯза ба равған 80—100 г аст  (ба ҳар  кг вазн 0,7—1 г).

*Моддаҳои минералӣ  (намакҳо)* — ба сохтор ва аъзоҳои гуногун таъсири худро нишон дода меистад,  барои ҳамин онҳо қисми ивазнашавандаи хӯрок ҳисобида мешавад.  Намакҳои калсий, калий, натрий, магний,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Намакҳои калсий, фосфор, магний қисми асосии таркибии сохтори устухони инсон аст. Фосфор ба таркиби ҳуҷайраҳои нерв медароянд. Моддаи оҳан бошад, қисми таркибии гемоглобини дар хун буда, оксигенро ба бофтаҳо мерасонад. Натрий ва калсий ивазшавии обро идора намуда, мувозинати асосии кислотаро нигоҳ медорад. Намаки мис дар ҷараёни ҳосилшавии хун аҳамияти калон дорад. Нарасидани моддаи фтор ба ривоҷёбии касалии кариес мебиёрад. Нарасидани моддаи йод сабаби касалии эндемии ҷоғар мешавад. Дар гӯшт, моҳӣ, шир, сабзавот, нон ва дон як қатор моддаҳои минералӣ мавҷуд аст.

*Об* дар маҳсулотҳои хӯрока дар миқдори гуногун мешавад. Аммо, миқдори маълуми он тавассути истеъмол ба организм медароянд. Об дар таркиби ҳар як аъзо ва бофта мешавад, бинобарин, дар баъзеи бофтаҳо миқдори он хеле калон мешавад, дар хун — 80%, дар ҷигар, майна ва пӯст — 70%-ро ташкил мекунад.

*Витаминҳо* — моддаҳои органикии аз ҷиҳати биологӣ фаъолии баландошта буда, дар ҷараёни ивазшавии моддаҳо мақоми асосиро ишғол мекунад. Витаминҳо муҳити дохилии организм, фаъолияти кории сохторҳои асосии онро беҳтар мекунад, дараҷаи тобоварӣ ба касалиҳои гуногуни сироятиро баланд мекунад. Витаминҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешавад — дар равған маҳлулшаванда (А, Д, Е, К) ва дар об маҳлулшаванда (В, С).

Агар эҳтиёҷи организм нисбат ба витаминҳо бо маҳсулоти истеъмолшаванда қонеъ нашавад (дар мавсими зимистон, меҳнати машаққатнок, вақти беморӣ), мувофиқи тавсияи шифокор препаратҳои гуногуни витаминдор қабул карда мешавад.

*Тартиби хӯрокхӯрӣ*— саломатӣ ва тобоварии организмро нисбати машқҳои гуногуни ҷанговар ва таълимӣ меафзоянд. Аз рӯйи нерӯмандии энергетикӣ таъминоти меъёрии ратсионалии шабонарӯзӣ ба таври зерин тақсим шуданаш мумкин аст: ноништа— 30—35%, нисфирӯзӣ— 40—45%, шом — 20—25%.

*Назорат кардани сифати таоми тайёршуда.* Пеш аз тақсим кардани таоми тайёршуда шифокор (фелдшер, инструктори санитарӣ) якҷоя бо навбатдори қисми ҳарбӣ сифати таом ва ҳолати санитарии ошхона, тозагии зарф ва асбобу анҷоми онро дида мебароянд.

Шифокор (фелдшер, инструктори санитарӣ) натиҷаҳои санҷишро ба «Китоби назорати сифати таоми тайёршуда» навишта мемонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Хусусиятҳои хӯрокхӯрӣ дар шароити саҳро.* Дар шароити саҳро режими хӯрокхӯрии таркиби шахсӣ ба хислати вазифаҳои иҷрошаванда вобаста мешавад. Одатан, хӯроки гарм рӯзе 3 маротиба дода мешавад. Агар имкони 3 маротиба тайёр кардани хӯроки гарм набошад, 2 маротиба дода шудани хӯроки гарм таъмин карда мешавад.Дар ин ҳолатҳо дар байни хӯрокдиҳӣ ба сифати таоми иловагӣ консерваҳои гӯштин–растанӣ ва нон дода мешавад. Хӯроки тайёруда ба таркиби шахсии қисмҳо дар термосҳо ҳам расонида шуданаш мумкин аст.

### *Саволҳои назоратӣ*

1. Самтҳои асосии таъминоти тиббии қисмҳои ҳарбӣ кадомҳоанд?
2. Дар шароити оромӣ ба пункти тиббии қисми ҳарбӣ кадом вазифаҳо бор карда мешаванд?
3. Қисмҳои асосии пункти тиббӣ аз чиҳо иборат?
4. Вазифаи асосии самти гигиенаи ҳарбӣ аз чиҳо иборат?
5. Ба гигиенаи шахсӣ чиҳо медарояд?
6. Ба гигиенаи ҷойи зисти ҳарбӣ таъриф диҳед.
7. Дар гигиенаи хӯрокхӯрӣ бояд ба чиҳо эътибор дод?

## *Боби 2.* АСОСҲОИ ТАШКИЛ НАМУДАНИ ТАЪМИНОТИ ТИББИИ ҚӮШУНҲО ДАР ЗАМОНИ ҶАНГ

Дар шароити ҷанг таъминоти тиббии қӯшунҳо ба гузаронидани маҷмӯи чораю тадбирҳо барои нигоҳдории саломатии хизматчиёни ҳарбӣ, мувофиқи талаб доштани ҳолати санитарӣ–эпидиомологии қӯшунҳо, ба ярадор ва беморҳо саирвақт расонидани ёрии тиббӣ, онҳоро эвакуатсия намудан ва табобат кардан, ҳамчунин дар муддати кӯтоҳ қобилияти ҷанговарии таркиби шахсиро барқарор намудан равона шудааст.

Барои иҷрои тадбирҳои нишондодашуда ҳар як қисм, муассиса (қисми ҳарбӣ) ба пеши худ вазифаҳои аниқ мемонад. Дар даври бурдани ҳар гуна ҳаракатҳои ҷангӣ оқибати ярадоршавӣ пеш аз ҳама ба вақти расонида шудани ёрии тиббӣ ва сифати он вобаста аст.

Дар бобати аз майдони ҷанг баровардани ярадорон бошад, он ба шароити ҳаракатҳои ҷанговарӣ вобаста набуда, вақти дилхоҳи рӯзу шаб, беист бурда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *2.1. Асосҳои гузаронидани чора–тадбирҳои табобатӣ –эвакуатсионӣ дар қисмҳои ҳарбӣ дар вақти ҷанг*

Бо суръатҳои тез, шабу рӯз, аз рӯйи фронти васеъ бурда шудани ҳаракатҳои ҷангӣ ба назди хизмати тиббӣ як қатор талабҳоро мемонад. Иҷрои ин талабҳо ҳангоми бурда шудани ҳаракатҳои ҷанговарӣ аз омилҳои вобаста аз муваффақиятнок ҳал намудани таъминоти тиббии қисмҳои ҳарбӣ иборат аст.

Дар давоми бурдани ҳаракатҳои ҷангӣ дар таркиби шахсӣ содир шудани талафоти характери гуногун дошта эҳтимол дорад.

Ба ғайр аз ин, ба таркиби хизмати тиббии қисмҳо рост меояд, ки дар шароитҳои хавфи шикастёбӣ мавҷуд буда кор кунад. Дубора ҷароҳат гирифтани ярадор ва беморҳои дар майдони ҷанг буда доимо мавҷуд аст.

Тамоми омилҳои вазъияти дар боло зикршудаи ҷанговарӣ, ақибгоҳӣ ва тиббӣ ба ҳамаи ҷабҳаҳои хизмати тиббӣ таъсири ҳалкунандаи худро мегузаронад. Дар вобастагӣ ба ҳамин, зарурати мавҷудияти сохтори махсуси ёрирасонӣ ба беморон ва ярадорон, ташкил кардани табобати онҳо пайдо мешавад. Ин сохтор номи сохтори табобат кардани ярадор ва беморон дар зинаи эвакуатсия номида мешавад.

Моҳияти сохтори таъминкунии замонавии табобат–эвакуатсиякунии қушӯнҳо дар аз саривақт, паиҳам ва узван амалӣ кардани тадбирҳои табобатӣ дар зинаҳои эвакуатсия, бо назардошти вазъият ва шароитҳо мувофиқи нишондоди тиббӣ ба муассисаҳои махсуси табобатӣ эвакуатсия кардани беморон ва ярадорон ва якҷоя рафтан бо онҳо иборат аст.

Зинаҳои эвакуатсияи бемор ва ярадорон мувофиқи роҳхат дар асоси сохтори табобати замонавӣ самтҳои зеринро дарбар мегирад:

— як хел фаҳмидани ҷараёни патологӣ дар организми осебдида;

— як хел эътибор додан ба табобати ярадорон ва пешгирии асоратҳо;

— Дар зинаҳои эвакуатсия чора–тадбирҳои тиббиро саривақт, паиҳам ва узван иҷро намудан;

Дар тамоми зинаҳои эвакуатсия ҳуҷҷатҳои тиббиро дуруст пур намудан, барои аниқ кардани навбат ва хислати ёрии тиббӣ

Саракунии ҳуҷҷати тиббӣ ва дар зинаҳои дигар дуруст амалӣ намудани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *2.2. Намудҳои ёрии тиббӣ. Вазифаҳои пункти тиббӣ дар қисми ҳарбӣ*

Дар сохтори замонавии тадбирҳои табобатӣ-эвакуатсионӣ ба беморон дошта шудааст. Ба ярадор ва беморҳо расонидани ёрии тиббӣ аз майдони ҷанг сар карда аз ба таври паиҳам эвакуатсия кардани онҳо то ба ҷойи табобат расонида бурда шудани онҳо давом карда мешавад.

Маҷмӯи тадбирҳои яклухти тиббӣ ба навъҳои алоҳидаи ёрии тиббӣ ҷудо карда шудааст. Ёрии тиббӣ гуфта, маҷмӯи тадбирҳои аниқи табобатӣ –профилактикӣ дар назар дошта мешавад, ки дар майдонҳои ҷанг ва зинаҳои эвакуатсияи тиббӣ аз тарафи таркиби шахсии қушӯнҳо ва таркиби шахсии хизмати тиббӣ ба осебдидаҳо (ярадорон ва касалҳо) расонида мешавад.

Дар ҷараёни табобати қӯшунҳо расонидани панҷ навъи ёрии тиббӣ дар назар дошта мешавад: ёрии аввали тиббӣ, ёрии тиббии то духтурӣ (фелдшерӣ), ёрии аввали духтур, ёрии пурихтисоси тиббӣ, ёрии махсуси тиббӣ.

*Ёрии аввали тиббӣ* дар худи ҷойи гирифтани осеб (майдони ҷанг, маркази зарарнокшавии оммавӣ) аз тарафи санитарҳо ва инструкторҳои ҳамдигар расонида мешавад. Агар талафоти оммавии санитарҳо содир шавад, осебдидаҳо ёрии аввали тиббиро асосан худашон ва ба ҳамдигар мерасонанд. Ба ғайр аз ин, аз тарафи таркиби шахсии қисмҳои барои корҳои наҷотдиҳӣ ҷудошуда ҳам ёрӣ расонида мешавад.

*Ёрии аввали тодухтурӣ* бо қувва ва воситаҳои пункти тиббии қисми ҳарбӣ расонида мешавад. Ба ин таркиб фелдшер, инструктори санитарӣ ва санитарҳо медароянд.

Ёрии аввали тодухтурӣ ёрии аввали тиббиро пур намуда, бо мақсади мубориза бо оқибатҳои ҷароҳати ба ҳаёти ярадор ва беморҳо хавф андозанда нишон дода мешавад.

Барои расонидани ёрии аввали тодухтурӣ аз таҷҳизоти табелии пункти тиббии қисми ҳарбӣ ва воситаҳои тиббии таркиби шахсӣ истифода мешавад, ба онҳо: маҷмӯи маводи ҷароҳатбанди стерилӣ, сумкаи тиббии қӯшунҳо,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ингалятори оксигении навъи КИ–4, маҷмӯи саҳроии фелдшерӣ, занбари санитарӣ ва мошини санитарӣ медарояд.

*Ёрии аввали духтур* аз тарафи духтури малакаи умумӣ дар пункти тиббии бригада ва отрядҳои тиббӣ расонида мешавад. Мақсади асосӣ аз ин нест кардани оқибатҳои ҷароҳати (касалии) ба ҳаёти бемор ва ярадорҳо хавф андозанда, пешгирии асорати вазнин (инфексияи ҷароҳат, садамот) ва таёркунӣ ба зинаи дигари эвакуатсия аст. Вақти оптималӣ аз гирифтани ҷароҳат сар карда то ёрии аввали духтур 4—5 соат ҳисобида мешавад.

*Ёрии тиббии пурихтисос дар отряди алоҳидаи тиббӣ* аз тарафи духтурон-ҷарроҳҳо ва духтурон-терапевтҳо (ёрии малаканоки ҷарроҳӣ ё ёрии малаканоки терапевт) расонида мешавад. Ҳангоми зарурат ин ёрӣ дар госпиталҳои саҳроӣ ҳам нишон дода мешавад.

Мақсади асосӣ аз расонидани ин навъи ёрӣ бартараф кардани оқибат ва асоратҳои барои ҳаёт хавфноки дар натиҷаи осеббинӣ ва беморӣ ҳосилшуда (асфиксия, талвосаҳо, коллапс, варами шуш, норасоии гурда ва дигар) мебошад. Ҳамчунин, гузаронидани тадбирҳои оид ба пешгирӣ кардани асоратҳои эҳтимолӣ, эвакуатсияи ярадор ва беморҳо ба зинаи дигари тиббӣ аст. Вақти оптималӣ аз гирифтани ҷароҳат сар карда то ёрии аввали духтури малаканок 8—12 соат ҳисобида мешавад.

*Ёрии тиббии махсусро* духтурон–мутахассисони бо таҷҳизоти махсуси табобатӣ, ташхисмонӣ таъминшудаи муассисаҳои табобатӣ мегузаронанд.

Ба воситаи мавҷудияти муассисаҳои тиббии ба гурӯҳи маълуми беморон ва ярадорон хизматкунанда ёрии тиббии махсус гардонида шуданаш мумкин аст. Барои ташкил кардани ёрии тиббии махсус бо ёрии отрядҳои тиббӣ мувофиқи роҳхати аниқи эвакуатсия бояд ба амал бароварда шавад.

*Ташкил кардани кори пункти тиббии қисми ҳарбӣ.* Дар ҳар қисми ҳарбӣ пункти тиббӣ ташкил карда мешавад. Вазифаи асосии пункти тиббӣ аз дар майдони ҷанг пайдо кардани ярадорон,ҷамъ кардан, онҳоро аз майдони ҷанг, маркази талафоти оммавии санитарӣ баровардан (бор карда баровардан), дар қисмҳои баталён аниқ кардани бемор<br>они фаъол, ба беморон ва ярадорон расонидани ёрии аввали тодухтурӣ, тайёр кардани онҳо ба зинаи дигари эвакуатсия, дар қисми ҳарбӣ гузаронидани тадбирҳои ҳифзи таркиби шахсӣ аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба зиммаи пункти тиббӣ бурдани корҳои кофтуковӣ дар ҷойҳои ҳаракати ҷангӣ бурдаистода ва ҳудуди қисми ҳарбӣ ҷойгиршуда, бо воситаҳои профилактикӣ ва ёрии аввали тиббӣ таъмин намудани таркиби шахсии қисми ҳарбӣ, бо анҷомҳои тиббӣ таъмин кардани инструкторҳои санитарӣ гузошта мешавад.

Пункти тиббӣ барои ҷамъ кардани ярадор ва беморҳо, ба онҳо расонидани ёрии тиббӣ ва эвакуатсияи онҳо бо анҷоми зерин таъмин карда мешавад: «Маҷмӯи фелдшерии саҳроӣ, сумкаи тиббии қӯшунҳо, Б-1 маҷмӯи «воситаҳои стерили ҷароҳатбандӣ», маҷмӯи Б-2 «Шинаҳо», аппарати КИ-4 М, шлем–никоби ШР барои аз сар осебдидаҳо, тасмаи санитарӣ ва лямкаи (бортасмаи) махсуси санитарӣ Ш-4, занбали санитарӣ ва дигарҳо.

Тамоми таркиби шахсии пункти тиббӣ бо дастбанди тасвири ҳилоли аҳмар дошта таъмин мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар таҷҳизоти пункти тиббии қисми ҳарбӣ мошини санитарӣ ва воситаҳои алоқа бояд мавҷуд бошад.

Сардори пункти тиббӣ дар ҳудуди қисми ҳарбӣ ҷойгиршуда ва ҳаракати ҷанговарона бурда шудаистода кофтукови тиббӣ ташкил мекунад.

Ҳамчунин, дар байни таркиби шахсӣ чора–тадбирҳоро зидди эпидемия гузаронида, аз болои ҳолати санитарӣ – гигиении қисми ҳарбӣ назорат мекунад. Сардори пункти тиббӣ барои бартараф кардани оқибатҳои дар натиҷаи аз тарафи душман истифода шудани силоҳи оммавии қиркунӣ ба вуҷуд омада барои доимо шайъ будани таркиби шахсии пункти тиббии қисми ҳарбӣ ҷавобгар аст.

Сардори пункти тиббӣ дар даври байни бурда шудани ҳаракатҳои ҷанговарӣ ба таркиби шахсии қисми ҳарбӣ қоида ва усулҳои расонидани ёрии аввали тиббӣ, аз техника баровардани ярадорон, аз майдони ҷанг баровардани ярадорон, пинҳон кардани онҳо, ёрии тиббӣ расонидан, Истифодаи воситаҳои ёрии тиббӣ, доруқуттии шахсӣ ва доруқуттии қушӯнҳоро ёд медиҳад.

*Вазифаи инструктори санитарии взвод.* Бояд дар ҳар як взводи қисми ҳарбӣ инструктори санитарӣ бошад. Ӯ бевосита ба командири взвод, мувофиқи тартиби дохилӣ бошад, ба старшинаи взвод итоат мекунад. Аз рӯйи масъалаҳои махсус нишондоди сардори пункти тиббии қисми ҳарбиро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар таркиби ҷанговарии взвод ҳаракат мекунад. Инструктори санитарии взвод бояд:

— вазифаи дар пеши взвод мондашуда, ҷойи пункти тиббии қисми ҳарбӣ ва тартиби ҳаракати онро донад;

— дар майдони ҷанг кофтуков кардан ва ёфтани ярадор ва беморҳоро ташкил намояд, ба амал барорад, ёрии аввали тиббӣ расонад, онҳоро ба як ҷой ҷамъ кунад, пинҳон кунад ва аломатгузории ҷойро донад;

— барои аз дубора осеб дидан эҳтиёт намудани ярадор ва беморҳо чораҳои дар «хонаҳои беморон» пинҳон намуданро бинад, барои ҷойҳои пинҳоншавиро бо аломатҳои шартӣ ва асбобҳои радиосигналӣ аломатгузорӣ кардан, дар тадбирҳои маҷмӯӣ шахсан худаш иштирок кунад;

— дар бораи микдори ярадор ва бемарони барои баровардан аз майдони ҷанг мӯҳтоҷ буда, қувваҳои дар ин мақсад истифодашаванда ба командири взвод ва сардори пункти тиббии қисми ҳарбӣ нишондод диҳад;

— назорати сариваќт ва босифат дода шудани ёрии тиббии аввали аз тарафи тирпарронҳо–санитарҳо ва ҳамчунин ба худ ва ба ҳамдигар нишон дода шуда;

— нигоҳ доштани саломатии таркиби шахсии взвод, дар ҷойҳо бурдани назорат аз болои ҳолати санитарӣ–гигиенӣ ва эпидемӣ;

— ба амал баровардани тадбирҳо оид ба аз силоҳи оммавии қиркунии душман ҳифз кардани таркиби шахсии взвод.

Инструктори санитарии взвод таркиби шахсӣ ва тирпарронҳо–санитарҳои аз штат берунро бо пакетҳои ҷароҳатпечонандаи шахсӣ (ППИ, ППУ), пакетҳои шахсии зиддикимёвӣ (ИПП-8, ИПП-9, ИПП-10), доруқуттии шахсӣ (АИ-2), бандинаи резинӣ барои доштани хунравӣ, рӯмоли тиббӣ ва ҳабдоруҳои оби дар фляжка будаpо безараркунанда таъмин мекунад.

Инструктори санитарӣ бо воситаҳои зерини табелӣ: бортасмаи санитарӣ, бортасмаи махсус дар қисмҳои танкӣ Ш-4, сумкаи тиббии қӯшунҳо (СТҚ), шлем–ниқоб барои аз сар осебдидагон, найи ТД–1 барои аз даҳон ба даҳон нафас додан, шинаҳои симин, аломатҳои махсус ё маҷмӯи радиопеленгатсионӣ барои дарёфти «хонаи ярадорҳо», асбоби биниши шабона ва дастбанди тасвири ҳилоли аҳмар дошта таъмин карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

буда, яъне силоҳи шахсӣ, газниқоб, маҷмӯи ҳимояи умумҳарбӣ, фляжкаи шахсӣ, белчаи сапёрӣ таъмин карда мешавад.

*Вазифаҳои* тирпарронҳо–санитарҳо. *Дар ҳар гурӯҳи* қисми ҳарбӣ (сексия) якто тирпаррон–санитар берун аз штат таъин карда мешавад. Хизматчии ҳарбии хониши махсуси 5—10 рӯзаро тамом карда, тирпаррон–санитар таъин карда мешавад.

Тирпарронҳо–санитарҳо ҳангоми бурдани ҳаракатҳои ҷанговарӣ вазифаи тирпарронро иҷро мекунанд. Ба ғайр аз ин, онҳо дар майдони ҷанг ярадоронро кофта ёфта, дар ҳар шароити вазъияти ҷангӣ ёрии аввали тиббӣ мерасонанд. Тирпаррон–санитар бояд беист майдони ҷангро назорат кунад. Ӯ бояд ҷойҳои ярадор будаоро дар хотир дорад, тез кофта ёбад, ёрии аввали тиббӣ расонад, ярадорони вазнинро аз дубора осеббинӣ ва техникаи ҷанговарӣ ҳимоя намуда, ба ҷойи бехавф пинҳон кунад. Аз майдони ҷанг якҷоя бо ярадорон силоҳи шахсии онҳо ҳам бароварда мешавад.

Ҷойҳои ҷойгиркунии ярадоронро бо аломатҳои нағз намудоршаванда нишонгузорӣ мекунанд. Ҳангоми аз тарафи душман истифода шудани силоҳи оммавии қиркунӣ, тирпаррон–санитар бо ёрии пакети зиддкимёвӣ ярадорро қисман аз коркарди кимёвӣ мегузаронад. Тирпаррон–санитар бо сумкаи тиббии қушӯнҳо (СТҚ) ҳам таъмин карда мешавад.

### *Саволҳои назоратӣ*

1. Дар даври ҷанг ба тадбирҳои табобатӣ – эвакуатсионии қисмҳои ҳарбӣ чиҳо медароянд?
2. Навъҳои ёрии тиббиро таъриф намоед.
3. Вазифаҳои асосии пункти тиббии қисми ҳарбӣ аз чӣ иборат аст?
4. Ба вазифаҳои инструктори санитарии взвод чиҳо медароянд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *Боби 3.* **РАСОНИДАНИ ЁРИИ АВВАЛИ ТИББӢ ҲАНГОМИ ЯРАДОРШАВӢ ВА ҶАРОҲАТИ ПӮШИДА ГИРИФТАН**

Барои баркарор кардани саломатии бемор ва ярадорҳо гузаронидани тадбирҳои гуногуни табобатӣ талаб мешавад. Тадбирҳои табобатии як маротибавӣ ба навъҳои алоҳидаи ёрии тиббии дар зинаҳои гуногуни эвакуатсияи тиббӣ ва майдони ҷанг гузаронидашаванда ҷудо мешаванд. Панҷ навъи ёрии тиббӣ қабул шудааст: ёрии аввали тиббӣ, ёрии тиббии то духтурӣ (фелдшерӣ), ёрии аввали духтур, ёрии пурихтисоси тиббӣ, ёрии махсуси тиббӣ. Инструктори санитарӣ дар расонидани ёрии аввали тиббӣ иштирок мекунад ва ба ёрии тиббии то духтурӣ (фелдшерӣ) ҷалб карда мешавад.

## *3.1. Мафҳуми ёрии аввали тиббӣ. Навъҳои ҷароҳат*

*Ёрии аввали тиббӣ*— аз рӯйи қоида дар ҷойи ҷароҳатгирӣ ё касалшавӣ худаш ба худаш мерасонад (худи ярадор иҷро мекунад) ё ба тариқи ёрии ҳамдигарӣ (аз тарафи рафиқаш) ҳамчунин тирпаррон-санитарҳо, санитарҳо, инструкторҳои санитарӣ ва таркиби дигари тиббӣ расонида мешавад. Барои ин доруқуттии шахсӣ (АИ), пакети шахсии ҷароҳатпечӣ (ППИ), пакети шахсии кимёвӣ (ИПП), воситаҳои дар сумкаи тиббии қӯшунҳо буда (СМВ), сумкаи санитарӣ ва воситаҳои зеридастӣ истифода мешавад (Расми 62).

Мақсади асосӣ аз расонидани ёрии аввали тиббӣ, нигоҳ доштани ҳаёти ярадор, пешгирии оқибатҳои вазнини ҷароҳати гирифташуда ё камкунии асоратҳо, таъмин кардани эвакуатсияи ярадорон ба зинаи дигари эвакуатсия, дар ҷароҳатгирифтгон кам намудани таъсири воситаҳои радиоактивӣ, заҳролудкунӣ ва дигари зарарнок ё пурра нест кардани он ҳисоб мешавад. Тадбирҳои ёрии аввали тиббӣ хеле ҳам оддист. Ба ёрии аввали тиббии дар майдони ҷанг ба ҷароҳатдидаҳо расонанда тадбирҳои зерин медарояд:

— кофтукови ҷароҳатдидагон, онҳоро аз мошинҳои ҷанговар, иншоотҳои гуногун, ҷойҳои зеркардамонда наҷот додан;

— либоси сӯхтаистодаи ҷароҳатгирифтагон, омехтаи дар бадани ӯ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*а* *б* *с*

*Расми 62. а —* доруқуттии шахсӣ (АИ); *б —* пакети шахсии ҷароҳатпечӣ (ППИ);
*с —* пакети шахсии кимёвӣ (ИПП); *д —* сумкаи тиббии қушӯнҳо (СМВ).

— муваққатан боздоштани хунравии кушод(бо ангушт зер намудани раги магистралии хун, бо ёрии бандина ё бандишҳои зеркунанда);

— барои пешгирии асфиксия ё бартараф кардани он роҳҳои болои нафасро аз хун, моддаи часпанда ва бегона тоза намудан;

— барои ба ақиб нарафтани забон онро фиксатсия намудан, найчаи нафасгириро ба даҳон даровардан;

— агар нафасгирӣ, гардиши хун набошад, ба тарви сунъӣ нафас додан ва дилро пӯшида масҳ намудан;

— ба ҷойи ҷароҳатёфта ё рӯйи сӯхта бандинаи ҳимоякунанда мондан, дар ҳолати пневмоторакси кушод бошад, бо ёрии халтаи резинии пакети шахсии ҷароҳатпечӣ бандинаи окклюзионӣ мондан;

— ҷойҳои ҷароҳатдидаро бо воситаҳои оддии зеридастӣ иммобилизатсия кардан;

— воситаҳои бедардкунанда ва зиддизаҳриро (антидотро) бо ёрии шприц- тюбикҳо ба мушакҳо фиристодан;

—радиопротектор ва антибиотикҳои дар доруқуттӣ будаdo додан;

— ба осебдидаҳо пӯшонидани газниқоб ва либоси ҳимоякунанда (дар вақти дар ҷойи заҳролудшуда будан) ва бо зудӣ аз ҳудуди зарардида баромадан;

— ярадорҳоро қисман аз коркарди санитарӣ гузаронидан.

*Либос ё омехтаҳои сӯхтаистодаро хомӯш кардан.* Даргирифтани либос дар зери таъсири моддаҳои сӯзанда (напалм, термит, пирогел), шуоъи ҳангоми таркидани бомбаи атомӣ ҷудошуда, таъсири ҳавои тасфидаи мавҷи зарба ва алангаи сӯхтори дар иншоотҳои мудофиавӣ, биноҳо, техникаи ҷанговарӣ ба вуҷуд омада сурат мегирад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Омехтаи паралм, ки ба пӯст ё либос афтидааст ва ҷойи сӯхтаистода

болопӯш ё хоки нам, барф ғафс карда пӯшонида мешавад. Агар паралм дар қисми маҳдуди бадан сӯхта истода бошад, ба он якчанд қабат бинт печонида мешавад, агар дар рӯйи одам сӯхта истода бошад, бо зудӣ ниқоби газ пӯшонида мешавад. Дар фасли зимистон ба болои либос барф пӯшида, дар тобистон бо рег ё хок хомӯш кардан мумкин аст. Баъди хомӯш

(ба ғайр аз қисми ба ангишт мубадал шуда, ба бадан часпидааш )боэҳтиёт

фосфор сӯхта бошад, бандинаи нам) монда мешавад. Аз ҷойҳои сӯхтаи бадан канда гирифтани либос ва кушодани пуфакҳо тавсия намешавад. Агар қисми калони бадан сӯхта бошад, ба осебдида воситаи бедардкунӣ дода мешавад.

*Муваққатан нигоҳ доштани хунравӣ.* Хунравӣ нафақат ба асоратҳои

мумкин аст.Барои ҳамин максади асосии ба ярадор додани ёрии аввали

шавад, артерияҳои калон бо ангушт зер карда мешавад, бандина ё бандиши зеркунанда монда мешавад, ҳамчунин бо роҳи қат кардани буғумҳои дасту пойи ярадор ҳам ҳунравиро доштан мумкин аст.

Дар бадани одам ҷойҳои бо роҳи мондани бандина нигоҳ доштани хунравӣ 20 тоҷро ташкил медиҳад. Аммо дар амалиёт фақат аз якчандтоаш истифода мешавад.

*Ба захм ва рӯйи сӯхта мондани бандина.* Барои дар майдони ҷанг мондани бандинаи асептикӣ ба қоидаҳои аниқ бояд риоя намуд. Ба захм расонидани дастон, аз захм гирифтани боқимондаҳои либос ва ҷисмҳои дигари бегона тавсия намешавад. Органҳои дохилии аз шикам баромадаро ба ҷояш андохтан манъ аст.

*Пешгирии асфиксия ва ё бартараф кардани он.* Ҷароҳат ё заҳролудшавии вазнин ба истодани нафасгирӣ оварда расониданаш мумкин аст. Барои барқарор кардани нафасгирӣ муолиҷаҳои нафасгирии сунъӣ гузаронида мешавад. Якчанд намудҳои самараноки нафасгирии сунъӣ мавҷуд аст, барои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба дарун рафтани забон сабаби маҳкам шудани роҳҳои нафас мешавад. Хун, балғам, массаҳои қайъӣ ва дигар ҷисмҳои бегона сабаби дуюми маҳкам шудани роҳҳои нафас мешавад.

Баъди кушодани роҳҳои нафас дарҳол ба нафасгирии сунъӣ оғоз карда мешавад. Усулҳои «аз даҳон ба даҳон» ва «аз даҳон ба бинӣ» усулҳои оддитарин ва самараноктарин ба ҳисоб меравад. Агар нафасгирӣ барқарор нашавад, тавассути ҳавогузаронандаи шакли С дошта (Расми 63, *а*) ё найи нафасгирии ТД-1 (64 Расми, *а*) нафаси сунъӣ дода мешавад.

*Муваққатан иммобилизатсия кардани ҷойи ҷароҳат.* Дар натиҷаи шикастани устухонҳо канда шудани бофта, мушак, рагҳои хун ва нервҳои атрофи он мушоҳида мешавад.Барои пешгирии ин ҳолатҳои нохуш ва асорати вазнин (садама, хунравӣ)бояд бофта ва устухонҳоро наҷунбонид. Барои муваққатан иммобилизатсия кардани устухонҳо дар майдони ҷанг аз шинаҳои фанерамонанд, тӯршакл ва нардбоншакл, воситаҳои зеридастӣ (тахтача, фанер, картон, тӯдаи чӯбҳо ва дигар) истифода мешаад. Барои шинаҳоро ба ҷояш мондан ба қоидаҳои муайяншуда бояд риоя намуд.



*а*



*б*

*Расми 63. а* — намуди умумии ҳавогузаронандаи шакли С дошта; *б*



*а*



*б*

*Расми 64. а* — найи нафасгирии Д-1;
*б* — усули ба бемор мондани найи нафасгирӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Бо ёрии шпритс-тюбик ба бадан фиристодани воситаи бедардкунанда.* Ҳангоми шикастани устухонҳои бадан, пачақ шудани бофтаҳои нарм ва захмҳои калон барои бозистонидани дард ба зери пӯст воситаи бедардкунӣ (омнопон, морфин, промедол) ба воситаи шпритс-тюбикҳо аз тарафи худи осебдида ё шахси дигар фиристода мешавад.

*Препаратҳои шакли ҳабдору доштаро додан (антибиотикҳо ва дигарҳо)* — барои пешгирии ривоҷёбии инфексияи дубора аз доруқуттии шахсӣ якбора 6 дона антибиотик (тетратсиклин), бо оби дар фляжкаи шахсӣ буда хӯрда мешавад.

*Намудҳои ҷароҳат.* Осеби механикии пӯст, пардаи луобӣ, бофтаҳои чуқур ҷойгирифта, сатҳи органҳои дохилӣ шикасти кушод ё ҷароҳат номида мешавад.

Вобаста аз шакл ва хислати предмети ҷароҳат расонида ҷароҳати шикофта, бурида, канда, латхӯрда, дарида, тир расида, газида мавҷуд.

Предмет тез буда, ҷароҳат тез расонида шавад, канори ҷароҳат ҳамон қадар кам шикаст мебинад. Дар ҷароҳатҳои бо предмети кунд расонида шуда канорҳои ҷароҳат бисёр шикаст мебинад.Дард сахт шуда, баъзан ба ҳолати садама мебиёрад.

*Ҷароҳати шикофта*— дар зери таъсири предметҳои шикофанда, яъне корд, найза, бигиз, сӯзан ҳосил мешавад. Дар ин намуди ҷароҳатҳо сӯрохии беруна одатан хурд буда, худаш чуқур мешавад. Канали ҷароҳат танг, дар натиҷаи ҷаббидашавии бофтаҳо (кашишхӯрии мушакҳо, ҷаббидашавии пӯст) каҷу килеб мешавад. Ин бошад, ҷароҳати шикофтаро хавфнок мекунад. Чунки аниққунии шикасти органҳои дохилӣ ва чуқурии он душвор мешавад. Шикастҳои органҳои дохилии аниқ нашуда сабабгори аз органҳои дохилӣ рафтани хун, перитонит (зарарёбии пардаи шикам) ва пневмоторакс шуданаш мумкин.

*Ҷароҳатҳои бурида* ҳангоми бо предмети теғдор буридан (корд, устура, оина, скалпел) ба вуҷуд мебиёяд. Канори ин навъ ҷароҳатҳо ҳамвор ва зер нашуда мешавад.

*Ҷароҳатҳои канда ҳангоми* бо предмети вазнин, тез задан (табар, шамшер ва дигарҳо) содир мешавад. Аз берун он намуди ҷароҳати бурида барин аст, аммо ин навъ ҷароҳат соҳаи калонро ишғол намуда, аксаран устухонро ҳам



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ҷароҳати латхӯрӣ* ҳангоми бо ягон предмети кунд (болға, санг ва дигар) ба бофтаҳо таъсир кардан пайдо мешавад. Канорҳои ҷароҳат зер, ноҳамвор, хунолуд мешавад. Аз сабаби шикастхӯрии рагҳо ва тромбозшавӣ, озӯқагирии канроҳои ҷароҳат вайрон шуда, некроз ба миён меояд. Бофтаҳои зершуда барои зиёдшавии микробҳо муҳити мусоид ҳисобида мешавад.Аз ҳамин сабаб, ба ҷароҳатҳои латхӯрда инфексия осон меафтад.

*Ҷароҳати газида* бо дандони одам ё ҳайвон расонида мешавад. Дар натиҷаи аз даҳон афтидани инфексия, дар ин ҷароҳат инфексия бештар ривоҷ меёбад. Захми газида метавонад вируси ҳорӣ дошта бошад.

*Ҷароҳатҳои заҳрин* дар натиҷаи истифодаи моддаҳои заҳролудшавӣ, газидани каждум ва мор ҳосил мешавад.

*Ҷароҳати тир* аз тири силоҳи тирпарронӣ ҷароҳат гирифтани бадан аст. Ба силоҳи тирпарронӣ: автомат, милтиқ ва пистолетҳо, силоҳҳои дар натиҷаи таркиш осколкаҳояш бароянда, яъне снарядҳои артиллерия , мина, гранатаи дастӣ, авиабомба, силоҳҳои тирпарронии ҳаҷмноки тарканда ва дигарҳо медарояд. Аз рӯйи навъи снаряд, ярадоршавӣ аз тир, тири сочма ва осколка фарқ мекунад.

Дар байни ярадорони аз силоҳи оташфишон осебдида ҷароҳатнокшавии зиёд ва омехта мушоҳида мешавад.

Вобаста ба таъсири силоҳҳои гуногун ва омилҳои таъсири як навъи силоҳ ҷароҳатҳо: комбинатсияшуда, миқдораш зиёд ва омехта мешавад.

*Захмдоршавии комбинатсияшуда гуфта* аз силоҳҳои гуногун

(масалан, силоҳи тирпарронӣ ва шуъои силоҳи ядроӣ) ё зери таъсири омилҳои шикастдиҳандаи як навъи силоҳ (масалан, сӯхтан, ярадор шудан ва аз нурафкании шуоъи силоҳи ядроӣ шикаст дидан) зарар дидан фаҳмида мешавад.

Ҷароҳатнокшавии ба ёрии духтури мутахассис мӯҳтоҷ ҷароҳатнокшавии асосӣ ҳисобида мешавад.

*Ба миқдори зиёд ярадор шудан гуфта*, бо як ё ду снаряди ягон силоҳ ҷароҳатнокшавии як ё якчанд аъзои анатомии бадани инсон (масалан, бо якчанд тир ё граната, порчаҳои бомба ё снарядҳо; бо моддаҳои заҳролудкунанда ҷароҳатнокшавии қабати пӯст ва шикастгирии аъзоҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ярадоршавии омехта* гуфта, сӯхтан ва ҷароҳатнок шудани якчанд аъзоҳои танаи инсон дар натиҷаи таъсири тир ё порчаи снаряд (масалан, ҷароҳатгирии аъзои торакоабдоминалӣ) фаҳмида мешавад.

## *3.2. Расонидани ёрии аввали тиббӣ ҳангоми хунравӣ. Бозистонидани хунравӣ*

*Хунравӣ* гуфта ба туфайли шикаст ёфтани деворҳои раги хун, дар натиҷаи ягон касалӣ хӯрда шудан ё тунук шудани онҳо аз онҳо рафтани хунро мегӯянд.

Хунравӣ ба ду навъ ҷудо мешавад. Якумаш навъи шикастёбӣ (травматикӣ) буда, он дар натиҷаи бо таъсири қувваи беруна вайрон шудани бутунии деворҳои раг (ягон чиз даромадан, задан, дароз шудан, зер шудан, истифодаи усули ҷарроҳӣ) ба вуҷуд меояд.

Навъи дуюми хунравӣ на ба шикастёбӣ, балки ба зарарнок шудани деворҳои раг (тағйироти патологӣ) вобаста мешавад.

Таснифи хунравӣ бо назардошти алоқамандии он бо сохти анатомии рагҳои хунгард, сабабҳо ва муҳити беруна ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад.

Аз рӯйи нишонаҳои шикастёбии раги хунгард хунравии артериалӣ, венагӣ (шоҳрагӣ), капиллярӣ ва паренхиматозӣ мавҷуд аст.Аломатҳои клиникии онҳо аз якдигар фарқ мекунад (Расми 65).




*Расми 65.* Аломатҳои раги хунгарди шикастёфта.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Хунравии артериалӣ* барои радор ва касал вазнин сурат мегирад. Хуни сурх дамба-дам сахт дамида мебарояд. Хунравии артериалӣ одатан сахт мешавад ва хуни зиёд гум карда мешавад. Агар артерияҳои калон, аорта шикаст ёбад, дар давми якчанд дақиқа ба дарачаи барои ҳаёт хавфнок хун гум карда шуда, ярадор вафот мекунад.

*Хунравии венавӣ* ҳангоми зарарёбии венаҳо пайдо мешавад. Фишор дар

маром, бечист меравад. Хун ранги сурхи баландро мегирад.Дар ҳолатҳои хеле кам барои ҳаёт хавфнок мешавад.Агар венаҳои гардан ва қафаси сина

сина ҳангоми нафасгирӣ фишори манфӣ пайдо мешавад. Ҳангоми осеб дидани венаҳо, дар вакти нафаскашӣ ба вена ҳаво даромаданаш мумкин аст. Пуфакчаҳои ҳаво бо селаи хун ба дил даромада, рагҳои дилро маҳкам карданаш ё эмболияи ҳаво содир шуданаш ва ҳолати марг ба вуҷуд омаданаш мумкин.

*Хунравии капиллярӣ аксаран* омехта буда, ҳангоми шикастёбии артерияҳои майда ва рагҳои венавӣ рӯй медиҳад. Ин навъ хунравӣ ҳангоми ба рӯй расидани теғ, рафтани пӯст мушоҳида мешавад. Дар шахсоне, ки лахташавии хунашон дар меъёр аст, хунравии капиллярӣ худаш меистад.

*Хунравии паренхиматозӣ* ҳангоми шикастёбии аъзоҳои паренхиматозӣ, ҷигар, сипурз, гурда, шуш мушоҳида мешавад. Аз сабаби он, ки бофтаи рагҳои органҳо дар дарун аст хунравӣ қариб ки ҳеҷ худ ба худ намеистад.

Дар вобастагӣ ба он, ки хун аз раги шикастёфта ба куҷо мешорад, хунравии дарунӣ ва берунӣ фарқ карда мешавад.

*Хунравии берунӣ* бо аз ҷароҳати дар пӯст буда шориданаш муайян карда мешавад.Дар хунравии дохилӣ хун ба ягон холигӣ (холигии шикам, плевра) меравад. Хунравӣ ба холигии ковоки органи бо муҳити беруна вобаста (меъда, рӯда, пешобдон, трахея) хунравии берунии ниҳонӣ номида мешавад. Ба холигии бофтаҳо (мушакҳо, катакчаҳои равған) рафтани хун *гематомаро* ҳосил мекунад.

Пайдошавии хунравӣ аз рӯйи давраш ба 3 гурӯҳ ҷудо мешавад:

а) хунравии ибтидоӣ — баъди шикастёбӣ дарҳол аз рагҳо хун меравад;

б) хунравии дубора — даври аз якчанд соат то ду шабонарӯзро дарбар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷараёни чирккунӣ сар нашуда мешавад. Хунравии дубора аксаран дар ҷароҳатҳои тирӣ содир мешавад;

д) хунравии дери дубора — ба авҷ гирифтани ҷараёни чирккунии ҷароҳат дар зери таъсири инфексия рост омада, одатан баъди 2 рӯз пайдо мешавад.

Сабабҳои хунравии дубора: беэҳтиётона расонида шудани ёрии аввали тиббӣ, иммобилизатсияи бад, ҳангоми эвакуатсия шахси ҷароҳатнок такон хӯрдани нақлиёт, чирккунии ҷароҳат, ҳангоми тозакунии аввали ҷарроҳӣ, ҳангоми оператсия хуб баста нашудани раги хунгард ё ба дараҷаи зарурӣ бозистонида нашудани хунравӣ.

*Боздоштани хунравӣ.* Дар шароити расонидани ёрии аввали тиббӣ дар мобайни даври то муассисаи табобатӣ бурдани ярадор ё касал хунравиро фақат муваққатӣ ё андак бозистонидан мумкин аст. Духтур дар муассисаи табобатӣ хунравиро батамом меистонад.

Усулҳои муваққатан бозистонидани хунравӣ зеринанд:

а) қисми осебдидаи баданро нисбати бадан болотар мондан. Дар ин ҳолат хунравӣ кам шуданаш мумкин аст;

б) дар осебдида раги хунравро бо ёрии бандинаи зеркунанда нигоҳ дошта истодан. Ин усулро ҳангоми хунравии капиллярӣ ва венагӣ истифода бурдан мумкин. Ҳангоми хунравии артериявӣ аз бандина (жгут) истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Барои ин аз бандинаҳои стерилии пакети шахсӣ истифода мешавад. Яке аз болишчаҳои пакет қат карда ба ҷойи хунраванда монда мешавад ва печонида баста мешавад. Агар бинт набошад, газвори тоза ё рӯмолча ҳам мешавад. Бандина ба бофтаҳои нарми рагҳои майда зер карда шавад, хунравӣ тез меистад;

с) бо ангушт пахш кардани артерия (Расми 66). Дар ин усули муваққатан бозистонидани хунравӣ

ба устухони наздики рагбуда зер карда мешавад. Артерияи хобро тавассути қисми дарунии мушаки чанбари гардан ба ҷоғари кӯндаланги сутунмӯҳраи гардан зер кардан мумкин (қисми болоии ҷоғари сутунмӯҳраи ВИ гардан, қисми миёнаи мушаки овардашуда). Артерияи чанбари гарданро аз тарафи беруни мушаки кашандаи чанбари гардан ба қабурғаи 1 зер кардан мумкин аст. Артерияи китфро аз тарафи дарунии мушаки дусара ба устухони китф зер мекунанд. Артерияи ронро ба нуқтаи дар шохи горизонталии устухони ғов



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Расми 66.* Бо ангушт зер карда истодани артерия.

Дар беморони хароб аортаи шикамро ба ҷоғари сутунмӯҳра зер кардан мумкин.

Бо ангушт зер карда, ба муддати дароз хунравиро дошта намешавад. Чунки қувваи калони ҷисмонӣ талаб мекунад. Ин усул ёрдамдиҳандаро монда мекунад ва аз имконияти кӯчонидан маҳрум мекунад. Аммо барои ба зудӣ истонидани хун усули қулай ҳисобида шуда, дар ҳоли ба ҷароҳат наафтонидани чирк, истодани хунравиро таъмин мекунад ва имконияти тайёр кардани бандина, бандинаи печакро (закрутка) медиҳад;

д) қисми осебдидаро дар буғум ҳаддалимкон қат карда ё дароз намуда, маҳкам дошта боздоштани хунравӣ (Расми 67). Артерияи зерибағалӣ осеб бинад, дасти дар оринҷ қатшударо ба ақиб дароз намуда, аз сатҳи буғумҳои оринҷ фиксатсия намуда, хунравиро боздоштан мумкин. Агар артерияи зону осеб бинад, қат кардани буғуми зону, артерияи китф зарар бинад, қат кардани буғуми оринҷ, артерияи хоб осеб бинад, максималӣ қат кардани буғуми қадкашак хуб натиҷа доданаш мумкин;



*Расми 67.* Ба таври максималӣ қат кардани дасту пойҳо ва боздоштани хунравӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Расми 68.* Бандинаи резинии Э

е) қисми осебдидаро бо жгут печонида, кашида бастан. Жгутро бори нахустин соли 1873 Эсмарх кор фармудааст. Жгути Эсмарх (Расми 68) васеъ паҳн шуда буда, аз резини эластикӣ иборат аст. Дар як нӯгаш занҷир, дар нӯги дуюм ҳалқа дорад.Дарозии жгут 1,5 метр, бараш 1,5 см аст.

Ҳангоми ба даст бастани жгут сеяки болоии китф, барои бастани пойҳо сеяки қисми миёнаи пойҳо қулай ҳисобида мешавад. Бастани жгут фақат дар ҳоли хунравии сахт аз дасту пойҳо мумкин аст. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар бастани жгут тавсия намешавад. Техникаи бастани *жгут.* Барои пешгирии дар таги жгут зер шудани пӯст ба таги жгут сачоқ ва маводи нарм гузошта мешавад. Ҳангоми мондани жгут дасту пой андак боло карда мешавад, жгут ба тани он монда мешавад, кашида то истодани хунравӣ дасту пойро мепечонанд. Бандҳои жгут пӯстро зер накарда назди ҳамдигар бояд ҷой гиранд. Банди аввалро маҳкам, дуюмро андак сусттар ва бандҳои баъдинаро боз ҳам сусттар мепечонанд. Нӯгҳои жгут бо занҷир ва ҳалқа дар болои банд маҳкам карда мешавад. Жгутро то истодани хун мекашанд. Агар жгут дуруст баста шавад, хунравии артериалӣ тез меистад, даст ё пой сафед мешавад, дар поёни ҷойи жгутбаста задани набз меистад.

Агар жгут зиёдтар кашида баста шавад, бофтаи нарм (мушак, нерв, раг)ҳо зер шуданашон ва ҷойи шикастёфта фалаҷ шуданаш мумкин аст. Жгут суст

ё пой сафед нашуда, ранги кабуд мегирад) ва хунравии венавӣ пурқувват мешавад. Баъди бастани жгут дасту пойро бояд иммобилизатсия кард.

Гарчи нишондод дар бораи хато бастани жгут нест, аммо бастани он

бастан, суст аз ҳад зиёд сахт бастан, ба ҳам маҳкам накардани нӯгҳои жгут иборат аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Жгут камбудиҳои зерин дорад:

— бо зер шудани артерияҳо бофтаҳои нарм ва роҳҳои нерв ҳам зер мешавад. Ин бошад, ба парез ва фалаҷҳо оварданаш мумкин аст;

— жгут аз 2 соат зиёд монда шавад, дар бофтаҳои таги он гангрена ба вуҷуд меояд;

— истодани гардиши хун ба норасоии оксиген дар бофтаҳо оварда мерасонад.

Жгути басташуда бояд намоён бошад. Баъди баста шудани жгут дар давоми 2 соат бо мақсади тамоман бозистонидани хунравӣ бояд тамоми чораҳоро барои ба муассисаи тиббӣ бурдани шахс дида шавад.

Барои тафтиш карда истодани вақти баста шудани жгут, саривақт кушодан ё суст кардани он ба таги жгут ё либоси шахси ҷароҳатдида навиштаҷот бо рӯзу вақти баста шудани жгут (соат, дақиқа) часпонида мешавад.

Агар жгути махсус набошад, ба дасту пой кмар, рӯймол, порчаи матоъ

ба осонӣ осеб доданашон мумкин аст. Жгути аз воситаҳои иловагӣ тайёршуда печида (закрутка) номида мешавад. Печида ба ҷойи зарурӣ суст карда баста

пурра истодани хунравӣ мепечонанд.Баъди ҳамин тахтача ба даст ё пой маҳкам карда мешавад (Расми 69). Мондани печида ба дард сабаб мешавад, барои ҳамин ба таги печида, хусусан, ба таги гиреҳ ягон латтаро бояд монд. Тамоми хатогиҳо, хавф, асоратҳои ҳангоми баста шудани жгут мавҷуд буда ба печида ҳам мутааллиқ аст;



*Расми 69.* Печидаи барои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

г) ба раги хунрави ҷароҳат зажим монда рафтани хунро боздоштан.

Ин табобат аз тарафи духтур дар муассисаҳои тиббӣ ба амал бароварда мешавад.

*Расонидани ёрии тиббӣ дар баъзе ҳолатҳои хунравии беруна ва дарунӣ.* Нафақат дар ҳолати ярадоршавӣ, балки ҳангоми касалӣ ва аз чизҳои кунд шикаст ёфтан ҳам хун рафта метавонад.

*Расонидани ёрии тиббӣ дар ҳолати аз бинӣ хунравӣ.* Баъзан аз бинӣ хуни зиёд рафтанаш мумкин аст ва ин ҳолат ёрии тиббии таъҷилиро талаб мекунад.

Сабабҳои аз бинӣ хунравӣ гуногун мешавад: шикастҳои маҳаллӣ; харошидан, захми пардаи бинӣ; сахт афшонидани бинӣ; шикасти усухони сар ва дигарҳо.

Шахси ёрии аввали тиббӣ диҳанда бояд тамоми сабабҳои хунравии биниро бартараф кунад. Ярадорро ором намудан ва ба ӯ фаҳмонидан лозим, ки ҳаракатҳои сахт, сурфа кардан, гап задан хунравиро зиёд карданаш мумкин аст. Бояд ярадорро нишонид, ҳолатеро ба вуҷуд овард, ки имконияти ба ҳалқумаш рафтани хуни бинӣ кам шавад.Агар ба сабаби гармӣ аз бинӣ хун равад, касалро ба ҷойи салқин нишонида, ба сараш ва сари синааш компресси хунук бояд монд.

Агар хунравӣ наистад, ҳардуи парраки биниро сахт фишурда, ба боздоштани он ҳаракат кардан лозим. Барои ин ярадор сарашро андак ба пеш хам мекунад ва бинӣ ҳаддалимкон аз болотар сахт фишурда мешавад. Ярадор бояд аз даҳон нафас гирад. Биниро бояд 3—5 дақиқа пахш карда истода, касал хуни ба даҳонаш афтодаро туф кунад. Ба ҷойи фишурдан метавон роҳҳои биниро бо пораи хушки пахтаи стерилӣ ё пахтаи ба маҳлули 3% ли пероксиди гидроген тампон намуд. Баъди ба роҳҳои бинӣ даровардани саққочаҳои пахтагин сари ярадор ба пеш хам карда мешавад.

*Ҳангоми шикастхӯрии роҳҳои шунавоӣ* ва сохторҳои дохилӣ (рафтани зарба, харошидан, шикаст ёфтани устухони сар) хун рафтанаш мумкин. Ба роҳи берунаи шунавоӣ докаи дар шакли воронка печонидашуда дароварда мешавад. Ин докаро докаи ба сар печонидашуда дошта меистад.

*Расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми хунравӣ аз шуш.* Ҳангоми осеб дидани шуш (задани зарба ба қафаси сина, шикастани қабурғаҳо), касалиҳои шуш ва як қатор касалиҳои дигари дил аз шуш хун рафтанаш мумкин. Ярадор дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар балғам хун пайдо шавад, либоси душворкунандаи нафасгирӣ кашида мешавад. Ба ярадор ба зудӣ ҳолати нимхез дода мешавад. Ярадорро бояд ором намуд, барои шифо ёфтанаш осоиштагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ зарур буданашро бояд фаҳмонид. Ҳар намуди аз шуш хунравӣ ин аломати касалии вазнин аст. Аз ҳамин боис вазифаи ёрии аввал ҳарчӣ тезтар ба муассисаи тибӣ расонидан аст.

*Расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми хунравӣ ба холигии шикам*. Ба холигии шикам рафтани хун ҳангоми аз ягон чизи кунд шикаст гирифтани шикам, кафидани сипурз, ҷигар содир мешавад. Баъзе касалиҳои ҷигар ва сипурз сабаби ба холигии шикам рафтани хун мешавад.Ба холигии шикам рафтани хун бо дарди сахти шикам зоҳир мешавад.

Ранги пӯст канда, набз (пулс) тез мешавад. Агар хуни бисёр рафта бошад, аз ҳуш рафтан мумкин аст. Ярадорро бояд ба таври горизонтал хобонида, ба шикамаш халтачаи яхдор монд. Хӯрдани хӯрок ва нӯшидани моеъ манъ карда мешавад. Ярадор ба зудӣ дар нақлиёт ба пункти тиббӣ эвакуатсия карда мешавад.

### *3.3. Расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми шикастани устухонҳо*

Шикастани устухонҳо ба навъи шикастҳои бисёр вохӯранда медарояд. Дар натиҷаи тағйиротҳои патологӣ ва таъсири механикӣ устухонҳо мешикананд. Дар ҳар як шикастан, сарфи назар аз калон ё хурд будани устухон, ҷароҳат ба бофтаҳои нарми атрофи устухон таъсир расонида, ба оқибатҳои вазнин меорад.

Дар вобастагӣ аз сабаби шикастани устухон, навъи шикасти травматикӣ

травматикии шикастани устухон мушоҳида мешавад.Шикасти травматикӣ дар натиҷаи ба устухон таъсир кардани қувваи механикии сахтии онро вайронкунанда ба вуҷуд меояд. Аз рӯйи механизми таъсири қувва, ин шикастҳо ба навъҳои зерин ҷудо мешавад ( Расми 70):

— қат шуда;

— тоб хӯрда (ротатсия);

— фишурда (компрессия);

— рост зада шуда (ҳамчунин, аз расидани тир шикастёбӣ);

Шикастан аён ва ноаён мешавад (Расми 71). *Шикасти ноаён* гуфта, дар ҳоли осеб надидани пӯст шикаст ёфтани устухон ва бофтаҳои атрофи он



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*1* *2* *3* *4* *5*

*Расми 70*. Навъҳои шикаст:
*1* — рост зада шуда; *2* — қатшуда; *3* — тобхӯрда; *4* — фишурда; *5* — кандашуда.

*Ба шикастҳои аён* шикастҳои ҷароҳат ҳосил намуда ва дар натиҷаи осеб дидани пӯсти атрофи он медароянд.

Шикастҳо ба пурра, нопурра ва дарзи устухон ҷудо мешавад. Дар шикасти пурраи устухон устухон пурра шикаста, вайрон мешавад. Дар шикасти нопурра фақат як қисми устухон зарар мебинад. Агар устухон дарз равад, устухон ба қисмҳо ҷуо намешавад. Аз рӯйи самташ шикастҳо кӯндаланг, дароз, кач, винтшакл ва порчашуда мешавад.

Дар шикастҳо як ё якчанд устухон аз ҷойи зиёдаш осеб диданаш мумкин аст. Бо назардошти ҳамин, шикаст ягона ва ё шикастҳои зиёд тақсим мешавад.

Шикастҳои устухон оддӣ, асоратнок, мураккаб ва комбинатсияшуда мешавад. Дар шикастҳои зиёди дасту пойҳо дар атрофи ҷойи шикаста



*а*

Расми*71*. Намудҳои шикаст:
*а* — ноаён; *б* — аён.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дарди сахт, варам, ҷамъшавии хун, қисмҳои қатшаванда ба ғайр аз буғум, калоншавии андозаҳои буғум мушоҳида мешавад.

Дар шикастҳои аёни устухон аз ҷароҳат баромадани устухони шикаста мушоҳида мешавад. Дар ин ҳол ҳаракати иловагии ҳамин қисми дасту пой мушоҳида мешавад ва ҳангоми ҳаракат ба сабаби ба ҳамдигар расидан садои қисир – қисири устухон шунида мешавад. Баъзан ҳангоми шикастани устухон тамоми аломатҳо аён намешаванд.Аммо дарди сахт ва душвории ҳаракат, албатта ҳис мешавад. Қабурғаҳо шиканад, дар ҳолати зер кардани ҳамин соҳа ё нафасгирии шахси ҷароҳатгирифта ё расидани даст дарди сахт ҳис мешавад.Агар бофтаи плевра ё шуш ҳам осеб дида бошад, ба холигии плевра ё қафаси сина ҳаво меравад ва ҳамаи ин ба вайроншавии нафасгирӣ оварда мерасонад.Ҳангоми шикастани сутунмӯхра дар миён дарди ҷонкоҳ, дар қисми поёни ҷойи шикаста парез ва фалаҷи мушак мушоҳида мешавад.

Ҳангоми шикастани устухони тос шахси ҷароҳатдида аз ҷой хеста наметавонад ва пойҳояшро ҷунбонида наметавонад. Ҳатто ба ягон тараф гашта наметавонад. Ба ин шикастҳои зарарбинии рӯдаҳо ва пешобдон ҳам ҳамроҳ шуда метавонад.

Шикастани устухонҳо ба осеббинии рагҳои хунгард ва нервҳои атрофи он оварда расонида, асоратҳо чун хунравӣ, нест шудани ҳис ва ҳаракат, ривоҷёбии садама пайдо мешаванд.

*Қоидаҳои умумии расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми шикатани устухонҳо.* Агар дидани ҷойи шикастаи устухон ва ба ҷароҳат (дар ҳолати шикасти аён) мондани бандинаи стерилӣ лозим бошад, либос ва пойафзол кашида намешавад, балки бурида гирифта мешавад. Дар навбати аввал хунравӣ бозистонида шуда, бандинаи асептикӣ монда мешавад. Баъд ҷойи шикастёфта ба ҳолати қулай оварда шуда, бандинаи иммобилизатсиякунанда монда мешавад. Ба таги пӯст ва байни мушак бо ёрии шпритс-тюбик воситаи бедардкунӣ фиристода мешавад.

Барои иммобилизатсия кардани пораҳои устухон аз шинаи стандартии маҷмӯи Б-2 «Шинаҳо» ё воситаҳои зеридастӣ истифода мешавад. Ба сифати воситаҳои зеридастӣ аз порчаи тахта, чӯбча, фанер, дастаи қамиш ва дигарҳо истифода шуданаш мумин аст. Шинаи ба дасту пойҳо монда бо бинт маҳкам карда мешавад. Барои маҳкамкунӣ аз камар, гарданбанд, рӯймол, ресмон ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар барои иммобилизатсия кардани порчаҳои устухон шина ва воситаҳои дигар набошад, даст дар зери кунҷи рост қат карда шуда, ба бадан часпонида баста мешавад. Пойи шикаста ба пойи солим маҳкам баста мешавад. Шинамониро бевосита дар ҷойи содир шудани воқеа гузаронидан лозим ва ярадор ё касалро дар нақлиёти санитарӣ эвакуатсия кардан мумкин.

Барои наҷунбонидани қисмҳои шикастаи устухон шинаҳоро бояд бо эҳтиёт монд. Дуруст кардани қисмҳои устухон, ба ҳамдигар наздик кардани онҳо тавсия намешавад. Ҳолати нӯги тези устухон ҷаста баромада мавҷуд будани хавфи шикофтани пӯст истисност. Ҷароҳатдидаро бояд боэҳтиёт, бадан ва дасту пойҳоро якбора, доимо дар як сатҳ бардошт.

Профилактикаи садама ва ҳолатҳои дигари умумӣ бо роҳи иммобилизатсия, яъне дар ҳолати кам ҳис шудани дард маҳкам кардан таъмин карда мешавад.

Ярадорро бояд ба кӯрпаи гарм печонид, ҷой ё қаҳваи гарм дод. Ҳаддалимкон ба ба таги пӯст ё байни мушакҳо воситаи бедардкунӣ фиристод.

Шахсони дасташ шикастаро ба нақлиёт мешинонанд, агар сутунмӯҳра шикаста бошад, хобонида мебаранд.

*Мондани шина дар баъзе ҳолатҳои шикастани устухон.* Агар устухони китф шиканад, буғумҳои китф ва оринҷ зарар бинад, бо шинаҳои Крамер (нардбоншакл) иммобилизатсия кардан қулайтар аст. Аз соҳаи миёна шонаи солим сар карда монда мешавад ва шинаи мондашаванда ба миён расида меистад. Кунҷи рост ҳосил карда, аз болои буғуми китф гузаронида, дар ҳоли

ёридиҳанда пеш аз мондани шина барои ба он додани шакли мувофиқ аввал ба танаи худ монда мувофиқ мекунад. Барои ин ӯ бозуи худро ба охири як тарафи шина монда, бо дасти дигар тарафи холии шинаро медорад. Шинаро аз рӯйи сатҳи бозу ва тавассути миён ба тарафи дигари китф мувофиқ мекунанд. То ба шина дода шудани шакли мувофиқ моделикунонӣ мешавад. Дар соҳаи бозу ба шина шакли нова дода мешавад. Он бо пахта ва ё матоъи дигар печонида мешавад ва монда мешавад.

Барои налағжидани шина қисми болои он бо бастаи докагин аз соҳаи пасти панҷа баста мешавад. Гиреҳҳо аз канори пеш ва ақиби буғуми бозу, ба тарафи муқобили ҷойи шикаста мегузарад.

Пеш аз мондани шина ба чуқурчаи зери бағали дасти шикаста саққочаи пахтагин ё рӯймол монда мешавад. Шинаи мондашуда бо бинт маҳкам баста



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Шикастани устухони бозу.* Шинаи нардбонмонанд секунҷаи рост ҳосил намуда, қат карда мешавад. Бояд дарозии як тарафи он ба асоси бозу ва панҷаҳо рост ояд, дарозии тарафи дуюми он ба 3/2 қисми китф бояд рост ояд. Дасти шакли секунҷаи рост дошта ба шина монда мешавад ва бо бинт маҳкам баста мешавад. Агар шина ва воситаҳои зеридастӣ набошад, секунҷаи рост ҳосил карда, дар буғуми оринҷ қат карда мешавад, бо ёрии рӯймол, камар ва воситаҳои дигар ба бадан маҳкам баста мешавад.

*Шикастани устухонҳои панҷа.* Шинаи нардбонмонанд ба дарозии бозу гирифта мешавад ва ба дарозиаш новашакл карда хам карда мешавад, аз тарафи дигар рулон карда печонида мешавад. Шина бо ёрии бинт маҳкам карда мешавад (Расми 72.). Панҷа ва бозу бо ёрии фанер ва тахтачаҳои на он қадар калон иммобилизатсия карда мешавад. Дар ин ҳолатҳо ангуштонро хам намуда, ба кафт порчаи пахта ё матоъ монда мешавад.



*Расми 72.* Мондани шинаи нардбонмонанд ҳангоми шикастани устухонҳои панҷа.

*Шикастани қисми устухони* $^{3}/_{2}$ *соқи по ва рон.* Ҳангоми шикастани устухони рон шинаи Дитерихс шинаи хуби нақлиётӣ ҳисобида мешавад (Расми 73, *1*, *2*, *3*). Он имкони хуби иммобилизатсия кардани буғумҳои тос-сон, зону ва бозу-панҷа (беҳаракатиро таъмин мекунад) медиҳад. Дарозии шина аз бранши (тахта 1,2) аз дуто чӯб тайёр карда шуда, ускунаи тагипошнагӣва печида иборат (*3*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Расми *73*.

*Тартиби мондани шина.* Аввал шина монда мешавад, барои ин шинаҳои дарунӣ ва беруна ба қади ярадор мос карда гирифта мешавад:

а) браншҳои паҳлӯӣ аз тарафи берун ба зерибағал ва пошна рост карда мешавад. Тарафи дохилиаш ба соҳаи чанат ҳамин хел монда мешавад, тарафи озоди бранш аз пошна 10—15 см баромада меистад;

б) барои пешгирии захм ва некроз ба барчастагиҳои устухон (қаноти паҳлӯи устухони сар, буҷулаки пой) ва ақиби пошна матои нарм монда мешавад;

д) маводи таги пошна ба пойафзол маҳкам баста мешавад;

е) баъди мондани тагмонаки таги пошна ба мондани шинаи беруна сар мекунанд. Барои ин нӯги пасташ ба бранши берунаи ускунаи пошна даровард мешавад. Баъд шина аз пой то зерибағал ҷойгир карда мешавад. Нӯгҳои тасма ё бинт аз сӯрохии бранш гузаронида мешавад ва қафаси синаро печонида мебанданд. Ба пой ҳоло шина баста намешавад;

ф) баъд шинаи дарунӣ монда мешавад. Барои ин аз рамкаи дохилии тагмонаки пошна даровард мешавад. Қисми сари шинаи дарунӣ ба соҳаи чатан овезон мешавад. Нӯгҳои тасма ё докапечи аз сӯрохии бранши беруна баромада, дар атрофи ронҳо печонида, баста мешавад;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







Расми *74*. Бо ёрии шинаи Дитерихс иммобилизатсия карда шудани пой:
*а* — маҳкам кардани ускунаи таги пошна; *б* — ҳалқаи шинаҳоро ба ускунаҳои таги пошна даровардан ва аз рӯйи бадан ҳамвор карда баромадан; *д* — бо ёрии камар ва бандакҳо шинаро ба рон ва бадан баста баромадан; *э* — намуди пой баъди бо ёрии шинаи Дитерихс иммобилизатсия карда шудан.

г) биркаи ба тагмонаки зери пошна часпонидашуда аз сӯрохии планкаи горизонталӣ бароварда шуда, нӯҳояш баста мешаванд ва кашида тоб медиҳанд (Расми 74). Бо ёрии дастҳо аз пошнаи пойи ҷароҳатдида дошта мекашанд, дар ин ҳол саракҳои бранш ба зерибағал ва ҷатан такя мекунад. Баъди ҳамин кашидан бо воситаи тоб додани чӯбча ба амал бароварда мешавад. Кашидан то баробар шудани пойҳо давом дода мешавад. Чӯбчаи тобдиҳӣ ба планкаи горизонталӣ бо бинт маҳкам карда мешавад.

Баъди кашида шудан браншҳои шина ба пой ва бадан бо бинт ба таври спиралшакл печонида маҳкам карда мешавад;

ҳ) барои овезон нашудани пойҳо, ба рон ва соқи пой аз тарафи пушташ шинаи Крамер ё фанердор монда мешавад. Бояд дар хотир дошт, ки аз меъёр зиёд кашида шавад, дард ва дар пайҳо захм пайдо карданаш мумкин аст.

*Ҳангоми шикастани устухони соқи пой* аз 3 то шинаи нардбоншакл иммобилизатсия кардан қулай мебошад. Якеи онҳо ба пушти соқи по монда мешавад. Ин шина панҷаи пойро ҳамчун дар рикоб дошта меистад. Ба пеш ва пушти соқи пой шинаҳои фанериро истифода кардан мумкин (Расми 75).

*Шикастани устухони сар.* Инсони латхӯрда ба занбал хобонида мешавад ва ба таги сар чуқурча карда ягон чизи нарм гузошта мешавад. Ба ду паҳлӯи сар ба дарозиаш болишчаҳои нарм монда мешавад.

Агар ярадорро аз ягон иншоот дар ҳолати вертикалӣ баровардан даркор бошад, аввал ба соҳаи гардани ӯ гиребони пахтагин–докагин монда мешавад. Барои ин гардан бо якчанд қабат пахта баста мешавад. Аз болои он зич карда,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*а* *б*

*Расми 75.* Ба соқи по мондани шина:
*а* — шинаҳоро қат карда ба шакли пой овардан; *б* — шинаро ба пой бастан.

аммо он қадар сахт накарда бинт печонида мешавад. Агар мӯҳраҳои гардан осеб дида бошад, чуноне дар боло оварда шудааст, болиштаки пахтагин–докагин монда мешавад.

*Шикастани кабурғаҳо.* Пеш аз бинтпечонӣ аз шахси ҷароҳатдида илтимос мекунанд, ки ҳаворо чуқур бароранд.

Соҳаи пасти қафаси синаи шахси ҷароҳатдида сахт бо бинт печонида мешавад. Ҳангоми нафасгирӣ бинтпечонӣ муваққатан истонида мешавад. Ҳамин вақт нӯги холии бинт кашида истода мешавад. Барои кам кардани дард ба зери пӯст ё мушак воситаи бедардкунӣ бо ёрии шпритс-тюбик фиристода мешавад.

*Шикастани ҷоғ.* Иммобилизатсияи фалахмонмонанд монда, иммобилизатсияи стандартии боэътимод бо ёрии шинаи ба таги ҷоғ мондашаванда ба амал баровaрда мешавад (Расми 76).



*Расми 76.* Ҳангоми шикастани ҷоғ монда шудани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шинаи стандартии ба таги ҷоғ мондашаванда аз бастаи махсуси ба сар пӯшидашаванда ва шинаи пластмассагии ба таги ҷоғ мондашаванда иборат аст.

Шинаи фалахмонмонанд ба шинаи ба сар пӯшидашаванда бо ёрии резина маҳкам карда мешавад. Бо мақсади пешгирии дард шинаи пластмассагии ба таги ҷоғ монанда бо пахта–дока пур карда мешавад. Бояд канори пахта–докаи шина бояд баромада истад. Ҳангоми ҷароҳатбинии ҷоғ ва гардан барои пешгирии асфиксия бандинаи стандартии зеркунанда монда намешавад.

*Шикастани сутунмӯҳра.* Шикастани сутунмӯҳра ҷароҳати хеле вазнин аст. Бо ҳаракати андак дар миён пайдо шудани дард аломати шикасти он аст.

Шахси шикастдидаро шинонидан, рост нигоҳ доштан манъ карда мешавад.

Ӯро пеш аз ҳама ба ҷойи ҳамвор, сахт (тахта) хобонида шароити ором офарид. Аз ҳамин воситаҳо ҳангоми дар нақлиёт иммобилизатсия кардан ҳам истифода мешавад. Агар тахта набошад, каси ҷароҳатдида беҳуш бошад, ба таги китф ва сари он болишт монда, ба занбар бо шикам хобонида, дар нақлиёт эвакуатсия кардан бехавфтар аст.

## *3.4. Расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми ҷароҳат гирифтани чашм, гӯш, бинӣ, гулӯ*

Чашмон аз таъсири кимёвӣ, механикӣ, термикӣ, радиатсионӣ ва моддаҳои заҳролудкунанда шикаст хӯрданаш мумкин аст. Шикастҳои механикӣ ярадор шудани пилки чашм, контузияи чашм ва захмдор шуданаши онро мумкин аст.

Ҳангоми ҷароҳат дидани пилки чашм ғузаи ҷудошудаи чашм ҷароҳатнок ва беҷароҳат шуданаш мумикн аст. Ҷароҳати чашм шикофта ва нашикофта (надаромада), ҷисми бегона афтода ва наафтода мешавад.

Ҳангоми шикофта шудани қарнияи чашм дарди сахт, рехтани оби дида ва сурхшавии конюктива мушоҳида мешавад. Ҳангоми гузаронидани муоинаи оддӣ аз сабаби душвор будани ёфтани ҷисми бегонаи ба чашм афтода аз лупа истифода мешавад.Ба ин навъ ҷароҳатдидаҳо сариваќт ёрии дурусти тиббӣ расонида шавад, хавфи калон пайдо намешавад.

Пардаи қарнияи чашм хеле ҳам нозук ҳисобида мешавад. Агар инфексия



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Камераи пеши чашм нест шуданаш мумкин. Агар ҷароҳат и чашм хуншор, гавҳарак чашм осеб дида бошад, қабатҳои дохилии чашм, гавҳар ва ҷисми шишамонанди он об шуда мерезад.

*Контузияи чашм.* Ҳангоми бо чизи кунд, мушт задан ва дар оқибати мавҷи зарбаи таркиш контузияи чашм ба миён меояд. Дар натиҷаи тез баланд шудани фишори дохили чашм қабати луобии дохили чашм, қисмҳои рангдори парда, гавҳаракак, пардаи луобии хундор ва пардаи тӯрмонанд шикаст меёбад.

Дар ҳолати контузия дар чашм дард пайдо шуда, аз рӯшноӣ гурез, қобилияти биноӣ қисман ё пурра нест шуда, ба камераи пеши чашм, ҷисми шишамонанд ва пилки чашм хун пур мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо пардаи пеши чашм кафида аз чашм қисмҳои дохилии он рехтанаш мушоҳида мешавад.

*Сӯхтани термикии чашм.* Дар натиҷаи ба чашм афтидани газ, моеъи сӯхтаистода ё порчаҳои оҳани тасфон сӯхтани чашм ба миён меояд. Дар натиҷаи об шудани сафедаҳои чашм захм ҳосил шуданаш мумкин аст.

Ҳолати сӯхтани чашм дар оқибати шуоъи нури таркиши ядроӣ ҳам рӯй медиҳад.

Шуоъи нури таркиши ядроӣ сабаби паст шудани қобилияти биноӣ ё умуман кӯршавӣ шуданаш мумкин аст. Ҳолати кӯрӣ аз якчанд дақиқа то як шабонарӯз давом ёфташ мумкин аст. Баъдтар қобилияти биноӣ боз ба аслаш мегардад. Сӯхтани чашм дар натиҷаи таъсири энергияи нурҳои ултрабунафш, электрпайвандкунӣ, аксёбии нурҳои ултрабунафш дар кӯҳҳои барфпӯш ҳам содир шуданаш мумкин.

Баъди 6–8 соати таъсир кардани нурҳои ултрабунафш пӯсти пилки чашм ва конюктива сурх шуда, аз рӯшноӣ гурез ва оби дидаи бисёр ҳосил мешавад. Ин аломатҳо баъди якчанд рӯз аз байн меравand.

Сӯхтани кимёвии чашм дар натиҷаи ба он афтидани қатраҳои кислота, ишқор ва маҳлулҳои дигар содир мешавад. Дар натиҷаи таъсири кислотаҳо карахши хушк пайдо мешавад. Баъдтар он канда шуда меафтад. Аз ишқорҳо сӯхтан оқибати вазнин дорад. Он ба дохили бофтаҳо чуқур рафта, об мекунад ва карахши нам пайдо мешавад. Он муддати дароз канда намешавад ва вайроншавии бофтаҳо давом мекунад.

*Ёрии аввали тиббӣ. Ҳангоми ҷароҳатгирӣ,* термик сӯхтан, контузияи чашм ба чашм бандинаи стерилӣ монда мешавад ва шахси ҷароҳатдида дарҳол ба пункти тиббӣ бурда мешавад. Дар ҳолати ҷароҳати ч



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бандинаи бинокулярӣ монда мешавад.Ин ҳолати оромии чашмро таъмин мекунад.

Ба чашми ҷароҳатнок шуда мондани дору ё шустани он мумкин нест. Ин ба афтидани инфексия ё ҷаббидашавии моддаҳои радиоактивӣ оварда мерасонад. Набояд ҳаракат кард, ки ҷисмҳои бегонаи ба чашм афтодаро гирифт. Фақат лой, хок ва дигар ҷисмҳои атрофи чашм гирифта партофта мешавад.

Ҳангоми сӯхтани кимёвии чашм ва ба чашм ба миқдори зиёд афтидани чангҳои радиоактивӣ онро бояд дарҳол бо оби хунук шуста, ҷароҳатдидаро бояд зуд эвакуатсия намуд. Агар чашм хира шуда, қобилияти биноӣ нест шавад, дард пайдо шавад ва қобилияти биноии чашм аз 0,5—1 соат зиёд давом кунад, шахси ҷароҳатдида дарҳол барои расонидани ёрии тиббӣ ба пункти тиббӣ эвакуатсия мешавад.

*Ҷароҳати бинӣ* бо рафтани хун хавфнок аст. Дар ин ҳол касалро рӯ ба боло хобонидан мумкин нест, зеро хунравӣ давом кардан мегирад ва хун фурӯ бурда шуда, ба меъда меафтад. Баъд дил беҳузур шуда, бемор қайъ мекунад ва аҳволи касал бад мешавад. Дар ин ҳолат сари беморро поён карда шинонидан ё ба шикам хобонидан лозим аст. Ба бинӣ зарфи оби сард, ях ё барфдор мондан даркор. Ҳаддалимкон ба сӯрохиҳои бинӣ тампони пахтагини дар маҳлули пероксиди гидроген намшуда ё тампони бо маҳлули зидди зуком замшуда мондан даркор аст.

*Рафти клиникӣ ва ёрии тиббии ҳангоми ҷароҳатгирии суфраи гӯш нишон дода мешуда* аз ёрии ҳангоми ҷароҳати қабати пӯсти органҳои дигар фарқ намекунад. Бо назардошти он, ки суфраи гӯш тез хуб мешаад, ҳатто гӯш канда шуда бошад ҳам, онро бояд ҳаддалимкон дошта истод.

*Роҳи берунаи шунавоӣ ҳангоми* шикастани ҷоғи поён, ҷароҳатгирӣ аз силоҳи тирпарронӣ, шикастани асоси косахонаи сар шикаст меёбад. Баъзан ҳолати даридани пардаи гӯш мушоҳида мешавад. Хунравӣ аз роҳҳои берунаи шунавоӣ аз ҷароҳати вазнин ва шикастани асоси устухон далолат мекунад. Дар ин ҳолат одатан қобилияти шунавоӣ якбора бад мешавад, хун бо мағзи майна омехта шуда, бад лахта мешавад. Дар ин ҳолат ба гӯш бандинаи стерилӣ монда шуда, шахси ҷароҳат гирифта дар ҳолати хобида ба пункти тиббӣ эвакуатсия карда мешавад. Агар аз гӯш хун равад, бо мақсади истонидани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ба роҳҳои берунаи шунавоӣ* ҳашарот даромада монад, ба роҳи шунавоӣ якчанд қатра оби гарм ё равғани вазелин ба 30 дақиқа чаконида мешавад. Баъд бо ёрии дорупошдиҳандаи резинӣ бо оби ширгарм шуста мешавад. Инструктори санитарӣ усулҳои дигари аз роҳҳои шунавоӣ баровардани ҷисмҳои бегонаро истифода карданаш мумкин нест.

*Шикастёбии пардаи гӯш,* одатан, дар роҳи берунаи нафас якбора баланд шудани фишори ҳаво (таркиши тир–дору, шаппотӣ задан ба гӯш, ба об ҷаҳидан ва ғайраҳо) рӯй медиҳад. Даридани пардаи гӯш бо дард, хунравӣ, паст шудани қобилияти шунавоӣ ва пайдошавии садоҳо дар гӯш ҳамроҳ мебошад. Дар ин ҳолат барои пешгирии шамолхӯрии гӯши миёна гӯши ҷароҳатдида шуста нашуда, дору начаконида, ба он бандинаи стерилӣ монда мешавад. Имкон бошад, барои бозистонидани хунравӣ аз болои бандина зарфи яхдор монда мешавад.

*Ҳангоми ярадоршавӣ ва ҷароҳатгирии ҳалқум, гулӯ (трахея)* аксаран дар оқибати хунравӣ хун ба роҳҳои нафас меафтад. Ин шамолхӯрии шушро мебиёрад ва ба марг сабаб мешавад.

Ҳалқ ва гулӯ ҷароҳатнок шавад, овоз мегирад ё овоз пичиросӣ мебарояд. Баъзан ҳолатҳои буғишавӣ содир мешавад. Ҳангоми сурфа кардан дарди захм сахт мешавад, аз захм ҳаво баромаданаш мумкин. Ярадоршавии ҳалқум фурӯбариро душвор мекунад.

Ҳалқум ва гулӯ ҷароҳатнок шавад, ёрии аввали тиббӣ аз бартараф кардани хунравии ба ҳаёт хавфандозанда ва сабабҳои буғишавӣ иборат аст. Ба ҷойи ҷароҳат бояд бандинаи стерилӣ монд.

## *Саволҳои назоратӣ*

1. Мафҳуми ёрии аввали тиббӣ.

2. Ба ёрии аввали тиббии дар майдони ҷанг ба ярадорон расонидашаванда чиҳо медарояд?

3. Навъҳои ҷароҳатро таъриф кунед.

4. Дар бораи навъҳои хунравӣ ва аломатҳои он накл карда диҳед.

5. Ҳангоми хунравӣ ба тадбирҳои ёрии аввали тиббӣ чиҳо медарояд?

6. Ба усулҳои боздоштани хунравӣ чиҳо медарояд?

7. Намудҳои шикастани устухонро тасниф кунед.

8. Қоидаҳои умумии расонидани ёрии аввали тиббӣ ҳангоми шикастани устухон аз чиҳо иборат?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *Боби 4.* ПЕШГИРӢ АЗ РАДИАТСИЯ ВА МОДДАҲОИ ЗАҲРОЛУДКУНАНДА ШИКАСТЁБӢ ВА РАСОНИДАНИ ЁРИИ АВВАЛИ ТИББӢ

## *4.1. Гузаронидани коркарди санитарӣ ҳангоми зарарнокшавӣ аз маҳсулоти дар натиҷаи таркиши силоҳи ядроӣ ҷудошуда. Ташкил кардани тадбирҳои табобатӣ – эвакуатсионӣ дар маркази таркиши силоҳи ядроӣ ва ҳаҷми ёрии аввали тиббӣ*

Ҳангоми зарарнокшавӣ аз маҳсулоти дар натиҷаи таркиши силоҳи ядроӣ ҷудошуда коркарди санитарӣ вобаста ба дараҷаи зарарнокшавии қабатҳои пӯст ва либос бо моддаҳои радиоактивӣ, маълумотҳои аз тафтишҳои дозиметрӣ гирифташуда гузаронида мешавад.

Таркиби шахсии бо моддаҳои радиоактивӣ зарарнокшуда қисман ё пурра гузаронида шуданаш мумкин аст. Таркиби шахсии қисмҳо аз ҷойҳои ишғол кардаашон бароварда шуда, баъди аниқ кардани дараҷаи зарарнокшавӣ аз моддаҳои радиоактивӣ қисман коркарди санитарӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми зарарнокшавӣ аз маҳсулоти дар натиҷаи таркиши силоҳи ядроӣ ҷудошуда дар давоми соатҳои аввал дезактиватсия гузаронида мешавад.

Баъди баромадан аз манбаи зарарнокшавии радиоактивӣ коркарди санитарии қисмӣ ба таври зерин гузаронида мешавад: силоҳи шахсӣ бо тампонҳои ба об намшуда ду маротиба пок карда дезактиватсия карда мешавад, агар пакети ИДП-1 бошад, бо ёрии ин пакети дегазатсиякунанда коркард гузаронида мешавад; воситаҳои ҳимояи шахсӣ кашида афшонида (рӯфта) мешавад ё бо матои нам пок карда мешавад; либос кашида афшонида ё рӯфта мешавад, ниқоби газ кашида намешавад; аслиҳа-анҷомҳо, пойафзолҳо кашида мешавад ва бо матои нам пок карда мешавад ё бо воситаҳои зеридастӣ рӯфта партофта мешавад. Ҷойҳои кушоди инсон: дастҳо, гардан бо оби тоза шуста мешавад, қисми рӯйи ниқоби газ пок карда мешавад ва бо оби тоза шуста мешавад, баъд ниқоби газ кашида мешавад, рӯй бо об нағзакак шуста мешавад, даҳон ва бинӣ чайқонида мешавад (Расми 77). Коркарди санитарии ярадор ва беморҳо дар шӯъбаҳои коркарди санитарии муассисаҳои тиббӣ –



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




*Расми 77.* Усулҳои коркарди қисмии санитарӣ ҳангоми зарарбинӣ аз моддаҳои радиоактивӣ.

Коркарди махсуси пурра гузаронидани коркарди санитарии пурраи таркиби шахсӣ, дезактиватсияи пурраи силоҳ, техника, либос, пойафзол, аслиҳа- анҷомҳо ва воситаҳои шахсии ҳимоя, дегазатсия ва дезинфексияро дарбар мегирад.

Коркарди махсуси пурра баъди иҷро шудани вазифаи ҷанговарии дар пеши қӯшунҳо мондашуда ва баъди аз ҷанг баромадан дар асоси фармони командири қисми ҳарбӣ гузаронида мешавад. Коркарди махсуси пурра дар хобгоҳҳои қисмҳои ҳарбӣ (ё ҷойҳои қӯшунҳо ҷамъшуда), самтҳои ҳаракат ва ҳудуди коркарди махсус гузаронида мешавад. Коркарди махсус ҳаддалимкон дар ҷойҳои безарар гузаронида мешавад.

Дар пунктҳои коркарди махсуси пурра ҷойҳои зерин ташкил карда мешавад ва бо воситаҳои зарурӣ таҷҳизонида мешавад: пости назоратӣ–

майдончаи дезинфексиякунӣ; майдончаи дегазатсия, дезактиватсиякунии воситаҳои ҳимояи шахсӣ; майдончаи коркарди санитарӣ, майдончаи ивазкунии либоси зарардида; пункти қӯмондонӣ-назоратӣ (Расми 78).

Дар манбаи таркиши силоҳи ядроӣ, аз тарафи таркиби шахсии қисмҳои зери ҳуҷум монда ва қобилияти ҷанговарии худро нигоҳ дошта тадбирҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




*Расми 78.* Ҳудуди коркарди махсус.

ёридиҳӣ ба худ ва ҳамдигар гузаронида мешавад. Ин амал барои пешгирии реаксияи ибтидоӣ истифода кардани воситаи ПС аз доруқуттии шахсиро дарбар мегирад. Агар ба даруни организм рафтани моддаҳои радиоактивӣ мушоҳида шуда бошад, адсорбент қабул карда мешавад ва баъдан меъда шуста мешавад.

Дар ҳолати шикастбинии комбинатсияшуда, дар навбати аввал чораҳои ба бозистонидани хунравӣ ва барқарор кардани нафасгирӣ равонашуда , ки ба нест кардани таъсири омилҳои механикӣ ва сӯхтан равона шудааст, дида мешаванд. Зарурат бошад, воситаҳои ҳимояи шахсӣ (респираторҳо, ниқоби газҳо, либосҳои ҳимоякунанда) истифода мешавад. Қабатҳои пӯст ва либосҳо бо моддаҳои радиоактивӣ зарарнок шавад, коркарди қисмани санитарӣ гузаронида мешавад. Корҳои бо зудӣ аз манбаи зарардида ва ҳудуд баромада рафтан (гирифта бурдан) ташкил карда мешавад. Дар манбаи таркиши силоҳи ядроӣ ва ҷойҳои аз моддаҳои радиоактивӣ зарардида дар навбати аввал гурӯҳи ярадорҳои ба эвакуатсия мӯҳтоҷ ҷудо карда мешавад.

Инструктори санитарӣ аз болои дуруст иҷро шудани элементҳои ёрии аввали тиббӣ назорат мекунад, дар ҳолати зарурӣ ба ярадорон ва зарардидаҳо ёрии тиббӣ мерасонад. Инструктори санитарӣ дар корҳои кофтукови ярадорон ва зарардидагон дар майдони ҷанг ва эвакуатсия кардани онҳо ба пункти тиббӣ иштирок мекунад. Инструктори санитарӣ роҳҳои наздикро барои ба таври мустақил аз манбаи таркиши ядроӣ баровардани ярадорҳо ва зарардидаҳо пайдо мекунад ва бо назардошти омадани нақлиёти санитарӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷойи ҷамъшавии ярадорҳои вазнин ва зарардидаҳоро муайян мекунад. Ҷойи дар майдони ҷанг ҷамъ шудаи ярадорҳои вазнин ва зарардидаҳоро бо аломатҳои намудор ё бо ёрии асбоби радиопеленгатсионии «Роза-МТ» аломатгузорӣ карда мешавад.

Ёрии тиббии тодухтурӣ (фелдшерӣ) (дар пунктҳои тиббии баталён,

саракунии онҳоро дарбар мегирад. Дуто гурӯҳ ҷудо карда мешавад: шикасти вазнин гиирфтаҳо дар навбати аввал эвакуатсия карда мешавад; шикасти сабук гирифтаҳо (ҳаддалимкон дар муддати кӯтоҳ) бошанд, дар навбати дуюм.

Ёрии тиббии тодухтурӣ (фелдшерӣ): додани воситаи пешгирикунандаи реаксияи ибтидоӣ; агар ба дарун рафтани моддаҳои радиоактивӣ гумон шуда бошад — додани антидот ва баъдан шустани меъда; дар шикастҳои комбинатсияшуда — додани воситаҳои бедардкунӣ ва антибиотикҳо; мувофиқи нишондод дода шудани доруҳои дил ва аналептикҳои нафас (кофеин, кордиамин), препаратҳои антигистамин (димедрол, супрастин ва дигарҳо), транквилизаторҳоро дарбар мегирад. Ёрии тиббии нишондодашаванда фақат чораҳои таъҷилӣ —гузаронидани корҳои оид ба наҷот додани бевосита ярадорон ва зарардидаҳо ва ба ҷойҳои радиатсия кам буда бурда шудани онҳоро дарбар мегирад.

### *4.2. Расонидани ёрии аввали тиббӣ ба зарардидагон дар натиҷаи истифодаи силоҳи кимёвӣ*

*Гузаронидани коркарди қисман ҳангоми зарарбинӣ аз моддаҳои заҳролудкунанда.* Коркарди қисмани махсус одатан иҷрои вазифаи ҷанговарии қисми ҳарбиро надошта мувофиқи фармони командир ё ҳар як хизматчии ҳарбӣ ба таври мустақил ба худ ва ба ҳамдигар мегузаронад. Ҳангоми аз моддаҳои захролудкунанда зарар дидан амалҳои зерин гузаронида мешавад: қабатҳои пӯст, либос, қисми рӯйи ниқоби газ бо тезӣ дегазатсия карда мешавад. Ба ғайр аз ин, таркиби шахсӣ дар вақти иҷрои вазифаи ҷанговарӣ ба силоҳ ва баъзе қисмҳои техникаи ҳарбӣ мерасад, барои ҳамин ҳам ин ҷойҳо дегазатсия карда мешавад.

*Тартиби гузаронидани коркарди санитарии қисман.* Ҳангоми истифодаи моддаи захролудкунанда таркиби шахсӣ дар ниқоби газ ва воситаҳои ҳимояи шахсӣ бошад, қабатҳои пӯст ва либоси шахс баъди аз ҳамин манбаи заҳролудшавӣ баромадан дегазатсия карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар вақти дар ҷойи кушод ҷой гирифтани таркиби шахсии воситаҳои ҳимояро напӯшида агар душман якбора воситаҳои заҳролудкунандаро истифода кунад, бо тезӣ  ниқоби газ пӯшида мешавад, плаши ҳимоя андохта мешавад. Дарҳол қисмҳои зарардидаи қабатҳои пӯст, либос ва сатҳи рӯйи ниқоби газ бо ёрии пакети шахсии зиддикимёвӣ (ИПП-8, ИПП-9, ИПП-10)  дегазатсия карда мешавад. Силоҳ баъди аз ҷойи зарардида баромадан дегазатсия карда мешавад. Дар асоси фармони командир (сардор) плаши ҳимоявӣ, дастпӯшаки ҳимоявӣ, ҷуроби ҳимоявӣ кашида мешавад. Агар ин воситаҳо ҳангоми истифодаи моддаҳои заҳролудкунанда пӯшида шуда бошад, пеш аз кашидани воситаҳои ҳимоявӣ  дегазатсия карда мешавад. Баъди гузаронидани коркарди қисмани санитарӣ ниқоби газ кашида намешавад.

Дар як вақт зарарнок шудани таркиби шахсӣ  бо моддаҳои заҳролуд-кунанда, радиоактивӣ ва воситаҳои бактериалӣ бо ёрии  воситаҳои зиддикимёвӣ онҳоро қисман аз коркарди санитарӣ мегузаронанд. Дар навбати аввал моддаҳои заҳролудкунанда дегазатсия ва воситаҳои бактериалӣ дезинфексия карда мешавад, баъд моддаҳои радиоактивӣ дезактиватсия карда мешавад.

*Воситаҳои барои коркарди қисмани санитарӣ истифодашаванда.* Барои дар шароити саҳро гузаронидани коркарди қисмани санитарӣ аз  маҷмӯъҳои ҳарбӣ ва асбобҳо истифода карда мешавад. Ба ғайр аз ин, пакетҳои шахсии зиддикимёвӣ ИПП-8, ИПП-9, ИПП-10, маҷмӯи дегазатсиякунандаи либос ИДПС-69, пакети хокадори дегазатсиякунандаи  ДПП истифода мешавад.

Пакети шахсии зиддикимёвии  ИПП-8 (Расми 79) — барои дегазатсия кардани моддаҳои заҳролудкунандаи ба ҷойҳои кушоди бадан афтида ва дегазатсия кардани остин, гиребон ва сатҳи рӯйи ниқоби газ истифода мешавад. Пакети шахсии зиддикимёвӣ аз халтаи полиэтилении кафшершуда иборат буда, дар даруни он шишаи моддаи моеъи дегазатсиякунандадор (бо моеъи ҳаҷмаш 135  мл пур карда шудааст) ва чорто тампони пахтагин–докагини 7×10 см мавҷуд аст. ИПП-8, одатан, дар халтаи қисми рӯйи ниқоби газ нигоҳ дошташаванда гирифта гашта мешавад  (Расми 79, а).

Аз пакет ба таври зерин истифода мешавад:

— ҳангоми ба пӯст афтидани моддаи заҳролудкунанда бо зуддӣ пакет ба дасти чап гирифта мешавад, ғилофро даронида зарфи шишагини моеъдор ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




*Расми 79.* Пакети шахсӣ ИПП-8: *а* — намуди умумӣ;
*б* — зарфи шишагини моддаи моеъ; *д* — тампони пахтагин-докагин.

— сарпӯши зарфи шишагин кушода мешавад;

— тампони пахтагин-докагин ба маҳлул нам карда шуда, ҷойҳои моддаи заҳролуд шудаи бадан (бо ҳамин моеъ дар давоми 1—2 дақиқа) нағзакак пок карда мешавад. Ҳангоми пок кардани рӯй бояд ҳаракат намуд, ки ба чашм моддаи моеъ наафтад.

Агар қатраи моддаҳои захрнок ба либос расида бошад, сӯрохии шиша қисман маҳкам карда шуда, ҷойҳои моддаи заҳролуд расидаи либос нам карда мешавад ва бо ёрии тампон пок карда мешавад. Баъди гузаронида шудани коркард моеъи дар бадан монда бо ёрии тампони хушки пахтагин-докагин хушк карда мешавад.

Сарпӯши зарф маҳкам карда мешавад ва боз ба халтаи ниқоби газ андохта мешавад. Ёрии тиббии дар майдони ҷанг расонидашаванда аз ёрӣ ба худ, ҳамдигар ва ёрии аз тарафи инструкторҳои санитарӣ ва санитарҳо нишон додашаванда иборат аст.

Дар ин ҳолат ба зарардидаҳо:

— бо зудӣ ниқоби газ пӯшонида мешавад;

— аз доруқуттии шахсӣ ё сумкаи қӯшунҳо зидди-захр (афин, будаксим) фиристода мешавад;

— бо ёрии ИПП-8, ИПП-10 ва воситаҳои дигар коркарди қисман гузаронида мешавад;

— ба зарардидаҳо мувофиқи нишондод нафаси сунъӣ дода мешавад;

— мувофиқи нишондод аз манбаи зарар бароварда мешавад (гирифта бурда мешавад);



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




*Расми 80.* Шприс-тюбик: *1* — тюбики пластмассагии антидот андохта; *2* — антидот; *3* — канюла; *4* — мембрана; *5* — сӯзан; *6*

— зарардидаҳо бо зудӣ ба пункти тиббӣ аз тарафи санитар ё наклиёти дигар дар воситаҳои ҳимоявӣ (дар навбати аввал зарардидаҳои аҳволашон вазнин) эвакуатсия карда мешавад.

Бо пайдо шудани аломатҳои аввалини клиникии заҳролудшавӣ (хурд шудани гавҳвараки чашм, миоз, душвории нафасгирӣ ва дигарҳо)

Бо ёрии шпритс–тюбики зидди моддаҳои заҳролудкунандаи фосфорорганикӣ (расми 80) аз тарафи худ ё ҳамдигар ба зери пӯст ё байни мушакҳо дору фиристода мешавад.

Барои ба байни мушакҳои фиристодани моддаи зиддизаҳрӣ (антидот) гардиши қиррадорро аз рӯйи резбаи дар канюла буда (*3*) то сарҳадаш тела дода мешавад ва бо қувва 2—3 маротиба тоб дода мешавад. Дар ин ҳол сӯзани инексия (*4*) пардаи тюбики пластмассагиро шикоф мекунад , сарпӯши (*5*) сӯзанро маҳкам карда гирифта мешавад (*6*), баъд тюбикро аз асосаш (*1*) дошта, то дар нӯги сӯзан пайдо шудани моеъ (*2*) ҳаво бароварда мешавад ва ба зери пӯст ё байни мушакҳои шахси зарардида сӯзан зада, моеъ фиристода мешавад (Расми 81. Ҳаминро бояд дар хотир дошт, ки дар шпритс-тюбик андак моеъ мемонад.

Баъди истифодабарӣ шпритс-тюбик ба кисаи шахси зарардида андохта мешавад ё бо ёрии сӯзанак ба либоси ӯ овезон карда мешавад.Ин маънои фиристода шудани моддаи зиддизаҳриро мефаҳмонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Расми 81.*

Вақтҳои охир барои истифода дар ҳудудҳои аз ҷиҳати кимёвӣ зарардида шприцҳои автоматикии бисёр маротиба истифодашаванда истеҳсол шуда истодаанд. Шприцҳои автоматикии бисёр маротиба истифодашаванда аз ускунаи ба кор андозанда, халтаи бисёр маротиба истифодашаванда ва капсулаи стерилии бо моеъи зиддизаҳрӣ пур кардашуда иборат аст.

Хавфи аз тарафи душман истифода шудани моддаҳои заҳролудкунанда пайдо шавад, мувофиқи фармони командир дуто ҳабдоруи зидди моддаҳои фосфорорганикӣ «препарат П-6» бо оби профилактики зиддизаҳрӣ хӯрда мешавад, баъди 5 соат боз 2 то ҳабдору хӯрда мешавад.

## *Саволҳои назоратӣ*

1. Ҳангоми зарарнокшавӣ аз маҳсулоти аз таркиши силоҳи ядроӣ ҷудошуда тадбирҳои коркарди санитарӣ аз чиҳо иборат мешавад?

2. Ба чораҳои табобатӣ–эвакуатсионӣ дар манбаи таркиши силоҳи ядроӣ чиҳо медароянд?

